ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БАРНОМА ВА МОДУЛИ ТАЪЛИМИИ ОМӮЗИШӢ БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ МЕҲНАТ (ОИД БА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ)

Душанбе
Маориф
2017

**ББК. 81,2.тоҷик Я72+74**
**Ш-23**

Ш-23. Азизов Абдулатиф, Рӯзиева Мавлюда, Азизов Шерзод, Насимӣ Мунзифахон. **Барнома ва модули таълимии омӯзишӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни технологияи меҳнат (оид ба муносибати босалоҳият дар таълим).** Душанбе, Маориф 2017

Барномаи мазкур намунавӣ буда, бо мақсади омода намудани омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) барои татбиқи стандарти фаннии нав ва гузариш ба муносибати таълими салоҳиятнокӣ таҳия шудааст. Барномаи таълимии мазкур омӯзгоронро бо назария, принсип, методологияи таълиму тарбия ва арзёбии таълими салоҳиятнокӣ шинос намуда, ба онҳо имконияти дарк ва истифодаи стандарти нави фанҳоро фароҳам меорад.

**ISBN 978-99947-1-432-0** **© Маориф 2017**

## Пешгуфтор

Дар ҷаҳони имрӯза вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои ахбор (интернет, телевизион ва ғайраҳо) танҳо бо дониши замонавӣ таъмин будани шаҳрвандон кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавӣ ва ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонда, барои ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид намудани таҳсилоти миллӣ тадбирҳо андешанд. Соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020»-ро ба тасвиб расонд. Таълими ба ташаккули салоҳиятнокӣ равонагардида, ки ҳарду вазифаи таҳсилотро вобаста ба натиҷаи он муайян менамояд, салоҳиятҳои асосии таълими хонандаро дар баробари дониш, маҳорат ва малака ба сифати яке аз натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ менамояд. Барои иҷрои вазифаи мазкур дар синфҳои ибтидоӣ озмоиш ба амал оварда, аз сентябри соли 2016 синфҳои ибтидоӣ пурра ба муносибати нави таълимӣ гузаронида шуданд. Озмоиш аз фанҳои математика ва забони модарӣ дар 24 муассисаи таҳсилотӣ ба роҳ монда шуд. Дар назар аст, ки аз соли таҳсили 2018 таълимӣ як қатор фанҳо дар доираи талаботи салоҳиятҳои асосии таълимӣ ҷори карда шавад.

Барнома ва модули мазкур технология ва методологияи гузариш ба муносибатҳои босалоҳиятро дар низоми таҳсилоти миллӣ дар бар гирифта, барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таълимии равияи омӯзгорӣ дошта ва хоҳишмандон пешниҳод карда мешавад.

**Барномаи таълимии мазкур барои** 48 **соат таҳия шудааст.** Мазмун ва мундариҷаи барномаи мазкур дар чор боб

баррасӣ мешавад:

Боби 1. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир;

Боби 2. Ҷанбаҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок ва кор бо маводди таълимию омӯзишӣ.

Боби 3. Таҳлили ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳо вобаста ба муносибати салоҳиятнок ба таълим;

Боби 4. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар таълими салоҳиятнок.

**Боби 1. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир**

Дар боби мазкур масъалаҳои назариявию амалии муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим мавриди омӯзиш қарор мегирад, мафҳуми таълими салоҳиятнок, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методи он мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар бораи назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд, маълумот дода мешавад. Дар боби мазкур умумият ва тафовути хусусиятҳои таълими анъанавӣ ва салоҳиятнок мавриди баррасӣ қарор гирифта, сабаби ворид намудани тағйирот дар муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳои таълими салоҳиятнок ҳаллу фасл мегардад.

**Боби 2. Ҷанбаҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок ва кор бо маводди таълимию омӯзишӣ**

Боби мазкур ба омӯзгорон барои таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад, имконият фароҳам меорад. Омӯзгорон мавқеи асосии салоҳиятҳоро ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим муҳокима намуда, хулосаҳои зарурии худро иброз медоранд ва вобаста ба шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ корҳои амалӣ иҷро менамоянд.

**Боби 3. Таҳлили ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳо вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим**

Боби мазкур масъалаҳои методикаи умумӣ ва мушаххаси

фанҳои таълимиро фаро гирифта, тавассути намунаи лаҳзаҳои дарсӣ, коркард ва муаррифии он дар бораи технологияҳои таълим, метод, шаклҳо ва иҷрою муҳокимаи супоришҳои таълимӣ, ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳои низоми таълими салоҳиятнокиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳад. Тавассути азхудкунии маводи таълимии боби мазкур омӯзгорон бо методҳои гуногуни муосир шинос шуда, онҳоро муҳокима, таҳлил ва машқ мекунанд.

**Боби 4. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар таълими босалоҳият**

Дар боби мазкур ду ҷанбаи арзёбӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад: арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии ҷамъбастӣ. Ин ду усули арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ мавқеи хос доранд. Намунаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, дар раванди машғулиятҳо иштирокчиён тавассути машқҳои амалӣ ва методҳои гуногун арзёбиро машқ ва иҷро менамоянд.

**Мақсади барнома**:

Мақсади асосии барномаи мазкур шиносоӣ бо раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар зинаи таҳсилоти умумӣ ва ташаккули дониш, малака ва маҳорати омӯзгорони риштаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба таълими салоҳиятнок, шиносоӣ, интихоб ва истифодаи методҳои таълиму арзёбӣ барои татбиқи самараноки стандарт ва барномаҳои нави таълим мебошад.

**Барномаи омӯзишӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим**

**Нақшаи**
**таълимии курси омӯзишӣ (48 соат)**

| № | Қисмат/бобҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Муносибати салоҳиятнок ба таълим ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир | 12 | 6 | 6 |
| 2. | Ҷанбаҳои асосии татбиқи муносибати босалоҳият ва кор бо маводи таълимию омӯзишӣ | 8 | 2 | 6 |
| 3. | Таҳлили ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳо вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим | 18 | 6 | 12 |
| 4. | Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар таълим | 10 | 4 | 6 |
| **Ҳамагӣ** | | **48** | **18** | **30** |

Нақшаи
тақвимии барномаи курси омӯзишӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)

| № | Қисмат/бобҳои барнома | **48** соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | амалӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| I. | Муносибати салоҳиятнок ба таълим ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир | **12** | **6** | **6** |
| 1.1. | Муносибати салоҳиятнок ба таълим: зарурат, мафҳумҳои асосӣ, шаклҳо ва таснифот. Принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълим. Зарурати тағйири муносибат ба таълим. | **8** | 4 | 4 |
| 1.2. | Назарияҳои мусоидаткунанда барои ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагон. | **4** | 2 | 2 |
| **II.** | Ҷанбаҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок ва кор бо маводди таълимию омӯзишӣ | **8** | **2** | **6** |
| 2.1. | Муносибати босалоҳият омили баланд шудани сифати таълим. Навъҳои салоҳият | 2 | 1 | 1 |
| 2.2. | Таҳияи стардарт ва барномаи таълими тибки муносибати босалоҳият дар таълим | 2 | 1 | 1 |
| 2.3. | Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим – марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо | 1 | - | 1 |
| 2.4. | Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбии раванд ва натиҷаҳои таълим | 1 | - | 1 |
| 2.5. | Салоҳиятҳо ҳамчун восита барои мақсадгузорӣ | 1 | - | 1 |
| 2.6. | Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ | 1 | - | 1 |
| III. | Таҳлили ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳо вобаста ба муносибати салоҳиятнок ба таълим | **18** | **6** | **12** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3.1. | Технологияҳои раванди педагогӣ: дар низоми муносибати босалоҳият дар таълим | **4** | 1 | 3 |
| 3.2. | Намунаи методҳои умумӣ ва мушаххаси фаннӣ дар муносибати салоҳиятнок | **8** | 2 | 6 |
| 3.3. | Марҳалаҳои дарс мувофиқи талаботи технологияи таълими фаъол ва нишондоди муносибати салоҳиятнок. | **2** | 1 | 1 |
| 3.4. | Таҳияи лаҳзаи дарсҳои намунавӣ ва муаррифии он бо назардошти қисмати методикаи таълим. | **2** | 1 | 1 |
| 3.5. | Сохтори нақшаи дарсҳои роҳнамои омӯзгор. Намунаи нақшаи дарс | **2** | 1 | 1 |
| IV. | Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар муносибати босалоҳияти раванди таълим | **10** | **4** | **6** |
| 4.1. | Мафҳум, принсипҳои асосӣ, мақсадҳо ва вазифаҳои арзёбӣ. Навъҳои арзёбӣ | **4** | 2 | 2 |
| 4.2. | Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим | **2** | 1 | 1 |
| 4.3. | Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ. Меъёрҳои арзёбӣ. Алоқаи арзёбӣ ва раванди таълим | **4** | 1 | 3 |

**1. Муносибати салоҳиятнок ба таълим ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир** (12 **соат)**

**1.1. Муносибати салоҳиятнок ба таълим: зарурат, мафҳумҳои асосӣ, шаклҳо ва таснифот. Принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълим. Зарурати тағйири муносибат ба таълим. (8** соат)

Сабабҳои асосии тағйирот дар муносибатҳо ба таълим (мундариҷа ва раванди таълим), талабот ва нақшаҳои «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020». Моҳияти таълими салоҳиятнок ва таҳлили норасоиҳои он.

Кори амалӣ бо ҷадвали муқоисавии натиҷаҳои таълим.

Талаботи ҷомеаи муосир ва таҳлили ақидаҳои Аткинсон Р., Вербитский А.А., Болотов В.А., Сериков В.В ва дигарон нисбат ба тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ ва раванди таҳсилот.

Шарҳи мафҳуми салоҳият, салоҳиятнокӣ дар адабиётҳои илмию педагогӣ ва марҳилаҳои пайдоиш. Таълими салоҳиятнок шаклҳо ва таснифоти он. Хусусиятҳои раванди таълим ва муносибатҳо дар таълими салоҳиятнок. Таҳлили хусусиятҳои асосии раванди таълими салоҳиятнок дар адабиёти методӣ. Методологияи таълими салоҳиятнок.

Муқоиса, таҳлилу арзёбии хусусиятҳои таълими анъанавӣ бо талаботи нав. Таҳлили назарияи таълимии Я.А. Коменский. Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ.

Кори амалӣ бо ҷадвали муқоисавии хусусиятҳои фарқкунандаи таълими анъанавӣ ва салоҳиятнок.

1.2. **Назарияҳои мусоидаткунанда барои ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагон (**4 **соат)**

Фардикунонии раванди таълим. Мақсади асосӣ ва принсипҳои таълими хонандамеҳвар. Вазифаи омӯзгор дар таълими хонандамеҳвар. Шахсикунонӣ ва фардикунонии ҷавобҳои хонандагон. Арзёбӣ дар таълими хонандамеҳвар.

Масъулияти омӯзгор ва хонанда дар таълими хонандамеҳвар.

Л. С. Виготский: «Минтақаи наздиктарин ва актуалии инкишоф» ва ворид гаштани он ба илмҳои педагогикаю равоншиносии ҷаҳонӣ. Таҳлили назарияи Л. С. Виготский «Минтақаи наздиктарин ва актуалии инкишоф». Зарурати ба эътибор гирифтани минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф ҳангоми банақашгирии дарс.

Назарияи гуногунии зеҳни Ҳовард Гарднер. Таҳлили ҳашт навъи зеҳн.

Системаи нишондиҳандаҳои натиҷаи таълими Блум Бенҷамин Сэмюэл–равоншинос ва педагог, профессори соҳаи педагогикаи Донишгоҳи Чикаго. Шиносоӣ бо «Таксономияи мақсадҳои таълим» ва дараҷаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ. Таҳлили ҳар як зина, дараҷаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ва мақсади дидактикии он тавассути амалҳои гуногуни таълим.

2. **Ҷанбаҳои асосии татбиқи муносибати босалоҳият ва кор бо маводи таълимию омӯзишӣ** (8 **соат)**

**2.1Муносибати салоҳиятнок ба натиҷаҳои таълим.** Навъҳои салоҳият **(2** соат).

Шиносоӣ бо стандартҳои фанҳои табиӣ-риёзии зинаи таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ. Кор бо стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ, маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳидаи табиӣ-риёзӣ ва консепсияи ташаккули салоҳиятҳо.

Кор бо роҳнамои омӯзгор, тарзи банақшагирии раванди ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ.

**2.2 Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи стардарт ва барномаи таълим** (2 **соат)**

Сохтор ва талаботи стандарти фаннӣ дар зинаи асосӣ ва миёнаи умумӣ вобаста ба фанҳои таълимӣ. Таҳлили салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фаннӣ вобаста ба стандарти фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мисоли лоиҳаи фанни технология (таълими меҳнат) 5-10.

**2.3 Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим – марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо** (1 соат)

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзуъҳои “Маҳорати педагогӣ”, “Меомӯзем ё меомӯзанд?”(марҳилаҳои омодагӣ, истифода ва таҳлил), “Баҳодиҳии натиҷаҳои омӯзиш”, “Умумият, фарқият, саволҳо”, “Ман чӣ гуна омӯзгорам”.

**2.4 Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбии раванд ва натиҷаҳои таълим** (1 соат)

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзӯъҳои “Мазмуни таълимро чӣ гуна меомӯзем”, “Омӯзиши бародар ва хоҳарони худ”, “Маъмулан мо чиро меомӯзонем”, “Чӣ гуна донишҳоро аз малака ва кӯшишҳо фарқ кардан мумкин аст?”, “Кадом салоҳиятҳоро ман меомӯзонам?

**2.5 Салоҳиятҳо ҳамчун восита барои мақсадгузорӣ** (1 **соат)**

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзӯъҳои “Банақшагирии раванди таълим аз чӣ оғоз мешавад?”, “Кадом китоби дарсӣ беҳтар аст?”, “Мақсадҳо чӣ гуна мешаванд?”, “Мақсадҳои дарсро таҳия менамоем” ва “Нуқтаи такягоҳиро муайян мекунем”. Омӯзгор дар асоси мушкилоти хонандагон дарсро ба нақша мегирад.

**2.6 Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ** (1 **соат)**

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзӯъҳои “Дарсҳо доир ба гирифтани дониш аз дарсҳои ба ташаккули малакаҳо равонагардида бо чӣ фарқ мекунанд?”, “Шиносоӣ бо хазинаи супоришҳо”, “Супориш/машқҳо чӣ гуна мешаванд?”, “Гурӯҳбандии супоришҳои таълимӣ”, “Шиносномаи супориши таълимӣ”, “ Гунаи шиносномаи супориши таълимии ман”, “Таҳияи шиносномаи супоришҳои таълимӣ”.

**3. Таҳлили ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳо вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим** (18 соат)

**3.1 Технологияи раванди педагогӣ**: **технология ва методҳои таълим. Технологияи таълими фаъол. Технологияи**

**таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда. Технологияи омӯзиши лоиҳавӣ. Технологияи таълими интерактивӣ (4** соат)

Мафҳумҳои «технология», «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим», «технологияи омӯзиш». Мафҳуми “метод” ва “методикаи таълим”. Методикаи таълим чун ҷузъи технологияи таълим. Технологикунонии ҷараёни таълим: технологияҳои педагогии худмуаяйнкунӣ ва гурӯҳбандии мазмуни таълим, ташаккули қобилиятҳо тавассути ҳалли мушкилот, технологияҳои омӯзишии ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронидашуда. “Супориши интерактивӣ чист ва онҳоро чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст?”, “Нишонаҳои супориши интерактивӣ”, “Дар куҷо ва чӣ ба нақша гирифта шудааст?”, “Худ ба нақша мегирем”, “Сифати банақшагириро тафтиш мекунем”, “Кӣ нисбатан захираҳоро дар вақти иҷрои кор самаранок истифода мебарад”.

**3.2.Намунаҳои методҳои умумӣ ва мушаххаси фаннӣ: ангезиши зеҳн, кластер, чархи андешаҳо**, **харитаи андешаҳо, Шаршара, Шарҳи категориявӣ**, **диаграммаи Венн, ИНСЕРТ, МДД, Т- схема, Ҷобаҷогузорӣ**, **Мизи мудаввар, Ҷиксо, Таҳлили морфологӣ, Намоиши кубӣ**, **Чӣ тавр?, Синквейн ва ғайра. (8 соат)**

Намунаи методҳои умумии таълим. Намунаи методҳои хусусии фаннӣ. Фарқи байни методҳои умумӣ ва хусусии фаннӣ.

Кори амалӣ: мутобиқгардонии методҳои умумии таълим ба фанни таълимӣ. Намоиши корҳои амалӣ.

**3.3.Марҳалаи омодагӣ ба таҳияи нақшаи дарс. Марҳалаҳои дарс мувофиқи талаботи технологияи таълими фаъол ва нишондоди муносибати салоҳиятнок. Сохтори дарсҳои муаррифии донишҳои нав** (2 **соат)**

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзӯъҳои “Чӣ тавр самаранокии омӯзишро таъмин намудан мумкин аст?”, “Чӣ тавр мақсадҳои хуб таҳияшударо фаҳмидан мумкин аст?”, “Шиносномаи таҳияи мақсадҳои дарс”, “Қадамҳо ё раванди

таҳияи мақсадҳои дарс”, “Тарзи баёни мақсадҳоро беҳтар мекунем”, “Оё супоришҳо мувофиқанд?”.

**3.4.**Таҳияи лаҳзаи дарсҳои намунавӣ ва муаррифии он бо назардошти қисмати методикаи таълим. Навиштани нақшаи дарс дар асоси дастурҳои мушаххас **(2 соат)**

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзӯъҳои “Омодагӣ ба дарс чӣ маъно дорад?”, “Мо чӣ кор бояд кунем?”. Таҳия дарс дар асоси намуна. “Муайян намудани сатҳ ва хусусиятҳои асосии банақшагирӣ”, “Гурӯҳбандӣ ва муайянкунии мақсадҳои нақшаи дарс аз рӯйи хусусиятҳои асосии банақшагирӣ”. Банақшагирии намунавии дарс. **(2 соат)**

**3.5.**Сохтори нақшаҳои дарсҳои роҳнамои омӯзгор. Намунаҳои нақшаи дарсҳо. Интихоби сохтори дарс. Таҳияи нақшаи дарси намунавӣ барои фан ва синфи муайян аз ихтисос. Муаррифии лаҳзаҳои дарси намунавӣ бо назардошти қисмати методикаи таълим. **(2 соат)**

**4. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар таълим (10 соат)**

**4.1 Мафҳум, принсипҳои асосӣ, мақсадҳо ва вазифаҳои арзёбӣ. Проблемаҳои системаи арзёбии анъанавӣ. Навъҳои арзёбӣ** (4 **соат)**

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзӯъҳои “Арзёбӣ чист? Нисбати масъала оид ба арзёбӣ” “Оид ба муайянкунии арзёбӣ”, “Навъҳои арзёбӣ”, “Ба навъҳо ҷудо кардан аз рӯйи талаботи пешниҳодшуда”, “Кадом усулҳои педагогӣ истифода шуданд”, “Усулҳо барои чӣ лозим аст?”, “Ҳадафи усулҳо”.

**4.2 Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим.** Зарурати масаъалаи арзёбӣ **(2 соат)**

Кори амалӣ: тавассути муҳокимаи мавзӯъҳои “Арзёбӣ барои чӣ лозим аст?”, “Оё бе арзёбӣ мумкин нест?”, “Чӣ тавр баҳогузорӣ мекунем?”, “Баҳодиҳии гуногунро ба нақша мегирем”, “Баҳодиҳии дохилӣ”. Ташкили мубоҳиса, омода-

гӣ, гузаронидан ва ҷамъбасти мубоҳисаҳо.

**4.3 Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ**. Тартиби та**ҳия ва гузарондани арзёбии ҷамъбастӣ**. **Қоидаҳои асосии таҳияи тест. Намунаҳои супоришҳои тестӣ** (4 **соат)**

Мафҳуми арзёбии ташаккулдиҳанда ва хусусиятҳои хоси он. Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда: арзёбии ташаккулдиҳанда ҷузъи асосии банақшагирии дарс аст; ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронида шудааст; ҳамчун меҳвари дарс, ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор асоснок карда шуда қобили қабул гашта аст; ба шавқу ҳаваси хонандагон нигаронида шуда аст; мақсади таълим ва меъёрҳои он барои таъсир расондан ба рушди минбаъдаи хонанда худбаҳодиҳии хонандагон; ба дастовардҳои таълимии хонанда равона карда шудааст.

Кори амалӣ: намунаи шаклҳо ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ. Кор бо намунаҳо. Шаклҳои шифоҳӣ ва хаттии арзёбии ташаккулдиҳанда.

**Модули таълимии омӯзишӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим**

**Боби 1. Муносибати салоҳиятнок ба таълим ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир**

**§1.1. Муносибати босалоҳият ба таълим: зарурат, мафҳумҳои асосӣ, *шакл*ҳо ва таснифот**

**Супориш:**

1. Ба назари Шумо таълими имрӯзаи анъанавии мо чӣ камбудӣ дорад? Ҳамчун омӯзгор Шумо аз кадом паҳлуи таълим қонеъ нестед?

2.Низоми таълими анъанавӣ чӣ бартарӣ ва чӣ камбудӣ дорад? Ҷадвал тартиб дода дар он ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таълими анъанавиро нависед.

3. Ба назари Шумо чаро солҳои охир масъалаи тағйири муносибат ба таълим ба миён омадааст? Чаро дар тамоми дунё дар бораи беҳтар кардани сифати таълим баҳс меравад?

Фикр кунед, андешаҳои худро бо ҳамнишинатон мубодила намуда, як фикрро муаррифӣ намоед.

Барои дарки зарурати гузариш ба муносибати бо салоҳият дар таълим муҳим аст, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ таҳлил карда шавад. Дар давраҳое, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва шарҳӣ-аёнӣ ташаккул ёфта, ба қуллаҳои баланди худ расида буд, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор доштанд. Масалан, аксари фаъолиятҳои истеҳсолот ба таври дастӣ сурат мегирифт, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд буданд. дар он давра шахсеро босавод мешумориданд, ки ахбори зиёдеро аз бар карда бошад.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидан ба системаи ягонаи таҳсилоту талаботи системаи болонӣ моро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша ронем. Дар ин самт ақидаи олимон (нигаред ба рӯйхати адабиёт) нисбат ба ворид намудани тағйирот ба таълими анъанавӣ вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ чунин аст:

Ба ақидаи Аткинсон Р. дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолии хонандагон таъсири кам дорад. Илова бар ин миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии он зиёд мебошад.

Вербитский А.А. чунин қайд намудааст: “Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин намуна, таҷриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда порчаи алоҳидаи замонро ифода мекунанд. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва мавқеи таълим паст мегардад. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Яъне онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии масъалаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд.”

Болотов В.А. ва Сериков В.В. якчанд омилро нисбат ба камнуфуз шудани низоми кунунии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи онҳо “... тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилоте, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст. Дар айни замон бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки низоми таълимии ба дониш нигаронидашуда ба буҳрони амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Буҳрони мазкур якчанд сабаб дорад.

Яке аз сабабҳо ба тағйир ёфтани моҳияти дониш ва таҷрибаи ҷомеа вобастагӣ дорад: айни замон ба даст овардани ахбор соҳаи муҳими фаъолияти касбии инсон гашта, асоси ҳама гуна истеҳсолоти муосирро ташкил медиҳад. Суръати нав шудани донишҳо бо тағйир ёфтануислоҳоти дастгоҳҳои истеҳсолӣ баробар шудааст. Маҷрои бузурги ахборро, ки то мактабро хатм кардани хонанда куҳна мешавад, акнун дар чаҳорчӯбаи барномаи таълим ҷо додан ғайриимкон аст. Таълим додани "маълумоти дақиқ" муҳим аст, аммо агар имконияти сари вақт иваз кардани унсурҳои он фароҳам оварда нашавад, он гоҳ мо наметавонем хонандаро ба ҳаёт омода намоем... Сабаби дигари буҳрони низоми таълими ба дониш нигаронидашуда дар он аст, ки зарурати пур кардани хотираи кӯдакон бо ахбори барзиёд аз байн рафтааст, зеро маъхазҳои дигари нигоҳ доштани ахбор мавҷуданд. Ба хонандагон бояд тарзи истифодаи ин маъхазҳо омӯзонида шавад."

Аз нигоҳи дигар, бо назардошти пешрафти илм ба назария ва принсипҳои дидактикии таълим низ тағйироти зиёде ворид шуда истодааст, ки онро ба назар гирифтан зарур аст. Дар ин маврид ақидае мавҷуд аст, ки ташаккули салоҳиятҳоро дар алоқамандӣ бо таълими анъанавӣ ба роҳ мондан зарур аст. Дар айни ҳол муҳаққиқони таълими босалоҳият бар он назаранд, ки роҳи ягонаи ташаккули салоҳиятҳо тавассути гузориши проблема барои хонанда дар доираи мазмуни таълим вобаста ба ҳалли он дар вазъиятҳои гуногуни таълимию ҳаётӣ ба вуҷуд меояд. Яке аз методҳои маъмули он "таҳлили вазъиятҳои мушаххаси таълимӣ" ном дорад, ки он дар амалия ба принсипи дидактикии таълим - алоқамандии назария бо амалия хеле наздикӣ дорад. Аммо дар таълими босалоҳият доираи фаъолияти ин принсип тағйир меёбад, ки онро Хуторской А.В. чунин дарҷ намудааст: "Муносибати таълим: аввал назария, сипас истифодаи он дар таҷриба роҳи ягонаи дуруст ба шумор намеравад. Принсипи алоқамандии назария бо амалия роҳи алтернативиро дорад, яъне назария бо амалия алоқаманд намешавад, балки дар натиҷаи фаъолияти амалии хонандагон аз дарку татбиқи онҳо бармеоянд"[1]. Дар ҳолати

1 Хуторской, А. В. Современная дидактика: учеб.

муайян намудани мувозинати байни таълими анъанавӣ ва таълими босалоҳият, бо назардошти хусусиятҳои равонии хонандагон, бо мақсади ноил шудан ба натиҷаи зарурӣ ва ташаккули салоҳиятҳо оид ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълим зарур аст. Шумо метавонед дар омӯзиши маводди таълим ду самтро истифода баред:

а) ба таври анъанавӣ аз назария ба амалия (ба шарте ки мароми хонандагонро дар раванди омӯзиши маводи назариявӣ таъмин карда тавонем);

б) ба воситаи муносибати босалоҳият аз амалия ба назария (ҳамчун усули беҳтарин барои ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятҳо).

Ин вариантҳо бояд дар раванди таълим ҷойи худро дошта бошанд ва интихоби онҳо ба омилҳои зерин вобаста аст:

- ба эътибор гирифтани имкониятҳои синнусолии хонандагон;
- ба эътибор гирифтани хусусияти маводди омӯзиш;
- ба эътибор гирифтани сатҳи рушди фаъолияти умумитаълимии хонандагон.

Як масъалаи муҳиме, ки зарурати ворид намудани тағйиротро тақозо менамояд, ба сохтори масъала ва таҳлилҳои амиқи илмию методӣ ҳамаҷониба назар кардан аст, зеро бо ворид шудани муносибатҳои нав дар натиҷаҳои таълим ҳамгироии истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт мусоидат мекунад ва ба баланд бурдани сифати таълим оварда мерасонад.

Масъалаи салоҳиятҳои таълимӣ бошад, ҳадафҳои дурнамои таҳсил буда, ҳамчун маҳаки асосии меъёри сифати таълим ва стандартҳои он хизмат мекунад. Ба ақидаи В.

---

пособие/А. В. Хуторской. – М. : Вќсшая школа, 2007.

Байденко[2] муносибати босалоҳият имкониятҳои зеринро ба вуҷуд меорад:

- баёни донишҳо бо истифода ва тарзи омӯхтани он ҳангоми гузариш ба таҳсилоти касбӣ;
- гузариш аз талаботи байнифаннӣ ва ҳамгирои ба натиҷаҳои раванди таълим;
- пайвастани мақсадҳои таълим бо истифода аз вазъиятҳои гуногун дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи бозори меҳнат;
- равона кардани фаъолияти инсон ба вазъиятҳои гуногуни беохири касбӣ ва ҳаётӣ.

Фалсафаи муносибати таълими босалоҳият хусусияти татбиқи онро муайян мекунад. Вобаста ба ин амалисозии он байни омӯзгор ва хонанда (донишҷӯ) муносибати баланди маданияти ҳамкориро талаб мекунад.

Яке аз сабабҳои асосии тағйирот дар муносибати таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» мебошад. Тибқи он "Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд."[3]

Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти муносибат ба таълимро мушаххас карда, гузаришро аз шакли таълими кунунӣ (ба дониш асосёфта) ба шакли таълими салоҳиятнок ба нақша мегирад. Қарори мазкур дар асоси таҳқиқоту мушоҳидаҳои назариявию амалӣ қабул шудааст.

---

2 Байденко А. Компетенїии в профессиональном образовании // Вќсшее образование в России. – 2004. – № 11. – С. 3-13.

3 Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2012.

Зарурати ислоҳоти соҳа бо назардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аз силсилаи омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот вобастагӣ дорад.

Муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа талаботи шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад. Талаботи нав барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро ба вуҷуд меорад, ки онро дар сатҳи ҷумҳурӣ бояд татбиқ намуд;

➢ ворид намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, дар "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020", "Стандарти давлатии таҳсилот" ва "Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ (соли 2016)" дарҷ шудаанд. Вобаста ба ин аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ сар карда муносибати таълими босалоҳият давра ба давра татбиқ карда мешавад;

➢ заминаи асосӣ, ки дар синни хурди мактабӣ гузошта мешавад, дар зинаҳои минбаъда ташаккул меёбад. Аз ин лиҳоз, бе гузоштани асос дар синфҳои ибтидоӣ малакаи мустақилона ба даст овардани донишро ташаккул додан ғайриимкон аст. "Муқаррар шудааст, ки хонанда зиёда аз 80%-и натиҷаҳои дониши ба даст овардаашро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба хотир мегирад ва дар тӯли ҳаёт истифода мебарад"[4];

➢ муносибати босалоҳиятнок ба таълим дар фаҳмиши умумӣ ҳамчун сифати олии дараҷаи касбияти мутахассис фаҳмида мешавад. Вале ташаккули мақсадноки салоҳият муддати тӯлониро талаб мекунад ва ин маънои онро дорад, ки аз давраи хурди мактабӣ онро оғоз намудан лозим аст. Дар бораи зарурати ворид намудани таълими босалоҳият дар зинаи ибтидоии таълим Хуторской А.В. (яке аз муҳаққиқони таълими босалоҳият) чунин баён на-

---

[4] Подласќй, И. П. Педагогика начальной школќ: учебник для студентов пед. уч-ѓ и колледљей / И. П. Подласќй. – М. : ВЛАДОС, 2008.

мудааст: “... мо мафҳуми салоҳиятҳои таълимиро ҳамчун як тартиб ворид менамоем, на ба хотири он ки яку якбора дар синфи ёздаҳум ин салоҳиятҳо ба даст оварда шаванд, балки имконияти пай дар пай рушд додан ва ё то ҳадди имкон самти ҷараёни таълим ба салоҳиятнокӣ оварда расонад”[5];

- яке аз махсусияти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим дар он зоҳир мешавад, ки он ҳамчун маҷмӯи ягонаи истифодаи дониш, малака ва маҳоратҳо фаҳмида мешавад. Дар муносибати салоҳиятнокӣ раванди таълим хусусияти таҳқиқотӣ ва ба амалия нигаронидашударо гирифта, ба объекти омӯзиш мубаддал мегардад. Вобаста ба ин муносибати салоҳиятнокӣ ин муносибатест, ки ба татбиқи хусусияти амалии таълим равона гардида, раванди таълим ба натиҷаи амалӣ нигаронида мешавад. Аз ҳамин сабаб дар назарияи омӯзиш ва тарбия мафҳуми “салоҳиятнокӣ” ба вуҷуд омад, ки қобилияти равона кардани дониш, малака, маҳорат, тарзи рафтор дар шароиту вазъиятҳои мушаххас ва махсуси фаъолиятро мефаҳмонад.

Пеш аз баррасии таълими салоҳиятнокӣ мехоҳем маънии мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” – ро таҳқиқ кунем. Агар ба масъалаи мазкур аз назари нозукуҳои филологӣ назар андозем, пас ду нуқтаи назари мухолифро оид ба ин мафҳумҳо баръало мушоҳида кардан мумкин аст.

Яке аз онро М.Е. Бершадский чунин қайд намудааст: “Мафҳуми салоҳиятнокӣ фаҳмиши наверо, ки аз доираи мафҳуми “малака” берун бошад, дар бар намегирад; ҳамаи он ақидаҳо оид ба салоҳият ва босалоҳият сохта ба вуҷуд омадаанд, ки проблемаҳои куҳнаро дар “либоси нав” ба бар гирифтаанд.

Ақидаи мухолиф бештар ба хулосаҳои мантиқӣ асос ёфтааст, ки маҳз муносибати салоҳиятнокӣ ба ҳамаи мазмун ва ҷабҳаҳояш самтҳои асосии раванди навгониро ба пуррагӣ инъикос менамояд. Маҳз дар доираи чунин ақидаҳо тасдиқоти зерин ба вуҷуд омадааст:

[5] Пиявский С.А. Научно-ориентированное обучение / Доклад́ 4-й Всероссийской дистанїионной августовской педагогической конференїии «Обновление российской школ́» (26 августа - 10 сентября 2002 г.). - http://www.ӯidos.кғ/conf/

- муносибати салоҳиятнокӣ ба дархости соҳаи истеҳсолот ҷавоб мегӯяд (Т.М. Ковалёва);
- муносибати салоҳиятнокӣ такмилдиҳандаи мазмуни таълим буда, ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ҷавоби воқеӣ мегӯяд (И.Д. Фрумин);
- муносибати салоҳиятнокӣ ин ба вуҷуд овардани шароит барои ҷамъбасткунӣ ва хулосабарории қобилияти инсон аст, ки берун аз мазмун ва вазъияти таълимӣ самаранок амал карда метавонад (В.А. Болотов);
- салоҳиятнокӣ воситаи азнавсозиро ба таври қатъӣ ифода менамояд (Б.Д. Элконин);
- салоҳиятнокӣ имкони рушди қобилиятҳоро дар шароити беҳтар ба вуҷуд меорад ва аз салоҳияти шаклгирифта ба сатҳи дигари салоҳият оварда мерасонад (В.В. Башев);
- салоҳиятнокӣ ҳамчун "омодагии мутахассис ва ба фаъолияти муайян ворид шудан" (А.М.Аронов) ва ё ҳамчун омодагии махсус ба фаъолияти касбии оянда (П.Г.Ғедровийкий).

Калимаҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнок, салоҳиятманд, босалоҳият"-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои "компетенӣия" ва "компетентностҳ", ки аз забони лотинӣ (compӯtӯns, compӯtӯntis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд.

Калимаи "салоҳият" дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" маънии – лоиқ будан, сазовор будан; шоистагӣ, сазоворӣ тафсир дода шудааст.

Чун дар ин фасл ва фаслҳои минбаъдаи маводи мазкур мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ/босалоҳият" ба мақсади ифодаи истилоҳи соҳаи маориф истифода мешавад, тасмим гирифтем, танҳо маъно ва тафсири ба ҳамин соҳа дахлдори ин калимаҳо баррасӣ кунем.

Аз ин лиҳоз,лозим донистем, ки тафсири калимаҳои мазкурро аз якчанд сарчашмаҳои илмӣ барои баррасӣ пешниҳод намуда, хулосаи зарурӣ барорем.

Дар Луғати истилоҳоти хазинаи аврупоии таҳсилот[6]

[6] Глоссарий терминов рқнка труда, разработки стандартов образователҳнқх

калимаи салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст[7]:

1. Қобилияти ягон кор (амал)-ро хуб ва самаранок иҷро кардан;
2. Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан.
3. Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ.

Дар стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ калимаи "салоҳият" чунин шарҳ дода шудааст:

**Салоҳият -** маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

Дар баъзе адабиёти илмӣ калимаҳои "салоҳият", "қобилият", "малака" ва "маҳорат" муштарак истифода мешаванд.

Дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси босалоҳият/салоҳиятнок амалеро хуб, қобилиятнок ва боэътимодона иҷро карда метавонад.

Дар таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Таълими салоҳиятнокӣ ба саволҳои: "Хонанда чӣ кор карда метавонад?", "Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?" ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар таълими салоҳиятнокӣ ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

Бояд қайд кард, ки "салоҳият"-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад". Босалоҳиятӣ (салоҳиятнокӣ) натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст. Барои мисол, ҷадвали муқоисавии натиҷаҳои таълим аз фанни технология (таълими меҳнат) меорем.

---

программ и учебнкх планов. Европейский фонд образования. ЕФО, 1997

[7] Зимняя И.А. Ключевќе компетентности как резулњтативно-їелевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследователњский їентр проблем качества подготовки спеїиалистов, 2004

| Дар таълими анъанавӣ | Дар таълими босалоҳият |
|---|---|
| Хонанда технологияи коркарди чӯбро медонад;<br>Хонанда оид ба намудҳои чӯб ва асбобҳои дуредгарӣ маълумот медиҳад;<br>Хонанда оид ба хусусияти ширешҳо шарҳ медиҳад;<br>Асбобҳои дуредгариро истифода бурда, раванди сохтани деталҳои содаро медонад;<br>Тайъиноти асбобҳои дуредгариро фарқ мекунад;<br>Пайвасткунии деталҳоро фарқ мекунад;<br>Гуногунии сӯрохкунии чӯбро фарқ мекунад; | Ҳангоми иҷрои кори амалӣ аз асбоб ва таҷҳизоти дуредгарӣ дуруст истифода бурда, детали содаро сохта метавонад. |
| Хонанда андозаро гирифта, номгӯи пураи ченакро медонад;<br>Хонанда оид ба намудҳои андозагирӣ ва асбобҳои дӯзандагӣ маълумот медиҳад;<br>Хонанда оид ба хосияти матоъҳо ва нигоҳубини матоъ шарҳ медиҳад;<br>Асбобҳои дӯзандагиро истифода бурда, раванди дӯхтани амсилаи содаро медонад;<br>Таъйиноти асбобҳои дӯзандагиро фарқ мекунад;<br>Пайвасткунии қисмҳои либосро фарқ мекунад;<br>Гуногунии дарзҳои дастӣ ва мошиниро фарқ мекунад; | Ҳангоми иҷрои кори амалӣ аз асбоб ва таҷҳизоти дӯзандагӣ дуруст истифода бурда, амсилаи содаро сохта, либосро дӯхта метавонад. |

Чуноне ки аз ҷадвал бармеояд, унсурҳои таълими салоҳиятнокӣ, махсусан зинаи дониш (донистан) дар таълими кунунӣ (ба дониш асосёфта) вуҷуд доранд. Фарқ дар он аст, ки дар таълими салоҳиятнокӣ дониш, малака ва маҳорат тавъам нишон дода мешаванд. Яъне, дар шакли ниҳоӣ ва амалии дониш, малака ва маҳорат (салоҳиятҳо) таҷассум меёбанд. Ҳарчанд дар таълими анъанавии ба дониш асосёфта, тартиби мантиқӣ, пайдарҳамии мавзӯъҳо дуруст пешниҳод шуда бошанд ҳам, раванд ва натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурд ва дар доираи вақт маҳдуд инъикос меёбанд. Дар таълими салоҳиятнокӣ қолаби ниҳоӣ (натиҷаи ниҳоӣ) дар шакли том нишон дода мешавад, ки он ҳам ҷиҳати амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

**Принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълим**

Дар таълими салоҳиятнокӣ муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос доранд. Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байниҳамдигарии хонандагонро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

Дар адабиёти методии таълими салоҳиятнокӣ даҳ хусусияти асосии ин раванд муайян шудаанд[8]:

**1. Масъулият** – дар таълими салоҳиятнокӣ хонандагон барои таълим гирифтан, рафтор ва саҳми худ дар раванди таълиму тарбия масъулият доранд. Онҳо худро ҳамчун шахси арзанда ва аъзои коллективи синф ҳис мекунанд.

**2. Имкониятҳо** – хонандагон имконият доранд, ки мақсаднок ва ба таври мушаххас хонанд, нависанд, ҳисоб

8 Tompkins, Gail Ў. Litўќacy foќ thў 21st cўntѓќy: a їalancўd appќoach. – 2nd ўd. Pќўnticў-Hall, Inc. ЃSA, 2001

кунанд ва фаъолиятҳои дигари таълимиро иҷро намоянд. Онҳо китобҳоро бо ҳамсинфон, падару модар, аҳли ҷомеа мехонанд. Онҳо ба ғайр аз китобҳои дарсӣ аз дигар сарчашмаҳои дониш ва маълумот низ истифода мебаранд.

**3. Машғулият** – хонандагон барои омӯхтан ҳавасманданд гардида, дар фаъолиятҳои таълимӣ фаъолона иштирок мекунанд. Баъзан ба хонандагон имконият дода мешавад, ки барои таҳияи кори лоиҳавӣ машғул шаванд.

**4. Муаррифӣ** (намоиш додан) – омӯзгорон малака ва стратегияҳоро ҳамчун намунаи натиҷаи беҳтарин намоиш медиҳанд ва хонандагон бодиққат онро мушоҳида карда, варианти дурусти онро интихоб мекунанд.

**5. Таваккал кардан -** хонандагон барои таҳқиқи мавзӯъ, пешниҳоди ақида (фарзияҳо) ва таваккал кардан ҳавасманд гардонида мешаванд.

**6. Дастурдиҳӣ** (супоришдиҳӣ**, таълимди**ҳӣ**)** – омӯзгорон ба воситаи дарсҳои намунавӣ тартиб, малака ва стратегияҳоро ба хонандагон нишон медиҳанд.

**7. Аксуламал (рефлексисия)** – хонандагон муносибати шахсии худро нисбат ба ҳикоя пешгӯйӣ мекунанд, савол медиҳанд ва сатҳи фаҳмиши худро дар бораи матн тавассути варақаҳои таҳлилӣ нишон дода, дар муҳокима ва таҳлили умумии мазмуни матнҳо иштирок мекунанд. Ҳангоми навиштан дастхаташонро ба ҳамгурӯҳон барои мулоҳиза пешниҳод мекунанд ва натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ менамоянд.

**8. Интихоб** – хонандагон одатан дар доираи меъёрҳое, ки аз тарафи омӯзгорон муайян шудааст, барои омӯзиш имконияти интихоби мавод (китобҳо)-ро доранд. Вақте ки ба хонандагон имконияти интихоб дода мешавад, шавқу рағбати онҳо ба омӯзиш ва иҷрои фаъолиятҳои дигари таълим зиёд мегардад. Онҳо таҷрибаи маърифатии бадастовардаашонро қадр мекунанд.

9. Вақт – ба хонандагон барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ вақти зиёд зарур аст. Агар раванди таълим ба фосилаҳои кӯтоҳ ҷудо карда шавад, натиҷаҳои таълим хуб

намегарданд. Барои хубтар ва самаранок гардонидани раванди азхудкунии малакаҳо аз ду то се соати таълимӣ пайиҳам дар як рӯз тавсия мешавад. Дар раванди азхудкунии малакаҳо танҳо вазифаҳои таълимӣ ва дастурдиҳӣ метавонанд истифода шаванд. Маъмурияти муассиса бояд кӯшиш кунад, ки ҷадвали дарсҳоро ба таври мувофиқ тартиб диҳад.

10. Арзёбӣ – омӯзгорону хонандагон якҷоя меъёрҳо ё нишондиҳандаҳои арзёбиро таҳия мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон кори худро назорат намоянд ва дар раванди арзёбӣ бевосита иштирок кунанд.

§***1.1.1.*** Ҷадвали муқоисавии таълими анъанавӣ ва таълими босалоҳият

| Унсурҳо | Низоми таълими анъанавӣ | Низоми таълими босалоҳиятнокӣ |
|---|---|---|
| Мақсадҳои таълим | Пешниҳод/ аз худ кардани маҷмӯи донишҳои назариявӣ. Асосан маҷмӯи дониш, малака ва маҳорате, ки мундариҷаи таълимро ташкил медиҳад. | Диққати асосӣ ба ҷиҳати амалии дониш, малака ва маҳорат равона шуда, хонандагонро барои дар ҳаёт муваффақ шудан омода менамояд. |
| Формулаи асосии натиҷаҳои таълим | Чиро медонам? | Кадом амалро иҷро карда метавонам? |
| Хусусияти асосии раванди таълим | Тазаккурӣ | Сермаҳсулӣ |

| Омили пеш-барандаи раванди таълим | Назорат | Машқи амалӣ ва корҳои мустақилона |
|---|---|---|
| Хусусиятҳои раванди арзёбӣ | Усулҳои омории арзёбии натиҷаҳои таълим | Баҳодиҳии умумии натиҷаҳои таълим (масалан, портфолиои дастовардҳои таълимии хонанда) |
| Барномаҳои таълимӣ | Тартиби муайяни азхудкунии донишҳоро фаро мегирад. Омӯзгорон имконияти тағйир додани мавзӯъҳои барномаро надоранд. | Мавзӯъ ва мундариҷаи таълим барои ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун восита хизмат мекунанд. Омӯзгорон имконияти иваз кардани мавзӯъ ва мундариҷаро доранд. |
| Маводди таълим | Маводди асосии таълим китоби дарсӣ шинохта мешавад. | Сарчашмаҳои гуногун ҳамчун маводи таълим истифода мешавад: китобҳои дарсӣ, китобҳои бадеӣ, донишномаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, маводди интернет, таҷрибаи хонанда ва ғайра. |

| | | |
|---|---|---|
| Фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим | Додани дониш дар асоси барнома ва китобҳои дарсӣ. Назорати раванди азхудкунии донишҳо. | Роҳнамоии хонандагон. Намоиш додани малака ва маҳорат. Мушоҳидаи дараҷаи азхудкунии дониш, малака ва маҳорат. Расонидани ёрӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули салоҳиятҳо. |
| Фаъолияти маърифатии хонанда | Аз худ кардани донишҳои пешниҳодшуда, бозгӯйии маълумот ва ахбори пешниҳодшуда. | Таҳқиқу таҳлили ахбору маълумоти пешниҳодшуда, иштирок дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, иштироки фаъол, гузаронидани таҷрибаҳо ва амсоли он. |

### §*1.1.2.* **Зарурати тағйири муносибат ба таълим**

Таърихи инкишофи илми педагогикаи муосир дар ҷумҳурии мо ба инкишофи илм дар даврони Иттифоқи Шӯравӣ алоқаи хеле зич дорад.

Низоми кунунӣ ё анъанавии таълим аз назарияи таълиме, ки аз ҷониби Я.А. Коменский ташаккул дода шудааст, сарчашма мегирад. Низоми мазкур аз ҷиҳати ташкили ҷараёни таълим низоми синфӣ**-дарс**ӣ буда, мазмуну мундариҷа тавассути методологияи шарҳӣ**-аён**ӣ пешниҳод карда мешавад. Назарияи мазкур ҳанӯз дар асри XVII дар асоси принсипҳои дидактика ташаккул ёфтааст.

Низоми синфӣ**-дарс**ӣ чунин хусусиятҳо дорад:

- синф аз хонандагони синну сол ва омодагии якхеладошта ташкил дода шуда, дар ҷараёни таҳсилоти мактабӣ дар ҳамин ҳайат боқӣ мемонанд;
- ба ҳайати синф дар асоси як нақшаи солона ва барномаи таълим мувофиқи ҷадвали дарсҳо таълим дода мешавад. Хонандагон бояд дар як вақти муайян, фасли муайян ба мактаб ҳозир шаванд;
- дарс воҳиди асосии таълим ба шумор меравад;
- дарс ба як фан, мавзӯъ бахшида шуда, тамоми хонандагони синф аз рӯйи як мавод кор мекунанд;
- фаъолияти хонандагонро дар раванди дарс омӯзгор идора мекунад: ӯ натиҷаҳои таълими фанни худро арзёбӣ карда, дараҷаи азхудкунии ҳар як хонандаро дар алоҳидагӣ санҷида, дар охири соли таълим оид ба гузаронидан ё нагузаронидани хонанда ба синфи оянда қарор қабул мекунад;
- китобҳои дарсӣ асосан барои вазифаи хонагӣ истифода мешаванд;
- соли таҳсил, рӯзи дарсӣ, ҷадвали дарсҳо, таътил, танаффуси байни дарсҳо нишондиҳандаҳои низоми синфӣ-**дарс**ӣ мебошанд.

Чуноне ки дар боло қайд шуд, дар низоми синфӣ-**дарс**ӣ асосан методологияи шарҳӣ**-аён**ӣ истифода мешавад. Чунин тарзи таълим имконият медиҳад, ки дар вақти кӯтоҳ миқдори зиёди ахбор интиқол дода шавад.

Дар таълими шарҳӣ**-аён**ӣ омӯзгор дониш (маълумот)-ро дар шакли коркардшуда (тайёр) пешниҳод карда, хонандагон онро қабул ва амалан иҷро мекунанд. Мундариҷаи таълим дар ин навъи таълим ботартиб ва алоқанок пешниҳод карда мешавад. Фаъолияти омӯзгор асосан ба таври шифоҳӣ фаҳмонда додани мавзӯъ ва истифода бурдани аёниятҳо равона мегардад. Ин навъи таълим ба анъана ва одат табдил ёфтааст.

Дар таълими шарҳӣ**-аён**ӣ диққати асосӣ ба хотира равона шуда, хусусияти тазаккурӣ дорад. Яъне, хонанда пас аз шунидани (ё хондани) маълумот онро бояд дар хотир

гирад, дертар ба хотир орад ва сохта, тайёр карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводи таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад. Хонандагон дониши азхудкардаашонро ба таври гуногун пешниҳод мекунанд: шифоҳӣ, тартиб додани лоиҳаи эҷодӣ, корҳои амалӣ-лабораторӣ ва амсоли он.

Кадом омилҳо ин навъи таълимро чунин устувор ва доимӣ гардондаанд? Асосан ба таври системанок пешниҳод ва аз худ кардани дониш, тартиби пешниҳоди маводи таълим, фарогирии миқдори зиёди хонандагон ва тартиботи камхарҷи додани дониш омилҳои асосии устувории ин навъи таълим буда метавонанд.

Барномаҳои таълим дар низоми мазкур маводи таълимро бо тартиби мушаххас, пайиҳам пешниҳод карда, барои аз худ кардани мавзӯъҳо миқдори муайяни вақтро пешбинӣ менамояд. Барои ҳар як фан барномаи таълимии алоҳида таҳия карда мешавад ва онро дар муҳлати аз 4 то 10 сол истифода мебаранд. Дар асоси барномаҳои таълим китоби дарсӣ таҳия карда мешавад. Омӯзгор дар асоси барнома ва китоби дарсӣ нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ таҳия карда, дар асоси он раванди таълими фанро ба роҳ мемонад.

Диққати асосӣ дар низоми мазкур ба фаъолияти омӯзгор дода мешавад. Ҳангоми арзёбии фаъолияти омӯзгорон, санҷишгарон ба саволҳои зерин посух менависанд: Чӣ тавр омӯзгор дарсро ташкил намуд? Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ чӣ қадар вақт сарф кард? Чанд хонандаро пурсид? Мавзӯи навро чӣ тавр баён кард? Мустаҳкамкуниро гузаронд ё не? Бо кадом роҳҳо дониши нав мустаҳкам гашт? Барои иҷрои кори амалӣ чӣ қадар вақт сарф шуд ва кори амалӣ чӣ натиҷа дод? Баҳоро эълон кард ё не? Инчунин ҳангоми санҷишҳо мувофиқати нақшаи тақвимӣ бо дафтар (ҷурнал)-и синф, мавзӯи китоби дарсӣ ва нақшаи дарс назорат карда мешавад. Барномаро аз худ накардани хонанда мавзӯъҳои пешниҳодшударо надонистани ӯро ифода мекунад.

Дарсҳо дар таълими шарҳӣ-**аён**ӣ мувофиқи қолабҳои мушаххас ба нақша гирифта мешаванд. Дарс марҳалаҳои гуногунро фаро гирифта, фаъолияти омӯзгору хонандагон дар он дарҷ мешаванд.

Вазифаҳои асосии таълими салоҳиятнокӣ аз он иборат аст, ки ҷараёни таълимиву маърифатӣ дар хонандагон хусусияти тазаккурӣ доштани таълимро ташаккул медиҳад. Яъне, хонандагон шунидан, тартиб додан, ё дар асоси намунаҳо иҷро намудани кори амалиро ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ҳисоб мекунанд.

### §1.*2. Назарияҳое, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунанд*.

**Супориш:**

1. Ба ақидаи Аткинсон Р. "...дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур".

Бо ақидаи Аткинсон Р. Шумо розӣ ҳастед? Чаро? Шарҳ диҳед.

2. Вербитский А.А. чунин қайд намудааст: "Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин намуна, таҷриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда порчаи алоҳидаи замонро ифода мекунад. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва мавқеи таълим паст мегардад. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Яъне онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии масъалаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд."

Бо ақидаи Вербитский А.А. Шумо розӣ ҳастед? Чаро? Шарҳ диҳед.

3. Ба ақидаи В. Байденко муносибати салоҳиятнокӣ имкониятҳои зеринро ба вуҷуд меорад:

- баёни донишҳо бо истифода ва тарзи омӯхтани он ҳангоми гузариш ба таҳсилоти касбӣ;
- гузариш аз талаботи байнифаннӣ ва ҳамгироӣ ба натиҷаҳои раванди таълим;
- пайвастани мақсадҳои таълим бо истифода аз вазъи-

ятҳои гуногун дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи бозори меҳнат;

- равона кардани фаъолияти инсон ба вазъиятҳои гуногуни беохири касбӣ ва ҳаётӣ.

Оид ба ақидаи В. Байденко шарҳ диҳед.

Дар таълими босалоҳият раванди ташаккули салоҳиятҳо вақт ва муносибати мураккабро талаб мекунад. Дар муқоиса бо низоми таълими ба дониш асосёфта, ки хусусияти тазаккурӣ дорад, шакли нави иҷрои амалҳои дараҷаҳои гуногуни мураккаб ва давомнокии мухталифдоштаро талаб мекунад.

Масалан, барои ташаккули салоҳияти "Истифода ва асосҳои коркарди мавод" хонанда бояд оид ба истифодаи мавод, асосҳои коркарди он, раванди коркарди мавод дониши мукаммал дошта, тарзи баёни ақидаи худро машқ кунад, мустақилона дар амал иҷро намояд, кори амалии эҷодкардаашро арзёбӣ кунад ва таҳриру такмил диҳад. Оё ин салоҳиятро дар 1, 2 ё 10 соати дарсӣ ташаккул додан мумкин аст? Оё ин салоҳиятро ҳамаи хонандагони синф дар як вақт аз худ мекунанд?

Маҳз барои ҳамин дар низоми таълими салоҳиятнокӣ раванди таълим метод, муносибат ва воситаҳои гуногун ва мухталифро тақозо мекунад.

Яъне, дониши муайян аз сарчашмаҳои аниқ (санҷидашуда, илман асоснокшуда) тавассути омӯзгор ва китоби дарсӣ ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Роҳҳои пешниҳоди дониш (вобаста ба эҷодкорӣ ва таҷрибаи омӯзгор) гуногун буда метавонанд. Хонандагон дониши (қолаби) муайянро аз худ мекунанд ва онро дар амал иҷро мекунанд (ё дар асоси қолаби пешниҳодшуда амалеро иҷро мекунанд). Натиҷаи таълим тавассути андоза ва сифати кори амалии иҷрошуда ё то кадом андоза ба намунаи додашуда босифат иҷро кардани корҳои амалӣ арзёбӣ карда мешавад.

Дар таълими салоҳиятнокӣ бошад, аввал намунаи натиҷаи таълим (малака) таҳлилу баррасӣ мешавад. Сипас, ба хонандагон имконияти мустақилона (ё бо роҳнамоии омӯзгор) машқ кардани малака дода мешавад. Дар тамоми раванди омӯзиш ва машқи малака хонанда натиҷаи корашро арзёбӣ ва таҳлил мекунад. Ғалатҳои худро муайян мекунад, сабаби содир кардани ғалатро мустақилона, бо

ёрии ҳамсинфон ё омӯзгор аниқ месозад. Корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил медиҳад.

Чунонки маълум мегардад, раванди таълим дар муносибати салоҳиятнокӣ мураккаб буда, вақт ва неруи бештарро талаб мекунад. Агар чунин муқоиса кардан раво бошад, низоми таълими салоҳиятнокиро ба таълими касбӣ, аз ҷумла дӯзандагӣ, рассомӣ, нақшакашӣ, сиказанӣ, кашидадӯзӣ, гулдӯзӣ, ҷулоҳбофӣ, амсиласозӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, пазандагӣ, ва амсоли ин монанд кардан мумкин аст.

Барои татбиқи таълими салоҳиятнокӣ омӯзгорон бояд якчанд назарияҳои асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд. Бояд қайд кард, ки назарияҳои таълимии мазкур ба фан вобаста набуда, раванди таълим гирифтани малакаву ҳосил кардан маҳоратро инъикос мекунанд. Назарияҳои мазкур метавонанд барои ташаккули методологияи фанҳои гуногун замина гузоранд. (Аммо, бояд дар хотир дошт, ки дар низоми таълими салоҳиятнокӣ тақсимоти фаннӣ хусусияти нисбӣ дорад. Салоҳиятҳо новобаста аз доираи фанни муайян ташаккул дода мешаванд.)

### §*1.2.1.*Когнитивизм

Бори аввал бар зидди биҳевиористон гешталт-психолог* Бодэ бо мақолаи соли 1929 нашршуда баромад кард. Вай биҳевиористонро барои он танқид кардааст, ки онҳо барои фаҳмондани маърифат аз рафтори берунӣ вобастагӣ доштанд. Гешталт-психологҳо пешниҳод карданд, ки моделҳоро дида бароянд, на воқеаҳои ҷудогонаро. Нуқтаи назари гешталт-психологҳо ба таълим тарзе равона шудааст, ки дар замони муосир онро назарияи когнитивии меҳнатӣ мегӯянд. Ду иловаи асосие, ки методи когнитивиро дастгирӣ мекунанд:

1. Системаи хотир протсессори муназзами фаъоли ахбор аст.

2. Дониши пештар азхудкарда дар таълим мавқеи бузург дорад.

Назарияҳоикогнитивӣаздоираирафторибиҳевиористӣ берун баромаданд, то ки маърифати ба сохтор ва вазифаҳои

мағзи сар асосёфтаро фаҳмонанд. Когнитивистон чӣ тарз кор кардани хотири одамиро меомӯзанд, то ки ба таҳсил мусоидат намоянд. Масалан, ҷараёни физиологии ба хелҳо ҷудо кардан, рамзбандии маълумоту ҳодисаҳо ба хотири кӯтоҳ ва дарозмуддат барои кормандони маорифе, ки дар доираи назарияи когнитивӣ кор мекунанд, бисёр муҳим аст.

Ғояҳои боло дар бораи тарзи ташкили ҷараёни маърифат аҳамият доранд, зеро онҳо оид ба роҳҳои банақшагирии дарсҳо дастур медиҳанд. Аммо методи ягонаи когнитивӣ вуҷуд надорад. Назарияи когнитивӣ яке аз назарияҳои маърифатиест, ки методи хонандамеҳварро дар маърифат ва таълим дастгирӣ мекунад.

Вақте мо дар бораи мафҳуми «хотир» ҳарф мезанем, шояд дар назари шумо яке аз қобилиятҳои мағзи сар чизеро ба хотир овардан пайдо шавад. Аммо «хотир»-ро на барои он баррасӣ мекунем, ки ба будани он боварӣ ҳосил намоем. Вазифаи аз ҳама муҳимми хотир имкони муқоиса кардани таҷрибаи пешина бо донишҳои нав ва коркарду дарки ҳодисаҳои имрӯза аст. Ёддоштҳои мо на танҳо расмҳо, дар аксар вақт маҷмӯи маълумоти аз ҳамаи аъзои ҳис воридшавандаро дар бар мегирад. Се навъи хотир ё се тарзи дар хотир нигоҳ доштан маъмул аст:

Ба мағзи сар ахбори зиёд ворид шавад ҳам, на ҳамаи онҳо дар хотири мо мемонанд. Аксари ахбори воридшаванда хусусияти диққатҷалбкунандагиро надорад ва мағзи сар ба чунин ахбор шояд эътибор надода, онро дар хотири кӯтоҳмуддат ҷо дода, ба зудӣ онро берун менамояд.
Барои аз хотири оперативӣ ба хотири дарозмуддат ворид шудани ахбор:

- маъно ва аҳамият;
- такрор ва коркарди амиқи иттилоот муҳим аст.

Вақте чизе маъно дорад, мо онро маърифат ва дарк менамоем, зеро онро бо таҷрибаи пешинаи худ муқоиса ва ба ҳаёти имрӯза ва оянда алоқаманд карда метавонем. Аз ин лиҳоз, агар маводди барои таълим пешниҳодкардаи мо маъно ва аҳамият надошта бошад, хонандагон онро бо таҷрибаи қаблии худ алоқаманд карда наметавонанд.

Барои аз хотири оперативӣ ба хотири дарозмуддат

гузаштани ахбор аҳамияти он аз маъно муҳимтар аст. Барои тақвияти аҳамияти ахбор аксуламали эмотсионалӣ аз аксуламали фикрӣ муҳимтар аст. Масалан, аз байни чанд сурат сурати фарзандатон аҳамияти бештар дорад. Ин намунаи аксуламали эмотсионалист. Агар малакаҳоро аз хотири оперативӣ ба хотири дарозмуддат гузаронданӣ бошем, мо бояд ин амалро такрор ба такрор дар муддати тӯлонӣ иҷро намоем. Барои азхудкунии малакаҳо ва такмил додани онҳо ба таври автоматикӣ қариб 10000 бор такрор лозим меояд. Ин ҷо на танҳо миқдори умумии такрорҳо, балки пайдарпайӣ ва тартиби такрор кардан муҳим аст.

Агар омӯзгор эҷодкорӣ накунад ва супоришҳои гуногун пешниҳод нанамояд, такрори якранг ба дили хонандагон мезанад ва таълим аҳамияти худро гум мекунад. Малакаҳо дар ҳолате ба вуҷуд меоянд, ки амале дар муддати дурудароз такрор ё машқ карда шавад. Бинобар ин дар давоми чанд ҳафта 100 маротиба машқ кардан аз дар як рӯз 100 маротиба машқ кардан беҳтар аст. Аз ин рӯ, мо як чизро такрор ба такрор, батадриҷ мураккаб намуда таълим медиҳем.

**Нақшаи «Ҷараёни интиқоли маълумот ба хотири дарозмуддат»**



§*1.2.2.* **Конструктивизм**

Конструктивизм таълимро ҳамчун раванде, ки дар он хонанда ғояҳои нав, нуқтаи назари навро дар асоси донишу таҷрибаи пешандӯхтаи худ фаъолона бунёд мекунад, меомӯзад. Ба таври дигар гӯем, «таълим ин дар асоси таҷрибаи худ кашф кардани донишҳои нав аст.»

Новобаста аз гуногунҷиҳатӣ, конструктивизм таҳқиқоти озоди хонандаро дар доираю сохтори муайян дастгирӣ мекунад. Омӯзгор ба ҳайси роҳбалад хонандагонро барои ошкор сохтани принсипҳои барояшон мақбул ва бунёди донишҳои нав тавассути ҳалли мушкилоти воқеӣ ҳавасманд мегардонад. Қисмҳои конструктивизмро метавон дар корҳои мустақилона, маърифати эмпирикӣ ва таҷрибаи рефлективӣ пайдо кард.

Ҳамаи тартибу қоидаҳои боло барои таълим як ҷузъи гурӯҳи калони тартибу қоидаҳоеанд, ки тартибу қоидаҳои таълими таваҷҷӯҳ ба хонанда (хонандамеҳвар) ном доранд.

Методи таълиме, ки аз назарияҳои когнитивӣ ва конструктивии маърифат бармеояд, ба ин нукта такя мекунад. Пайдарпайии таълим (омӯзиш)-ро тавре ба сохтори муайян даровардан зарур аст, ки хонандагон маводро амиқ таҳлил намуда, дар хотир дуру дароз нигоҳ доранд. Инчунин маъно дорад, ки хонандагон бо мавод кор карда, тавассути масъалаҳои таълим ба он сарфаҳм мераванд. Масъалаҳои таълим аз донишҷӯён на танҳо бахотиргирӣ ва фаҳмишро, балки малакаҳои фикрии дараҷаи баланд (истифода, таҳлил, арзёбӣ ва эҷод)-ро талаб мекунанд. Ғалатҳоро набояд ҳамчун аломати бемуваффақиятӣ, балки нишонаи дараҷаи фаҳмиши ҷорие, ки дар оянда инкишоф хоҳад ёфт, баррасӣ кардан лозим аст.

§***1.2.3.*** Назарияи минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини рушд

Л.С. Виготский масъалаи мувофиқати байни таълим ва ташаккули кӯдаконро таҳқиқ карда, ба хулосае омад, ки **омӯзиш бояд пештар қадам зада, боиси рушди кӯдак гардад**. Чунин фаҳмиши мувофиқати таълим ва рушди кӯдак ӯро ба

хулосае овард, ки на танҳо ҳолати мавҷудаи рушд, балки тамоилҳои имконпазири рушди ояндаи кӯдак ҳангоми таълим бояд ба назар гирифта шаванд. Кӯдак ҳамон вақт




рушд меёбад, ки агар малакаҳои навро фаро гирифта, ба таҷриба ва малакаҳои аллакай азхудкардааш зам намояд. Ин кашфиёт номи «минтақаи наздиктарини рушд»-ро гирифт ва ба илмҳои педагогикаю равоншиносии ҷаҳонӣ ворид гашт.

Ҳар як амале, ки кӯдак аз рӯйи ақл ва имкониятҳои ҷисмониаш маҷбуран иҷро карданӣ мешавад, ба рушди ӯ мувофиқат мекунад. Лекин, дар хотир бояд дошт, ки агар малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай бадастомада ташаккул ёбанд, пас чунин ташаккулёбӣ манфиати бештаре дорад. Кӯдакро барои тезтар инкишоф ёфтан саросема кардан лозим нест, зеро ин амал аксар ба ҷойи ташаккулёбии фаъолияти зеҳнӣ ба вайроншавиии кори асаб ва ё «бепарвоии» кӯдакона оварда мерасонад.

Мулоҳиза кардан ва доимо таъсир расонидан ба минтақаи наздиктарини рушди кӯдак боз як хусусияти муҳимми дигарро дорад. Муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муоширати доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст. Муаллим бояд бодиққат рафтори шогирдашро мушоҳида кунад, зеро ҳар як кӯдак ягон хусусияти хос дорад (нигаред ба назарияи гуногунии зеҳн), ки бо такя ба он усули корбариро бо ӯ интихоб намудан мумкин аст.

## §*1.2.4.* Назарияи гуногунии зеҳн

Назарияро дар бобати гуногунии зеҳн соли 1983 доктор Ҳовард Гарднер - профессори Донишгоҳи Гарвард пас аз таҳқиқи сабабҳои ба ин ё он фан майлу рағбат доштани хонандагон пешниҳод намудааст. Доктор Гарднер мавҷудияти ҳашт навъи зеҳнро пешниҳод мекунад, ки фарогири васеи имкониятҳои инсонии чи калонсолон ва чӣ хурдсолон мебошад. Ҳамаи инсонҳо дорои ин навъҳои зеҳн ҳастанд, аммо баъзеи онҳо хуб ва баъзе начандон хуб инкишоф ёфтаанд. Навъҳои зеҳн аз назари Ҳовард Гарднер чунин аст:

| **Навъи зеҳн** | **Тафсир** |
|---|---|
| Зеҳни шифоҳӣ-*забон*ӣ | Хондан, эҷод кардан ва навиштанро дӯст медорад. Хотираи хуб ва захираи бойи луғавӣ дорад. |



| | |
|---|---|
| Зеҳни мантиқӣ-***риёз***ӣ | Ҳисоб, ҳал кардани масъала ва ҳар гуна бозиҳои риёзиро дӯст медорад, мафҳумҳои риёзиро хуб мефаҳмад, тафаккури абстрактӣ дорад. |
| Зеҳни биноӣ-***фазо***ӣ | «Шунидан кай бувад монанди дидан», харита, моҳияти нақшаю диаграммаҳоро мефаҳмад, тахайюли бой дорад, ба санъат машғул мешавад, месозад, бештар аз расмҳо маълумот мегирад. |
| Зеҳни муҳаррик (моторӣ***)*** | Варзишро дӯст медорад, ба ҳаракат, имову ишора (мимика) ва рафтори дигарон тақлид мекунад. Ба ҳама чиз даст мерасонад, давидан, сабқатро дӯст медорад. |
| Зеҳни мусиқӣ-мавзунӣ | Мусиқиро хуб ба хотир мегирад. Сози мусиқӣ менавозад. Оҳангшинос ва сарояндаи хуб аст. |
| Зеҳни байнишахсӣ | Бо ҳамсолон муошират ва бозӣ карданро дӯст медорад. Вай аслан дилсӯзу ғамхор аст. |

| | |
|---|---|
| Зеҳни дохилишахсӣ | Вазифаҳоро хуб иҷро мекунад, агар касе ба вай халал нарасонад, худро идора мекунад, ҳиссиёташро дуруст ифода карда, аз болояш кор мекунад; дар танҳоӣ кор карданро дӯст медорад. |
| Зеҳни натуралистӣ (табиатшиносӣ*)* | Ба табиат ва ҳодисаҳои табиӣ диққат дода, қобилияти дарки онро дорад, аломат ва хусусиятҳои муҳити атрофро тасниф мекунад. |

Барои дар амал татбиқ кардани назарияи гуногунии зеҳн ё дурусттараш барои ташаккули ҳамаи навъҳои зеҳни хонанда ё донишҷӯй омӯзгор метавонад, ҳангоми таҳияи нақшаи дарс супоришу машқҳои гуногун тартиб дода, ба хонандагон пешкаш намояд. Ҳар як хонанда мувофиқи завқ ва қобилияти зеҳнӣ як ё якчанд масъалаи пешниҳодшударо иҷро карда метавонад. Инчунин хонандагон метавонанд вазифаҳои таълимиро дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд иҷро намоянд.

| Зеҳн | Фаъолиятҳои таълим | |
|---|---|---|
| Зеҳни шифоҳӣ-***забон***ӣ | Қисмҳои шавқовари матни хондаатонро бо суханони худ нақл кунед. | Доир ба мавзӯи матн гузориши хурд нависед. |
| Зеҳни мантиқӣ-***риёз***ӣ | Ҷадвали замони воқеъшавии ҳодисаҳои матнро тартиб диҳед. | Нақша ё харитаи маҳал, ҳуҷра ё ҷойи ҳодисаи дар матн тасвиршударо кашед. |

| | | |
|---|---|---|
| Зеҳни биноӣ-***фазо***ӣ | Дар асоси тасвирҳо, калимаҳо ва мавзӯи матн коллаҷ тартиб диҳед. | Доир ба матн маълумотномаи хурд тартиб диҳед. Дар он номи матн, муаллиф ва хулосаро нависед. Маълумотномаи навиштаатонро бо расми ба матн мувофиқ тақвият диҳед. |
| Зеҳни ҳаракат (моторӣ*)* | Дар асоси матн саҳначае омода намоед ва онро намоиш диҳед. | Қисми матнро нақшофарӣ кунед. Амали симои матнро намоиш диҳед. |
| Зеҳни мусиқӣ-мавзунӣ | Сурудҳои гуногунро ба хотир оварда, онҳоро ба қисмҳои гуногуни матн мувофиқ гузоред. | Порчаи матнро интихоб кунед. Онро бо овози баланд хонед ва ҳангоми хонадан бо истифода аз ашёи гуногун оҳанге навозед. |
| Зеҳни байнишахсӣ | Дар гурӯҳ машғул шуда рӯйихати чор қисми муҳими матнро тартиб диҳед. | Бо хонандаи дигаре, ки матнро хондааст мусоҳиба ташкил намоед. Пешакӣ саволҳоро омода намоед. |
| Зеҳни дохилишахсӣ | Тассуроти худро вобаста ба матн нависед. Шумо хурсанд шудед ё не? Чаро? | Худро дар матн тасаввур кунед. Дар чунин шароит ё ҳодиса чӣ гуна рафтор мекардед? |

| | | |
|---|---|---|
| Зеҳни натуралистӣ (табиӣ*)* | Расми саҳро/ ҳайвонот ё растание, ки дар матн тасвир шудааст, кашед. | Аз рӯзнома ва маҷаллаҳо расмҳоеро интихоб кунед, ки ба матн мувофиқанд. Интихобатонро шарҳ диҳед. |

§***1.2.5.*** Таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ

Блум Бенҷамин Сэмюэл равоншинос ва педагог, профессори соҳаи педагогика, аз соли 1938 дар Донишгоҳи Чикаго фаъолият кардааст. Яке аз аввалинҳо шуда, системаи нишондиҳандаҳои натиҷаи таълимро таҳия намудааст.

Ба ақидаи Блум вазифаи мақсадҳои асосии таълим ва масъалагузорӣ дар он аст, ки малакаи фикррониии эҷодкорона, ҳал карда тавонистани проблема ва қабул кардани қарорҳои мақсадноки хонандагон ташаккул дода шавад. Ба ақидаи ӯ, агар муаллимон нисбат ба фикррониии амиқ ва мураккаби кӯдакон ҳассос бошанд ва онро ба низом дароранд, ба ин мақсадҳои асосии таълим ноил шудан мумкин аст. Блум китоби «Таксономияи мақсадҳои таълим» (Ню Йорк, Давид, Маккей, с. 1956)-ро таҳия намуда, дар он тафаккурро ба 6 дараҷаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ҷудо мекунад.

**6.** Эҷод кардан

**5. Арзёбӣ** кардан

**4. Та**ҳлил кардан

**3. Истифода бурдан**

**2. Фа**ҳмидан

**1. Дар хотир гирифтан**

Зинаҳо бо ҳам муносибати қавӣ дошта, яке барои дигарӣ ҳамчун замина хизмат мекунад. Масалан, ба фикри ӯ, агар хонанда масъала (қоида, мафҳум ва ғайра)-ро дар хотир нигоҳ надорад, онро намефаҳмад, яъне дарк карда наметавонад ва модоме, ки ба моҳияти донишҳои додашуда

сарфаҳм наравад, онро истифода низ бурда наметавонад. Таҳлил, арзёбӣ ва эҷод низ дар асоси зинаҳои пешина ба роҳ монда мешаванд. Ҳар як зина мақсади дидактикии хос дошта, тавассути амалҳои гуногуни таълим аз худ карда мешавад.

Дар хотир гирифтан. Ин категория дар хотир нигоҳ доштан ва гуфта додани маводи омӯхташударо ифода мекунад. Ин ҷо метавонад сухан дар бобати навъҳои гуногуни мундариҷа-аз далелҳои мушаххас то назарияҳои бутун равад. Хусусияти умумии ин категория дар хотир нигоҳ доштани маълумот мебошад. Донишҷӯй/хонанда:

- Истилоҳоти истифодашавандаро медонад (ҳифз мекунад ва мегӯяд);
- Далелҳои мушаххасро медонад;
- Усул ва тартибро медонад;
- Мафҳумҳои асосиро медонад;
- Қоида ва принсипҳоро медонад.

Фаҳмидан. Хонанда мазмуну маънои маълумотро тавассути шарҳу эзоҳ нишон медиҳад. Нишондиҳандаи қобилияти фаҳмиш ин фаҳмидани моҳияти чизи омӯхташуда (он дар шакли аз як намуд ба намуди дигар баргардонидани ифода мебошад, масалан «баргардон»-и он аз як «намуд» ба «намуд»-и дигар – аз аррамайда ба ДСП(плитаҳои тарошагӣ) мебошад. Ба сифати нишондиҳандаи фаҳмиш инчунин шарҳи маводи омӯхташуда (фаҳмонида додан) ё ҷараёни технологии минбаъда (пешгӯйии натиҷа, оқибатҳо) аз тарафи хонанда пешбинӣ карда мешавад. Инчунин натиҷаҳои таълимӣ болотар аз дар хотир нигоҳ доштани муқаррарии мавод мебошад. Донишҷӯй/хонанда:

- Далелҳо, тартибот ва принсипҳоро мефаҳмад;
- Маводи забонӣ, ҷадвалҳо, диаграммаҳоро шарҳ медиҳад;
- Маводи забониро ба ифодаи математикӣ бармегардонад;
- Аз маълумотҳои мавҷуда хулоса бароварда метавонад.

Истифода намудан. Хонанда маълумот/донишро дар шароиту вазъияти дигар истифода мекунад.

Ин категория малакаи истифодаи маводи омӯхташударо дар ҳолатҳои мушаххас ва ҳолатҳои нав ифода менамояд. Ба ин категория истифодаи қоидаҳо, методҳо, қонуниятҳо, принсипҳо, назарияҳо дохил мешавад. Натиҷаҳои мутаносиби таълим сатҳи аз фаҳмиш баландтари истифодаи маводи таълимро талаб менамояд: Донишҷӯй/хонанда:

- Мафҳумҳо ва принсипҳоро дар вазъияти нав истифода менамояд;
- Назария ва қонуниятҳоро дар ҳолатҳои мушаххас амалан истифода менамояд;
- Истифодаи дурусти методро нишон медиҳад.

Таҳлил кардан. Хонанда маълумоти омӯхтаашро ба қисмҳо ҷудо мекунад, то онро хубтар фаҳмад. Ин категория малакаеро ифода мекунад, ки дар он мавод ба қисмҳо ҷудо карда шуда, сохтори он баръало нишон дода мешавад. Ба ин категория ба қисмҳо ҷудо кардани чиз (масъала, матн)-и яклухт ва нишон додани алоқамандии қисматҳо ва принсипҳои баҳамоии онҳо дохил мешавад.

**Донишҷӯй/хонанда:**

- Фарзияҳои пӯшида (номаълум)-ро нишон медиҳад;
- Ғалатҳо ва ноқисиҳои мантиқи мулоҳизаҳоро ошкор менамояд;
- Байни далелҳо ва натиҷаҳо тафриқагузорӣ менамояд;
- Арзиши маълумотҳоро баҳогузорӣ мекунад.

Баҳо додан. Хонанда дар асоси мулоҳизаҳои амиқ, ҷанбаҳои мусбат ва манфиро муайян намуда, ба хулоса меояд. Ин категория малакаи баҳогузорӣ ба ин ё он мавод (назария, асари бадеӣ, маълумотҳои таҳқиқот ва ғ.)-ро ифода мекунад. Мулоҳизаҳои хонанда бояд дорои меъёрҳои мушаххас бошад: дохилӣ (сохторӣ, мантиқӣ) ё берунӣ

(мутобиқати мақсадҳо). Меъёрҳоро метавонад худи хонанда муайян кунад ва ё бевосита омӯзгор таъин намояд.

Категорияи мазкур ба даст овардани натиҷаҳои таълимии ҳамаи категорияҳои пешинаро дар назар дорад.

Донишҷӯй/хонанда:

- Мантиқи сохтори маводро дар шакли натиҷаи иҷроиши амал баҳогузорӣ менамояд;
- Мутобиқати натиҷаи маълумотҳо, арзиши ин ё он фаъолиятро вобаста ба меъёрҳои дохилӣ баҳогузорӣ менамояд;
- Арзиши ин ё он фаъолиятро вобаста ба меъёрҳои берунӣ баҳогузорӣ менамояд.

Эҷод кардан. Хонанда бо истифода аз чизҳои пештар омӯхтааш ақидаҳо ва маълумоти нав эҷод мекунад. Ин категория малакаи тавассути ҷобаҷогузорӣ ва баҳаморӣ ба даст овардани чизи навро ифода мекунад. Маводи нав метавонад дар шакли сохтани маснуоти нав, тайёр намудани таом, лоиҳаи эҷодӣ ва ғ. пешниҳод гардад.

Ба даст овардани натиҷаҳои мутаносиби таълим фаъолияти эҷодиеро ифода мекунад, ки барои эҷоди сохтори нав нигаронида шудааст. Донишҷӯй:

- Лоиҳаи эҷодӣ тартиб медиҳад;
- Нақшаи амалисозии лоиҳаи эҷодиро пешниҳод менамояд;
- Барои ҳалли масъала донишҳои худро аз соҳаҳои фаннии дигар истифода менамояд.

Агар бори дигар мафҳуми салоҳиятро ба хотир орем ва онро бо таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ муқоиса намоем, пас ба хулосае омада метавонем, ки салоҳият дар худ ҳамаи зинаҳои қобилиятро фаро мегирад.

## Боби 2. Ҷанбаҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок ва кор бо маводди таълимию омӯзишӣ

### §2.1. Муносибати босалоҳият омили баланд шудани сифати таълим. Навъҳои салоҳият

**Супориш:**

1. Ба ақидаи Шумо муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим гуфта, чиро мефаҳмед?
2. Ҷадвали салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) барои синфҳои 5-7-ро аз назар гузаронида, фикри худро баён созед.
3. Ҷадвали салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) барои синфҳои 8-9-ро аз назар гузаронида, фикри худро баён созед.

Муносибати мазкур талаб мекунад, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида мешавад ва новобата аз фан ташаккул дода мешавад. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълим шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Ҳамзамон барои ҳар як фан маҷмӯи талабот дар шакли салоҳият дар стандарт ва роҳнамоҳои фаннӣ нишон дода шудаанд. Ҳар як салоҳият дар шакли таҷриба, ки дониш, малака ва маҳорати муайянро талаб мекунад, пешниҳод гардидааст. Асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад, яъне хонанда то кадом андоза ин ё он амалро дуруст иҷро карда метавонад. Дар раванди таълим ба хонанда имконияти маҳорат (машқи зиёд то ҳосил шудани малака) фароҳам оварда мешавад ва ҳамин раванд муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим фаҳмида мешавад.

Хулоса. Муносибати салоҳиятнок дар таълим ҳосил кардани маҳорату малакаро дар иҷрои амалҳои маърифатӣ

(таълим), ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ (тарбия) ва дар амал татбиқ кардани донишҳои заминавиро (фан) дар назар дорад. Салоҳият – натиҷаи таълиму тарбия, ки дар шакли маҳорату малака (иҷрои амал дар сатҳи иқтидор) баён карда мешавад. Намунаҳо: *(1)* Харротии ҷузъиёти махрутӣ (конусӣ*) ва муқарнасӣ (ороишӣ) –ро иҷро карда* метавонад; *(2)* Истифодаи дурусти мошинаи дарздӯзии барқиро шарҳ дода*, амалан и*ҷро карда метавонад; *(3)* Дар бораи касби челонгарӣ корҳои васлкунии механикӣ маълумот дода метавонад.

§ ***2.1.1.*** Навъҳои салоҳият

Шумо дар бораи истилоҳи салоҳият, маъноҳои он дар фасли ҷудогона маълумот гирифтед, аз ҷониби дигар дар муошират, дар суҳбати расмиву касбӣ мо ифодаи "шахси салоҳиятнок / босалоҳият"-ро истифода мебарем ва дар ин маврид мову шумо медонем, ки имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххас, муайяни фаъолият дар назар дорем. Аз ин рӯ, дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим низ ҳар як фанни таълимӣ барои инкишофи гурӯҳи муайяни салоҳиятҳо равона аст. Аммо мову шумо медонем, ки вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди системаи донишу малакаву маҳорати фаннӣ инчунин ривоҷ додани малакаву маҳоратҳои умумифаннӣ, болоифаннӣ низ мебошад. Масалан, ҳангоми таълими мавзӯи мушаххас аз фанни технология (таълими меҳнат) мо дар хонандагон малакаҳоеро инкишоф медиҳем, ки ба масъалаҳои одоби муошират, муносибат, инсондӯстӣ ё тарзи рафтор дар ҳолатҳои ҷудогонаи зиндагӣ ва фаъолият равона карда шудаанд. Пас, дар ташаккули салоҳиятнокии хонанда, дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим ин масъалаҳо ба зинаи аввал мебароянд. Дар ҳар як фан инкишофи гурухи салоҳиятҳо дар назар дошта мешаванд: салоҳиятҳои хусусии фаннӣ, салоҳиятҳои умумифаннӣ (робитаи фанҳои ба ҳам наздик), салоҳиятҳои болоифаннӣ. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешаванд, масалан, дар баробари ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ муҳаққиқон ба ташаккули салоҳиятҳои

коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва монанд инҳо ҷудо мекунанд.

Барои намуна чунин гурӯҳи салоҳиятҳои умумифаннӣ ба шумо пешниҳод карда мешаванд:

**Намунаи салоҳиятҳои умумифаннӣ**

Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ

- Истифодаи дониш, таҷриба, ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълимӣ;
- Таҳлили алоқа (робита) ва муносибати байни ақидаҳо, таҷрибаҳо ё маводи табиӣ ва сунъӣ;
- Дарки он ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;
- Таҳлили шароити мушаххас барои муайян намудани таъсири ҷузъҳо ба ҳамдигар ва сохтани чизи том;
- Таҳлили қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо (авзоъ) ва таҷрибаҳо аз нуқтаи назар, ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

Салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ

- Нишон додани кунҷкобӣ ва завқ ба ҳодисаҳои олам, таҷриба, маводди нав ва ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо;
- Озмудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав;
- Таҳқиқи системаҳо ва масъалаҳои мураккаб тавассути муносибатҳои гуногун, аз ҷумла тарҳсозӣ, амсиласозӣ, таҳқиқу таркиб;
- Сохтан ё бозсозии ашё, таркибҳо, амсилаҳо, муносибатҳо ва ақидаҳо тавассути тағйир додан, ҳамгиро кардан ва ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо;

Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ

- Таҳлил ва баҳодиҳии ашё, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар;
- Муайян кардани фарқияти байни омилҳо, ақидаҳо, назарҳо ва афзалиятҳо;
- Истифодаи ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;
- Истифода, арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияҳои зеҳнии гуногун ба мақсади ҳалли масъалаҳо (проблемаҳо) ва қабули қарор;

- Таҳлили омилҳое, ки ба ақида ва қобилиятҳои фикрии худи шахс ва дигарон таъсир мерасонанд.

Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилият

Дарк, қадр ва ҳифз кардани худ

- Шинохтани он ки фарҳанг ва забон, қоидаву таҷрибаҳо ба худшиносӣ, арзишҳо ва рафтор таъсир мерасонанд;
- Ташаккули малакаҳо, фаҳмишҳо ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба рушди саломатӣ, рафтори шоиста ва худшиносии мусбат замина мегузоранд;
- Таҳлили таъсири оила, ҷамъият ва мавқеи иҷтимоӣ ба ташаккули шахсият;
- Нишон додани боварӣ ба худ, худидоракунӣ ва қобилияти муташаккилона амал кардан;
- Ташаккули эътимоднокии шахсӣ ва қобилияти худро ҳифз кардан.

Дарк, қадр ва ҳифз кардани дигарон

- Равшанфикр будан;
- Омӯхтани одамон ва фарҳангҳои гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба арзишҳои онҳо;
- Шинохтан ва қадр кардани он ки одамон арзишҳо ва фаҳмишҳои гуногун доранд ва на ҳамеша ақидаи дигарон ба ақидаи ӯ рост меояд.

Дарк ва қадр кардани истиқлолият ва устувории иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муҳити зист

- Таҳқиқи таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба фаҳмиши шахс оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва табиӣ;
- Таҳқиқи вобастагии рушди устувор ба ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ;
- Таҳлили он, ки ақида, интихоб ва рафтори шахс чӣ тавр ба ашёи зинда ва ғайризинда таъсир расонда метавонад;
- Таҳқиқи натиҷаҳои чашмдошти амалҳои шахс ва ё гурӯҳи одамон ба рушди устувор;
- Нишон додани эътимоднокӣ нисбат ба рафторҳое, ки ба некуаҳволии ҷамъият, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбат мерасонанд.

Ташаккули саводнокӣ
Ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни саводнокӣ

- ➢ Шинохтани муҳиммияти донишҳои гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза;
- ➢ Дарк кардани он, ки саводнокӣ аз калимаҳо, тасвирҳо, рақамҳо, овозҳо, ҳаракатҳо ва дигар нишондиҳандаҳое иборат аст ва онҳо шарҳ ва мазмуни гуногун доранд;
- ➢ Таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ ва дониш, фарҳанг ва арзишҳо;
- ➢ Арзёбии ақидаҳо ва ахборе, ки аз сарчашмаҳои гуногун дарёфт шудаанд (масалан, одамон, махзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);
- ➢ Дастрасӣ ва истифодаи технологияҳои гуногун ба мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пура кардани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим.

Таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои олам тавассути соҳаҳои гуногуни савод

- ➢ Ҷустуҷӯ ва дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;
- ➢ Интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои ахборотӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас равона шудаанд;
- ➢ Истифодаи воситаҳои гуногуни савод ба мақсади таҳлилу таркиби ақидаҳо ва шарҳҳо;
- ➢ Таҳлили маълумоти сифатӣ ва микдории хаттӣ, шифоҳӣ ва биноӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ҷамъ оварда шудаанд;
- ➢ Истифодаи ақидаҳо ва технологияҳо бо мақсади эҷоди чизи нав.

Баён кардани фаҳмиш ва интиқоли маънӣ тавассути воситаҳои гуногуни савод

- ➢ Ба мақсади баён кардани дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо сохтан, ҳисоб кардан ва муошират кардан тавассути мавод, стратегия ва технологияҳои гуногун;
- ➢ Тавассути воситаҳои гуногуни савод бо дигарон муошират самаранок кардан;

- Муайян кардан ва истифодаи воситаҳои забонӣ, ақидаҳо ва равандҳое, ки барои ташаккули малакаҳои мушаххаси фанҳои алоҳида замина мегузоранд;
- Пешниҳоди ақидаҳо, таҷрибаҳо ва ахбор ба таври фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид;
- Интихоб ва истифодаи технологияҳои мувофиқ ба мақсади муоширати самаранок ва боадабона.

Ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ
Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ

- Таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахс ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои (ҳолатҳои) мушаххас;
- Ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароитҳои дигар;
- Риояи доимии арзишҳои асосии ахлоқӣ;
- Нишон додани принсипнокӣ дар масъалаҳои ахлоқӣ ба монанди "эҳтироми ҳар як шахс";
- Таҳқиқи он ки чӣ тавр арзишҳо ва ақидаҳо аз ҷониби одамони алоҳида ва халқиятҳо барои нигоҳ доштани ахлоқ истифода мешаванд.

Ҷалб будан дар муҳокимаҳо ва муколамаҳо:

- Нигоҳ дошта тавонистани мувозинат дар сухангӯйӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан;
- Таъмини имконият барои саҳмгузории ҳар як шахс;
- Эътимоднокона (ба бовари) пешниҳод намудани ақидаҳои гуногун ба таври созанда;
- Истифодаи воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ ба мақсади пайдо намудани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матрахшаванда;
- Зоҳир намудани эҳтиром ҳангоми муҳокимаҳо ва дигар ҷамъомадҳо.

Иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ:

- Нишон додани эҳтиром ва эътимоднокӣ ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои аҳдномавӣ ва устувории муҳит;
- Саҳм гузоштан ба ташаккули муҳити созгор ва ҳалли низоъҳо дар синф, мактаб, оила ва ҷамъият;
- Ҳангоми муоширати ва расонидани ёрӣ талабот, мустақилият, фарҳангу маданият ва қобилияти

ҳамахонандаро ба эътибор гирифтан;

➢ Расонидани ёрӣ ба дигарон, то онҳо ба мақсадҳои гузошташуда расанд;

➢ Барои рафъи муносибатҳои ғаразнок ва ноодилона нисбат ба худ ва дигарон масъулият ба дӯш гирифтан.

**§2.2. Таҳияи стардарт ва барномаи таълими тибки муносибати босалоҳият дар таълим**

Дар муносибати мазкур стандартҳо салоҳиятҳои умумитаълимӣ, салоҳиятҳои фаннӣ ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокиро аниқ мекунанд. Салоҳиятҳо дар стандарт барои марҳалаҳои муайяни таълим (соли таҳсил, зинаи таҳсилот) муқаррар карда мешаванд. Агар салоҳиятҳо барои зинаи таҳсил муайян шуда бошанд, дар сатҳи ҳар синф унсури муайян (дараҷаи муайяни азхудкунӣ)-и салоҳият нишон дода мешавад. Яъне, салоҳият аз ягон ҷиҳат дар синфҳои баъдина мураккабтар мегарданд.

Чуноне ки қайд шуда буд, салоҳият таҷрибаи муайянро инъикос мекунад. Таҷриба дар натиҷаи аз худ кардани донишҳо, ташаккули малакаҳо ва ҳосил шудани маҳорат ба даст меояд. Барои арзёбӣ то кадом андоза хонанда дар иҷрои амале салоҳиятнок шудааст (таҷрибаи кофӣ дорад), дар стандартҳо намунаҳои нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ оварда мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо ба омӯзгор ва дигар мутахассисон имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои таълим (салоҳиятнокии хонандагон)-ро арзёбӣ кунанд.

**Намуна:**

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни технология
(таълими меҳнат)
барои синфҳои 5-9

| Синфи 5 | Синфи 6 | Синфи 7 |
|---|---|---|
| Истифода ва асосҳои коркарди мавод | | |

| | | |
|---|---|---|
| 5.1.1. Баъзе воситаи техно-логиро ба таври сода истифода бурда метаво-над. | 6.1.1. Баъ-зе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад. | 7.1.1. Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад. |
| Эҷодкорӣ | | |
| 5.2.1. Дар дои-раи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад. | 6.2.1. Дар до-ираи мавзӯъ-ҳои маҳдуд ғояи навро эҷод карда метавонад. | 7.2.1. Дар дои-раи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад. |
| Интихоби касб | | |
| 5.3.1. Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад. | 6.3.1. Доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад. | 7.3.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад. |
| Асосҳои тарбиявӣ | | |
| 5.4.1. Хусуси-ятҳои тарбия-вии фанро дарк карда баъзе унсурҳои онро дар амал ба тав-ри сода татбиқ карда метаво-над. | 6.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад. | 7.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал татбиқ карда метавонад. |

| Синфи 8 | Синфи 9 |
|---|---|
| Истифода ва асосҳои коркарди мавод | |
| 8.1.1. Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад. | 9.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад. |

| Асосҳои истеҳсолот | |
|---|---|
| 8.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад. | 9.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад. |
| Муносибати эҷодкорона дар меҳнат | |
| 8.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад. | 9.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад. |
| Интихоби касб | |
| 8.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад. | 9.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад. |
| Асосҳои тарбиявӣ | |
| 8.5.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад. | 9.5.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ (пурра) татбиқ карда метавонад. |

**2.2.1. Баъзе воситаи технологиро ба таври сода истифода бурда метавонад.**

<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ</u>:

- дар бораи коркади мавод ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад;
- сохт ва нуқсонҳои маводро фарқ карда метавонад;
- хосиятҳои физикӣ ва механикии маводро ба назар гирифта метавонад;
- хондани нақша (ангора)-и ҷузъиёт, ҳуҷҷатҳои графикии маводҳоро ба таври хеле сода тасвир карда метавонад;
- равандҳои иҷро кардани маснуотро шарҳ дода метавонад;
- истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда

метавонад;

- ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад;
- эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
- қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад;

- мафҳ***умҳои содаи фан (абзорҳои ченкунанда***, абзорҳ***ои назоратӣ***, )-ро дарк мекунад ва ҳ***ангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода*** бурда метавонад.

### §*2.2.2.* **Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи барномаи таълим**

Дар муносибати классикии таълим барнома хусусияти ҷадвалӣ (пайдарпайии азхудкунии мавзӯъҳо) дошт. Яъне мавзӯъҳои таълим пешакӣ аниқ шуда, тартиби таълими онҳо мушаххас буд. Намуна: Боби технологияи коркарди чӯб – 17 соат. Яъне, зермавзӯъҳои боби технологияи коркарди чӯб дар муддати 17 соат дар як соли таҳсил таълим дода мешуд. Ин боби таълим дар нақшаи тақвимӣ бо нишон додани зермавзӯъҳо, соат ва замони баргузории дарс нишон дода мешуд.

**Намуна:**

| *№* | Мавзӯъ | Соат | Таърих | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| *1* | | | | |
| *2* | | | | |
| *3.* | | | | |

Ин тарзи тарҳрезии барнома хеле осон ва барои омӯзгорон қулай аст. Ҳама чиз вақт ва мавқеи пешакӣ муайяншуда дорад ва ба таъхир гузоштани он, маънои аз барнома ақиб монданро дошт ва дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун нишондиҳанда барои арзёбии фаъолияти омӯзгор истифода бурда мешуд.

Муносибати салоҳиятнок тарзи дигари тарҳрезии барномаро талаб мекунад. Дар муқоиса бо тарзи классикии тарҳрезии барномаи таълим, дар муносибати салоҳиятнокӣ усули ҷадвалӣ истифода намешавад. Дар муносибати салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳо равона шуда, мавзӯъ ва мундариҷа ҳамчун воситаи ёрирасон истифода мешаванд. Чуноне ки қайд шуда буд, салоҳиятҳо таҷрибаро инъикос мекунанд ва онҳо барои марҳалаи дарозтари таълим (на дарс, на боби таълим, балки соли таҳсил ё зинаи таҳсил) муқаррар карда мешаванд. Барномаи таълим дар муносибати таълими салоҳиятнокӣ ба таври спиралӣ тарҳрезӣ карда мешавад. Ташаккули салоҳият аз нуқтаи оғоз (сифр) банақша гирифта шуда, давра ба давра ташаккул дода мешавад. Дар раванди ташаккули салоҳиятҳо мазмун, мундариҷа ва стратегияҳои таълимии мураккабтар гардонда мешаванд. Моҳияти асосии ин усули тарҳрезии барномаи таълим дар он аст, ки ба хонанда имконияти зиёди машқ кардан фароҳам оварда мешавад.

**Нақшаи 1. Тарзи спиралии (даврагӣ)** тар**ҳрезии барномаи таълим.**

Чуноне ки аз нақша маълум мешавад, салоҳиятҳоро дар як ё ду дарс ташаккул додан ғайриимкон аст. Салоҳиятҳо тадриҷан ташаккул меёбанд ва мундариҷаи таълим (мавзӯъҳо) ҳамчун воситаҳои ғанӣ ва гуногун гардондани раванди таълим, машқи салоҳиятҳо дар шароиту вазъиятҳои нав ёрӣ мерасонанд.

### §2.3. Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим – марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо

1.Муайян намоед, ки барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ кадом донишҳо аз фанни технология (таълими меҳнат) муҳиманд? Чаро? Ин донишҳоро хонандагон дар куҷо татбиқ карда метавонанд?

2.Пас аз омӯзиши мавзӯъ салоҳиятнокии хонандаро чӣ гуна муайян намудан мумкин аст?

3.Оид ба марҳилаҳои ташаккули салоҳият фикри худро баён кунед.

Фасли боло оид ба тарҳрезии барномаҳои таълим ҳамчун

дастур барои тартиб додани нақшаи тақвим ва нақшаи дарс хизмат мекунад. Дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ моҳияти пештараашро аз даст медиҳад. Сабаби дигар шудани моҳияти нақшаҳои мавзӯӣ-тақвимӣ дар он аст, ки дар муносибати салоҳиятнокӣ раванди ташаккули салоҳиятҳои ҳар як хонанда ба эътибор гирифта мешавад. Вобаста ба ин ба ҳар як хонанда (ё гурӯҳи хонандагон) андозаи гуногуни вақт барои ташаккули салоҳият зарур мешавад. Яъне, мо наметавонем ташаккули салоҳиятро ба таври умум ва як хел барои ҳамаи хонандагон ба нақша гирем. Нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ ба муносибати классикии таълим хос аст, ки дар он азхудкунии мавзӯъҳоро дар вақти муайян тақозову талаб мекард. Бо вуҷуди ин, мо бояд ягон воситаи банақшагирии пешакиро, бар ивази нақшаи мавзӯӣ-тақвимии классикӣ (анъанавӣ) ба омӯзгор



пешкаш намоем.

Барои тартиб додани нақшаи ташаккули салоҳиятҳо ва мутобиқ сохтани он ба раванди таълим намунаҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст. Аммо ҳангоми интихоб ва таҳияи нақша бояд якчанд талаботро ба эътибор гирифт:

1. Нақшаи тартибдода бояд ташаккули салоҳиятҳоро инъикос кунад (ҳам салоҳиятҳои фаннӣ ва ҳам салоҳиятҳои умумитаълимӣ).
2. Барои ташаккули салоҳиятҳо мавзӯъ ва мундариҷаи мувофиқро тавсия диҳад.
3. Барои ташаккули салоҳиятҳо (машқ ва ҳосил кардани таҷриба) вақти кофӣ ҷудо шуда бошад.
4. Машғулиятҳои мушаххасро (дарсҳои лоиҳавӣ) барои дар амал санҷидан ва истифода бурдани салоҳиятҳо фаро гирад.
5. Воситаҳои арзёбиро барои марҳалаи муайяни таълим (рейтингҳо, нимсола, солона) инъикос кунад.

Ба мақсади ба низом даровардан ва ба қолаби ягона ҷо додани талаботи муносибати салоҳиятнок, тарзи банақшагирии спиралӣ ва технологияи таълими фаъол, ки рукнҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок мебошанд, дарсҳо мувофиқи марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба нақша гирифта мешаванд. Ташаккули салоҳият муназзамӣ ва машқи зиёдро талаб мекунад. Ҳангоми банақшагирии дарсҳо ба эътибор гирифтани ҳар як марҳалаи ташаккули салоҳиятҳо зарур аст. Дар нақшаи зерин марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба таври аёнӣ нишон дода шудааст:




Биёед ҳар як марҳаларо баррасӣ мекунем.

**Марҳалаи 0.**

Дар ин марҳала хонандагон бо проблема (фаъолияти таълим) рӯ ба рӯ мешаванд. Аз хонандагон иҷрои ягон амале, ки ҳоло аз уҳдаи он намебароянд, талаб карда мешавад. Хонандагон мувофиқи фаҳмиш ва дониши заминавиашон ин амалро иҷро мекунанд. Проблемаи гузошташударо дарк мекунанд, яъне мефаҳманд, ки амалро иҷро карда наметавонанд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон мақсад гузоранд ва барои иҷрои амал ҳавасманд гарданд.

**Намунаҳо:**

Технология (таълими меҳнат)**:** Намунаи 1. Хонандагон ҳоло ин амалҳоро иҷро карда наметавонанд. Мақсади шумо омӯзондани ин малака аст. Шумо дар тахтаи синф як амалро менависед (вобаста ба синну сол ва барномаи таълимӣ). Аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки ин амалро иҷро кунанд (тез кардани асбобҳои дуредгарӣ (синфи 7). Хонандагон роҳҳои гуногуни иҷрои ин амалро истифода мебаранд. Кори хонандагонро мушоҳида карда, аз онҳое, ки амали

додашударо дуруст иҷро кардаанд, тартиби иҷрои амалро мепурсед. Яъне, онҳо чӣ гуна ин амалро иҷро карданд. Чӣ корҳоро анҷом доданд?

**Намунаи 2.** Хонандагон ҳоло ин амалҳоро иҷро карда наметавонанд. Мақсади шумо омӯзондани ин малака аст. Шумо дар тахтаи синф як амалро менависед (вобаста ба синну сол ва барномаи таълимӣ). Аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки ин амалро иҷро кунанд (Буридани нусхаи пешдоман (синфи 5)). Хонандагон роҳҳои гуногуни иҷрои ин амалро истифода мебаранд. Кори хонандагонро мушоҳида карда, аз онҳое, ки амали додашударо дуруст иҷро кардаанд, тартиби иҷрои амалро мепурсед. Яъне, онҳо чӣ гуна ин амалро иҷро карданд. Чӣ корҳоро анҷом доданд?

Агар хонандагон амалро иҷро карда натавонанд ҳам, онҳо кӯшиш мекунанд ва ин барои пайдо шудани ваҷҳиёти (ҳавасмандии) хонандагон ва шинохтани проблемаи таълимӣ ёрӣ мерасонад.

**Марҳалаи 1.**

Дар марҳалаи 1 хонандагон ба таҳлили тартиби иҷрои амал ва пешниҳоди фарзияҳо[9] шурӯъ мекунанд. Ҳар як қадамро муҳокима мекунанд. Дар асоси қолаби пешниҳодшуда машқ мекунанд.

**Намунаҳо:**

**Технология (таълими меҳнат): Намунаи 1 (писарон)**. Дар ин марҳала намунаи дурусти иҷрои амал (тез кардани асбобҳои дуредгарӣ) ва тартиби иҷрои он муҳокима мешавад. Аммо дар хотир бояд дошт, ки тартиби иҷрои амалро худи хонандагон муайян мекунанд ва худ қоида месозанд. Як намуна аз ҷониби омӯзгор (ё хонандае, ки амалро дуруст иҷро кардааст) пешниҳод карда мешавад.

9 ҳадс ва тахмине, ки вақти таҳлили илмӣ барои шарҳ ва эзоҳи ягон ҳодиса оварда мешавад, пиндор, гипотеза.

Ҳангоми иҷрои амал омӯзгор ҳар як қадамро мегӯяд. Масалан: Ба хонандагон мурочиат карда мегӯяд ҳбарои он ки теғи асбоби бурранда хуб мебурридагӣ шавад, онро бояд тез кард. Тез кардани теғи асбобҳои дуредгарии буррандаро дар асбобҳои махсус ё бо усули дастӣ *и*чро намудан мумкин аст. Дастгоҳи тезкунӣ иборат аз доираи тезкорӣ*, ки ба навард шинонида шудааст ва он дастӣ ё бо му*ҳаррик давр занонида мешавад. Теғи асбобҳоро ҳам дар сатҳи силиндрӣ ва ҳам дар сатҳи паҳлӯии санги тезкорӣ тез кардан мумкин аст. Одатан сатҳи ками теғаи асбобҳои буррандаро тез мекунанд:- *дар* теғаҳои ранда ва искана – ақиб, арраҳои барқадбуранда – пеш ва ақиб. Тезкунии асбоб то тез шудани нӯги теғи буранда давом дода мешавад]. Пас аз ин аз хонандагон мепурсад, ки барои тез кардани теғаи нӯги теғи буранда бояд чӣ кор кард. Хонандагон амалҳоро номбар мекунанд. Ба хонандагон як намунаи амали дигарро омӯзгор пешниҳод мекунад. Хонандагон мустақилона ё дунафарӣ амалро кор мекунанд. Омӯзгор аз якчанд хонанда хоҳиш мекунад, ки усули иҷроиши амалро гӯянд. Омӯзгор ҳам амали дуруст ва ҳам амали нодурустро дар тахта менависад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки раванди корашонро шарҳ диҳанд. Яъне, чӣ гуна ба ин натиҷа ноил шуданд. Дуруст ва нодуруст будани ҳалли иҷрои амалро аниқ месозанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки тартиби иҷрои амалро ба хотир оранд ва гӯянд. Ин амалро якчанд маротиба бо мисолҳои гуногун гузарондан лозим аст, то ҳамаи хонандагон масъаларо (проблемаи таълимиро дарк кунанд). Дар раванди иҷрои корҳои амалӣ аз тарафи хонандагон ва омӯзгор қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва бехатарии меҳнат риоя карда шавад.

**Намунаи 2 (духтарон)**. Дар ин марҳала намунаи дурусти иҷрои амал (буридани нусхаи пешдоман) ва тартиби иҷрои он муҳокима мешавад. Аммо дар хотир бояд дошт, ки тартиби иҷрои амалро худи хонандагон муайян мекунанд ва худ қоида месозанд. Як намуна аз ҷониби омӯзгор (ё хонандае, ки амалро дуруст иҷро кардааст) пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми иҷрои амал омӯзгор ҳар як қадамро мегӯяд. Масалан: Ба хонандагон мурочиат карда мегӯяд ҳбарои буридани нусхаи пешдоман бояд аввал матоии интихобкардаро хуб аз назар гузаронидан лозим аст. Ягон ҷойи матоъ доғдор, дарида ва каҷҷу килеб набошад. Агар

дар матоъ ҷойҳои нуқсондор бошад, бо бӯри буррандагӣ ишорат карда мешавад. Пеш аз буридани матоъ дарозӣ ва бари он, равшании раххои риштаҳо, хусусияти нақша ва коркардаи гармию намии онро ба назар гирифтан лозим аст. Дар вақти буридани матоъ ба эътибор гирифтани бари матоъ ҳангоми дӯхтани маснуот, барои сарфаю сариштакорӣ ва роҳ надодан ба исрофкории беҳудаи матоъ аҳамияти калон дорад. Бари матоъ, ки истеҳсол мешавад аз *60 см то 1м 60см мешавад. Барои буридан ва д*ӯхтани пешдоман матои аз 75 см то 90 см интихоб кардан беҳтар аст. Исрофи матоъ ба дарозии матоъ ва интихоб намудани фасон вобастагӣ дорад. Пеш аз буридани матоъ дарозии либосро муайян карда кисса, миёнбанд (тасма) ва гарданбандро ба назар гирифтан лозим аст. *Матоъро ду*қад карда, тарафи ростаро ба дарун қат карда бо сӯзанакҳо қисмҳои пешдоманро маҳкам мекунем, пораҳои асосии қолаб барои матоъ тавре гузошта мешавад, ки хати марказ ба тарафи қатшудаи матоъ афтад ва аз тарафҳои дигар барои бари дарз 2 см гузошта мешавад, бо сӯзанак ба матоъ қалабҳо гузошта мешавад. Қолабҳои майдаро пайиҳам ҷойгир карда, мувофиқи қолаб хатҳоро бо бӯр ё собуни махсус ҷузъҳоро пайиҳам мекашем. Нусхаи пешдоман ва қисмҳои ҷойгиркардаи маснуотро бо як бор дурустии онро санҷида мебурем. *Пас аз он с*ӯзанакҳоро мегиранд]. Пас аз ин аз хонандагон мепурсад, ки барои буридани нусхаи пешдоман бояд чӣ кор кард. Хонандагон амалҳоро номбар мекунанд. Ба хонандагон як намунаи амали дигарро омӯзгор пешниҳод мекунад. Хонандагон мустақилона ё дунафарӣ амалро кор мекунанд. Омӯзгор аз якчанд хонанда хоҳиш мекунад, ки усули иҷроиши амалро гӯянд. Омӯзгор ҳам амали дуруст ва ҳам амали нодурустро дар тахта менависад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки раванди корашонро шарҳ диҳанд. Яъне, чӣ гуна ба ин натиҷа ноил шуданд. Дуруст ва нодуруст будани ҳалли иҷрои амалро аниқ месозанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки тартиби иҷрои амалро ба хотир оранд ва гӯянд. Ин амалро якчанд маротиба бо мисолҳои гуногун гузарондан лозим аст, то ҳамаи хонандагон масъаларо (проблемаи таълимиро) дарк кунанд. Дар раванди иҷрои корҳои амалӣ аз тарафи хонандагон ва омӯзгор қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва бехатарии меҳнат риоя карда шавад.

**Марҳалаи 2.**

Дар марҳалаи 2 хонандагон қоидаҳо (фарзияҳо) тартиб дода, дар асоси қоидаҳои тартибдодаашон амал мекунанд. Муайян мекунанд, ки қоидаҳои тартибдодаашон ба онҳо барои ҳалли проблемаи таълимӣ ёрӣ мерасонанд ё не. Амалҳои пайиҳам ва гуногунро иҷро мекунанд.

**Намунаҳо:**

Технология (таълими меҳнат барои писарон ва духтарон): Хонандагон асосан дунафарӣ ва ё дар гурӯҳҳои хурд кор карда, иҷрои амалҳоро тартиб дода, ба ҳамдигар шарҳ медиҳанд. Натиҷаи кори якдигарро дар асоси қоидаҳои тартибдодаашон месанҷанд. Тартиби иҷрои амал (алгоритм)–ро муҳокима ва таҳлил мекунанд. Ҳар замон хоҳ аз ҷониби омӯзгор хоҳ аз ҷониби ҳамсинфон шарҳи қадамҳои иҷрои амал пурсида мешавад.

**Марҳалаи 3.**

Дар марҳалаи 3 хонандагон фарзияҳо (қоидаҳои) тартибдодаашонро бо қоидаҳои муқоиса карда, як қоидаи асосӣ таҳия мекунанд ва дар асоси он кори худ ва дигаронро месанҷанд. Хонандагон хатоиҳои содиршударо дар асоси қоида муайян ва ислоҳ мекунанд.

**Намунаҳо:**

Технология (таълими меҳнат барои писарон ва духтарон): Ба хонандагон қоидаи илман асоснок пешниҳод карда мешавад. Хонандагон фарзияҳояшонро бо қоидаҳои асл муқоиса мекунанд ва тартиби дурусти иҷрои амалҳоро аниқ месозанд. Пас аз ин ба хонандагон намунаи кори хонандагони дигар супорида мешавад. Онҳо кори якдигарро месанҷанд, ғалатҳоро аниқ месозанд ва барои иҷрои онҳо ба якдигар тавсия медиҳанд. Ин корро метавон дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд ба роҳ монд. Дар ин марҳала ба хонандагон имконияти бештари истифодаи қоида дода мешавад. Онҳо машқҳои гуногун иҷро мекунанд. Дар ин марҳала чаро дуруст ва чаро нодуруст иҷро шудани вазифа муҳокима карда мешавад.

**Марҳалаи 4.**

Дар марҳалаи 4 хонанда амалро мустақилона дар шароити гуногун истифода мебарад. Акнун ба хонанда зарурати баргаштан ба қоидаҳо вуҷуд надорад, зеро аллакай ӯ салоҳиятнок шудааст. Аммо барои эътимод ҳосил кардан,

хонандагон якчанд корҳои санҷиширо иҷро мекунанд. Малакаи ҳосилшударо дар шаклҳои гуногун ва мундариҷаи нав истифода мебаранд. Корҳои лоиҳавӣ иҷро мекунанд. Барои аз худ кардани малакаҳои нав омода мешаванд.

## §2.4. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбии раванд ва натиҷаҳои таълим

**Супориш:**

1. Оид ба тафсири дараҷаҳои иҷроиш фикри худро баён намоед?

2.Шумо ба кадом меъёрҳои салоҳияти хонандагон баҳо мегузоред?

3. Ҷадвали овардашуда оид ба марҳалаи муайян намудани ташаккули салоҳиятро аз назар гузаронед. Барои як мавзӯъ салоҳиятҳоро мувофиқи ҷадвал интихобан арзёбӣ намоед. Фикри худро баён созед.

Дигаргуниҳои куллие, ки дар натиҷаи татбиқи муносибати салоҳиятнок ба таълим ба вуҷуд омада истодаанд, низоми арзёбӣ низ таъсири худро мерасонанд. Зеро тамоми воситаҳои арзёбӣ дар асоси салоҳиятҳо таҳия карда мешаванд ва раванд ва натиҷаҳои таълим дар асоси ин нишондодҳо баҳо дода мешаванд.

Дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим яке аз вазифаҳои асосии омӯзгорон ва мутахассисони фанни муқаррар кардани тафсири дараҷаҳои иҷроиш (сатҳи ноилшавӣ ба салоҳият) мебошад.

Тафсири дараҷаҳои ичроиш шарҳи фаъолияти хонанда дар дараҷаҳои гуногуни ташаккули дониш ва малака дар муносибат бо салоҳиятҳои фаннӣ.

Барои муқаррар кардани сатҳи иҷроиш сараввал дараҷаҳо муайян карда мешаванд. Масалан: ғайриқаноатбахш, қаноатбахш, хуб ва аъло. Дараҷаҳо метавонанд бо рақамҳо, рамзҳо ё ҳарфҳо дарҷ шаванд. Масалан, 2, 3, 4, 5 ё а, б, в, г, ё 10, 15, 20 ... 100. Муҳим он аст, ки ин дараҷаҳо кадом марҳалаи ташаккули салоҳиятро инъикос мекунанд.

Дар ҷадвали поён як намуна оварда мешавад.

Ин меъёрҳо дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ ё корӣ муқаррар карда шудаанд.

| Салоҳият | Ғайри?аноатбахш | Қаноатбахш | Хуб | Аъло |
|---|---|---|---|---|
| **7.1.1. Восита?ои технологиро истифода бурда метавонад.** **7.2.1. Дар доираи мавз?ъ?ои гуногун ?ояи навро э?од карда метавонад.** **7.3.1. Доир ба касб?ои гуногун маълумот дода метавонад.** **7.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.** | Дар мавриде гузошта мешавад, ки хонанда маводи назариявиро надонад, дар амал онро дуруст ва аниқ истифода бурда натавонад, асбобҳо ва таҷҳизотҳоро нодуруст истифода барад, ҷои корро ташкил карда натавонад, хатогии дағалона содир карда, доир ба қоидаҳои бехатарии меҳнат, маҳсулоти тайёркардаи ? ба қоидаҳои муқарраркардашуда мувофиқат накунад ва ба максади додашуда истифода бурда нашавад. вақте монда мешавад, ки хонанда маводи назариявиро тамоман надонад ва аз кор даст кашад, пура бо асбобҳо кор карданро надонад, доир ба қоидаҳои бехатарии меҳнат хатогии дағалона зо?ир кунад. | ? амон вақт гузошта мешавад, ки дар дониши онҳо нуқсон ё камбуд? зиёд набошад, маводро пура баён карда наметавонад ва бисёр вақтҳо онро дар амал истифода бурда низ наметавонад. Асбобҳоро медонад вале дар ҷои кор ба беинтизом? роҳ медиҳад, дар баъзе ҳолатҳо қоидаҳои бехатарии меҳнатро вайрон мекунад. Дар тайёр кардани асбобҳо ба кор, истифодабарии ҳуҷҷатҳои техникӣ ва иҷро кардани вазифа мӯҳтоҷи ёрии дониши муаллим мебошад, маҳсулоти тайёркардаи он пура ба талаботҳои муқарраршуда мувофиқат намекунад, вале онро ба ҳамон максад истифода бурдан мумкин аст, вақти сарфшуда барои тайёр намудани маҳсулот 20-25% аз норма зиёд мебошад. | Дар ҳамон мавриде гузошта мешавад, ки хонанда маводи назариявиро хубз донад, онро дуруст баён карда тавонад ва душвории онро дар амал истифода бурда тавонад. Асбобҳоро медонад ва маҳорати ба кор тайёр кардани онҳоро донад, ҷои корро ташкил карда тавонад, амалҳоро асосан дуруст ва бо пайдарҳамии технологӣ иҷро карда тавонад, аз харитаҳои технологӣ истифода бурданро донад, қоидаҳои Т/Б-ро риоя кунад, қобилияти худназораткун? дар корро дошта бошад, маҳсулоти тайёркардаи ? ба талаботҳои муқарраркарда мувофиқат кунад, вале вақти иҷрокун? 10-15% аз нормаи муқаррари зиёд бошад. | Дар ҳамон мавриде гузошта мешавад, ки хонанда маводро пура ва озодона баён карда, онро дар амал истифода бурда тавонад. Асбобҳоро нағз донад ва майли ба кор тайёр кардани онҳоро дошта бошад. Ҷои корро дуруст ташкил карда, онро дар ҳолати тоза нигоҳ дошта тавонад. Амалҳои меҳнатро бо пайдарҳамии технологӣ иҷро карда, барои ин қоидаҳои дурусти кориҷрокуниро истифода барад. Харитаҳои технологиро дар раванди дарс истифода бурда тавонад. Дар рафти кор ба қоидаҳои Т/Б дуруст риоя кунад. Дуруст иҷрокунии вазифаҳои додашударо мустақилона назорат карда тавонад, дар кор эҷодкорӣ нишон дода, маҳсулотро аз рӯи талаботҳои муқараркардашуда тайёр карда онро дар вақташ, ё ки пештар аз вақти додашуда супорида тавонад. |

Дар баробари назорат кардани муаллим нақши калонро дар дарсҳои технология ба вуҷуд овардан ё иҷро кардани худназораткунии корҳои мустақилона ба ҳисоб

меравад. Он ҳангоми банақшагирӣ, дар рафти иҷрои он ва дар охир гузаронида мешавад.

**7.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои гуногун пояи навро эҷод карда метавонад.**

<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>

- Эҷодкорона зичигии чӯбу тахтаро муайян карда метавонад;
- Нақшаи маснуотро эҷодкорона тартиб дода метавонад;
- Эҷодкорона пайдарпаии амалиёти харитаи технологиро тартиб дода метавонад;
- Аломатҳои шартии нақшаҳои кинематикии дастгоҳи харротии СТД-120М-ро эҷодкорона шарҳ дода метавонад;
- Ҳангоми харротии сатҳои барҷаста ва фурӯхамида исканаро эҷодкорона ҳаракат дода метавонад;
- Эҷодкорона аз асбобҳо барои харротии бадеӣ истифода бурда метавонад;
- Оид ба тарошатахта ва нахтахта эҷодкорона маълумот дода метавонад;
- Шакли дандонаҳои арраро эҷодкорона таҳлил карда метавонад;
- Пайдарпаии танзими рандаро эҷодкорона иҷро карда метавонад;
- Пайвастагиҳои ҳаракатнок ва беҳаракати навардро бо сӯрохӣ эҷодгорона муайян карда метавонад;
- Барои сохтани чорчӯба бо истифодаи пайвастагиҳои комакӣ эҷодкорона ангора кашида метавонад;

Барои таҳияи тафсири сатҳи иҷроиш дараҷаҳои пасттарин, миёна ва баланди иҷроиши салоҳият муайян карда мешаванд. Тафсири сатҳи иҷроиш дар асоси нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ, ки намунаҳои он дар стандартҳои фаннӣ нишон дода шудаанд, таҳия карда мешавад.

Намунаи 1 (писарон):

Намунаи 2 (духтарон).

Тафсири сатҳи иҷроиш имконият медиҳад, ки салоҳиятҳо

дар дараҷаҳои гуногун санҷида шаванд. Инчунин маълумоти дар натиҷаи чунин арзёбӣ ба дастомада ба хонанда ва омӯзгор имконият медиҳад, ки мушкилоти таълимии худро муайян карда, пайи ҳалли мушкилот кор кунад.

Дар мамлакатҳое, ки муносибати салоҳиятнокӣ ба таълимро татбиқ мекунанд, дараҷаи иҷроиши ҳар як салоҳияти фаннӣ ва умумитаълимӣ шарҳ дода шуда, воситаҳои арзёбӣ, ҷамъоварии маълумот оид ба натиҷаҳои таълими хонандагон ва дигар тадбирҳои санҷишӣ дар асоси ин шарҳҳо ба роҳ монда мешаванд.

**7.1.1. Воситаи технологиро истифода бурда метавонад.**
Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:
- дар бораи коркади мавод ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад;
- сохт ва нуқсонҳои маводро фарқ карда метавонад;
- хосиятҳои физикӣ ва механикии маводро ба назар гирифта метавонад;
- хондани нақша (ангора)-и ҷузъиёт, ҳуҷҷатҳои графикии маводҳоро тасвир карда метавонад;
- равандҳои иҷро кардани маснуотро шарҳ дода метавонад;
- истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда метавонад;
- ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад;
- эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
- қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад;
- мафҳумҳои содаи фан (абзорҳои ченкунанда, абзорҳои назоратӣ, )-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад.

Арзёбӣ ҷузъи таркибии муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим буда, барои назорати раванди ташаккули салоҳиятҳо ҳам ба омӯзгор ва ҳам ба хонанда имконият фароҳам меорад. Доир ба масъалаи арзёбӣ дар боби 4-ми модули мазкур маълумоти пура оварда мешавад.

## §2.5. Салоҳиятҳо ҳамчун восита барои мақсадгузорӣ

Супориш:

1. Мақсади таълимии хуб таҳияшуда ба чунин саволҳо ҷавоб медиҳад:
   1. Кӣ/Киҳо?
   2. Кай? ё Чӣ тарз?
   3. Чиро?
   4. Чӣ кор мекунанд?

Оид ба саволҳои овардашуда фикри худро баён созед. (Мавзӯъ аз рӯйи хоҳиш интихоб карда шавад)

2.Ба намунањои овардашуда такя намуда, интихобан мавзўъро муайян намуда, маќсади дарс тартиб дињед.

Дар муносибати классикии таълим мақсадҳои дарс хусусияти умумӣ доштан ва одатан фаъолияти омӯзгорро инъикос мекарданд.

Дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим мақсадҳо фаъолиятҳои маърифатии хонандагонро инъикос мекунанд ва дар асоси салоҳиятҳо таҳия карда мешаванд.

Барои таҳияи мақсадҳои таълимии дарси мушаххас якчанд нишондиҳандаҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Мувофиқи марҳалаи ташаккули салоҳиятҳо (нигаред ба §2.4. Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо) таҳия шудаанд.

Мақсади таълим мушаххас аст:  Мақсади таълим бояд мушаххас муайян кунад, ки чиро ба даст меорем ва он набояд умумӣ бошад.

**Ченшаванда:** Оё ба мақсади таълим ноил гаштанро чен кардан мумкин аст? Мо набояд мақсадҳои зиёдро бо феълҳои «донистан» ва «фаҳмидан/дарк кардан» истифода барем, зеро чен кардани «донистан» қариб номумкин аст.

**Иҷрошаванда:** Мақсади таълимро хонандагони Шумо бо захираҳои (имконияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ) дастрас, инчунин дар  вақти мувофиқ аз худ карда метавонанд.

Мақсади таълимии дарс ба омӯзгор дар муайян намудани раванди дарс, интихоби методҳо ва воситаҳои арзёбӣ (яъне хонандагони шумо ба мақсад ноил гаштанд ё не!) ёрӣ мерасонад. Дар навбати худ мақсади дурусти таҳияшуда ба

омӯзгор имконият медиҳад, ки дарсро хуб ташкил карда, самаранокии онро баланд бардорад.

Мақсади таълимии хуб таҳияшуда ба чунин саволҳо ҷавоб медиҳад:

1. Кӣ/Киҳо?
2. Кай? ё Чӣ тарз?
3. Чиро?
4. Чӣ кор мекунанд?

Яъне кӣ (хонанда ё хонандагон), кай (замон, масалан, то охири дарс, то охири ҳафта, машғулият) ё чӣ тарз (ба осонӣ, ба зудӣ, новобаста аз вазъият, дар муошират ва амсоли он) чиро (кадом маълумот, ахбор, дониш, ақида, сохтори грамматикӣ, калимаҳо, рақамҳо, амалҳо, формула, муодила) ва бо он чӣ (яъне маълумот, ахбор, дониш, ақида, сохтори грамматикӣ, калимаҳо, рақамҳо, амалҳо, формула, муодила) кадом амалро иҷро карда метавонад.

Намуна: Технология (таълими меҳнат) барои синфи 6 писарон:

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад.

Мақсадҳои дарс:

- Дар бораи нуқсонҳои чӯб маълумот дода тавонад;
- Дар бораи касалиҳои дарахт эҷодкорона маълумот дода тавонад;
- Дар бораи касби лаборанти муайянкунандаи касалиҳои дарахт маълумоти сода дода тавонад;
- Тарбияи ҳифз намудани дарахтонро аз касалшавӣ ба таври сода риоя карда тавонад.

Намуна: Технология (таълими меҳнат) барои синфи 6 духтарон:

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

Дар бораи тайёр намудани мураббо ва ҷем шарҳ дода метавонад;

Дар бораи коркарди мураббо, ҷем ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад;

Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад;

Бо меваҳо ва ғуҷуммеваҳо ва як қисми сабзавот ғояҳои содаро эҷод менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад;

Урфу одатҳои миллиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;

Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад.

## §2.6. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ

**Супориш:**

1.Ба фикри Шумо, оид ба ташаккул додани салоҳияти хонандагон омӯзгор чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонад? (дар дарси технология (таълими меҳнат)

2. Самтҳои имконоти фаъолияти омӯзгорро вобаста ба марҳилаҳо ташаккули салоҳиятҳоро мувофиқи андешаи худ баён созед.

3.Фанне, ки Шумо таълим медиҳед, барои ташаккули кадом навъи малакаву маҳорат ва қобилиятҳоро мусоидат мекунад?

Дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим супоришҳои таълимӣ дар асоси марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо (нигаред ба §2.4) ва мақсадҳои таълимии дарс интихоб ё тарҳрезӣ мешаванд. Чуноне ки борҳо дар саҳифаҳои маводди мазкур таъкид мешавад, дар муносибати салоҳиятнокӣ нақши омӯзгор ва хонанда дар муқоиса бо таълими классикӣ тағйир меёбад. Ин омил ба таҳия ва интихоби супоришҳои таълимӣ таъсири калон дорад. Инчунин барои интихоби супоришҳои таълим технологияи таълим (Нигаред ба Боби 3) таъсир мерасонад. Ҳангоми интихоб ё таҳияи супориши таълим омӯзгор бояд ба якчанд савол ҷавоб гардонад. Аз ҷумла:

- Хонандагон дар кадом марҳалаи ташаккули салоҳият қарор доранд?
- Ин марҳалаи ташаккули салоҳият иҷрои кадом амалҳоро талаб мекунад?
- Раванди таълимро мувофиқи кадом технологияи таълим ба роҳ мемонам? Талаботи он ба супориши таълим кадомҳоянд?
- Кадом шакли кор истифода мешавад (мустақилона, дунафарӣ ё гурӯҳӣ)?

Нақши омӯзгор дар муносибати салоҳиятнокӣ интиқол ё додани дониш набуда, балки дастгирии раванди ташкил ва татбиқу амалӣ сохтани фаъолияти таълим дар чорчӯбае мебошад, ки дар он  рушди салоҳиятҳо сурат мегирад.

Нақшаи поёнӣ самтҳои имконоти фаъолияти омӯзгорро вобаста ба марҳилаҳо ташаккули салоҳиятҳо нишон медиҳад. Дар асоси нишондоди мазкур омӯзгор супоришҳои таълимро муайян карда метавонад.

| Марҳилаи 0. Оё ман метавонам? Дарки проблемаҳо |
|---|
| ➢ омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, дар натиҷа сатҳи ба шакли муайян даровардани салоҳиятҳо маълум мешавад;<br>➢ хонандагонро ба муайян кардани камбудӣ (хатоиҳо) ҳангоми иҷрои супориши асосӣ оварда мерасонад;<br>➢ ба хонандагон ёрӣ медиҳад, то ки саволҳоеро муайян кунанд, ки барои иҷрои супориши асосӣ ҷавобҳоро ёфтан лозим аст;<br>➢ барои саволҳоро ба мақсади таълим табдил додан, ки хонандагон ҳангоми кор бо мавзӯъ анҷом медиҳанд, мусоидат мекунад. |
| **Марҳилаи 1. Бо чӣ ман сару кор дорам? Дарки вазъият** |
| ➢ хонандагонро барои ҷамъоварии хазинаи мавод, ки дар асоси он кори оянда ба роҳ монда мешавад, сафарбар менамояд;<br>➢ барои муайян кардани махсусиятҳои гуногуни унсурҳои хазина супориш медиҳад;<br>➢ хонандагонро ба эҷоди «шиноснома»-и унсури омӯхташаванда раҳнамоӣ мекунад. |
| **Марҳилаи 2. Чӣ тавр интихоб кард? Роҳ ба сӯйи стратегия** |
| ➢ ба хонандагон имконият медиҳад, ки робита ва қонуниятҳои байни унсурҳои омӯхташавандаро муайян кунанд;<br>➢ оид ба эҷоди қоида дар асоси «шиноснома» ва қонуниятҳои ошкоршуда кори хонандагонро ба роҳ мемонад;<br>➢ ба қоидаи алоҳидаи робита дар стратегия мусоидат мекунад, агар инро вазифаи гузошташуда талаб намояд. |
| **Марҳилаи 3. Қоида кор мекунад? Ҷустуҷӯйи «ғалат»** |

| |
|---|
| ➢ барои истифодаи қоидаи муайян кардашуда супориш медиҳад;<br>➢ кор бо ҷамъоварии ғалат ва истифода бурдани қоидаро ба роҳ мемонад;<br>➢ кор оид ба таҳлили ғалатҳо ва тағйир додани қоидаҳоро ба роҳ мемонад. |
| **Марҳилаи 4. Оё ман иҷро мекунам? Роҳ ба сӯйи салоҳиятҳо** |
| ➢ супоришҳое медиҳад, ки истифодаи қоидаи баровардашударо талаб мекунанд;<br>➢ барои аниқ кардани истифодаи қоида ҳангоми иҷрои вазифа супориш медиҳад;<br>➢ барои арзёбии натиҷаи иҷрои вазифа ва муайян кардани вазифаи нави таълим супориш медиҳад. |

Нақшаи додашударо метавон ба сифати дастурамал барои таҳияи супориш ва банақшагирии дарси мушаххас истифода бурд. Муҳим фаҳмидан ва донистан аст, ки танҳо як сохтори «дуруст» наметавонад барои ҳамаи дарсҳо вуҷуд дошта бошад. Интихоби сохтори дурусти дарсро марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон муайян мекунад. Инро дар мисоли силсилаи дарсҳо оид ба навиштани нома (мактуб) нишон медиҳем.

| **Дарси № 1. Оид ба иҷрои амал дар мо чӣ саволҳо ҳаст? (Марҳилаи 0)** |
|---|
| ➢ савол ба аҳли синф;<br>➢ ҷавобҳои хонандагон ба тартиби умумӣ;<br>➢ супориши амалӣ (4 вариант);<br>➢ кор дар гурӯҳҳо (аз рӯйи вариантҳо);<br>➢ пешниҳоди натиҷаи кори гурӯҳҳо;<br>➢ мухтасар ва дақиқ кардани саволҳо;<br>➢ муқоисаи натиҷаи кори гурӯҳҳо;<br>➢ аниқ сохтани саволҳо ва майян кардани ҳадафҳои таълим. |

| **Дарси № 2. Оё амалҳо аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доранд? Қадомҳо? (Марҳилаи 1-2)** |
|---|
| ➢ баргаштан ба мухтасар ва дақиқ муайян кардани ҳадаф. Хазина чун восита барои ба даст овардани ҳадаф;<br>➢ муқоисаи амалҳои дар хазина буда, ки омӯзгор пешниҳод кардааст (инфиродӣ);<br>➢ муайян кардани фарқи амалҳо (дар ҷуфтҳо);<br>➢ номгӯйи тахминии мушаххасот;<br>➢ аз рӯйи мушаххасот дар асоси васеъгардонии хазина ошкор кардани фарқҳои амалҳо (дар ҷуфтҳои нав);<br>➢ ҷамъоварии натиҷаҳои кори амалӣ;<br>➢ баровардани қонуниятҳо ва муайян кардани қоида (ҳар як хонанда!). |
| **Дарси № 3. Оё усулҳои мо барои иҷ**рои **амалҳ**о **ба кор меравад? (Марҳилаи 3)** |
| ➢ баргашт барои дақиқ кардани усул;<br>➢ супориши амалӣ оид ба истифодаи усулҳои худ барои корҳои амалӣ - эҷодӣ;<br>➢ супориши корҳои амалӣ барои баҳодиҳии натиҷаҳо ва рефлексия (дар ҷуфтҳо ва ё гурӯҳҳо);<br>➢ супориши кори амалӣ оид ба истифодаи усулҳои худ барои таҳрири амалҳои яке аз хонандагони синфи дигар. |
| **Дарси № 4.** Иҷрои **кори амалӣ чӣ андоза бароям осон аст? (Марҳилаи 4)** |
| ➢ супоришҳои корӣ амалӣ;<br>➢ ташкили рефлексии хонандагон оид ба раванд, натиҷа ва истифодаи усул;<br>➢ ба роҳ мондани кор оид ба дақиқ кардани вазифаи таълими оянда. |

Ба он таваҷҷуҳ додан муҳим аст, ки дар навиштаҳои боло на танҳо сохтори дарс, балки шаклҳои кор тағйир меёбанд. Ҳол он ки дарси анъанавӣ асосан кори умумии омӯзгор бо синфҳоро дар назар дорад. Дар чорчӯбаи стандарти нав омӯзгор ба таври умумӣ кам кор мекунад ва бештари вақтро ба ташкили корҳои амалии хонандагон, махсусан бештар ба супоришҳои ҳархела ва дар шаклҳои гуногун мебахшад (инфиродӣ, дар ҷуфтҳо, дар гурӯҳҳо ва ғайра).

Ҳамчунин се фарқи муҳимми онҳоро зикр кардан лозим аст. Ҳангоми рушди салоҳиятҳо омӯзгор на танҳо ба синф супориш медиҳад, балки муколама (гуфтугӯ)-ро ба роҳ мемонад (истинод ба маводди муколамаи таълим). Ин се раванд дар назари аввал ба ҳам метавонанд монанд намоянд, вале дар асл фарқи ҷиддӣ доранд. Фарқи дуюм дар он аст, ки дар муносибати салоҳиятнокӣ омӯзиши мавзӯъ ҳамеша бо ҳадафҳои нави таълим ба охир мерасад, чунон ки дар намунаҳои боло инъикос ёфтаанд. Фарқи сеюм, ки имкон дорад аз нуқтаи назари фаҳмидан ва муносибати қабулкардаи омӯзгор аввалӣ ҳисоб меёбад, тағйир аҳамияти дарсҳои ҷудогона дар раванди таълим мебошад. Агар дар таълими анъанавӣ дарс аксар вақт чун воҳиди мустақил ва анҷомёфта баррасӣ гардад, баъди ба охиррасӣ хонандагон ба натиҷаи муайяни мушаххас ноил мешаванд, вале дар муносибати салоҳиятнокӣ дарс ҳамеша танҳо ҷузъи раванди таълим аст.

Дар раванди як дарс салоҳиятро дақиқ кардан номумкин аст. Аз ин рӯ, омӯзгор набояд аз он тарсад, ки ӯ акнун «дар вақташ иҷро карда наметавонад». Аз тариқи миқдори бештари марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳо гузаронидан хонандагонро набояд анҷом дод, балки барои бомуваффақият анҷом додани фаъолият ёрӣ расонад.

Ҳамин тариқ, дар муносибати салоҳиятнокӣ ба пурагӣ дарсҳое ҷоиз аст, ки дар натиҷа хонандагон танҳо вазифаи таълимиро аниқ месозанд ё махсусияти унсурҳоеро ҷудо ва муайян менамоянд, ки дар оянда бо онҳо кор кунанд.

## Боби 3. Таҳлили ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳо вобаста ба муносибати салоҳиятнок ба таълим

§3.1.Технологияҳои раванди педагогӣ: дар низоми муносибати босалоҳият дар таълим

**Супориш:**

1. Дар ҷадвали овардашуда оид ба намунаҳои амалҳо барои фаъолиятҳои таълим пешниҳод карда шудааст, аз назар гузаронед. Оид ба масъалаи мазкур фикри худро баён созед.

2.Шумо дар дарсҳои худ аз кадом методҳои анъанавӣ бештар истифода мебаред? Чаро? Мақсади истифодаи метод дар чист?

3. Ба фикри шахсии Шумо фарқи асосии технологияи педагогӣ ва методҳои таълим дар чист? (мувофиқи ҷадвал)

Мафҳумҳои асосӣ: «технология» «технологияи педагогӣ» «технологияи таълим» «технологияи омӯзиш». Мафҳуми “метод” ва “методикаи таълим”. Умумият ва фарқи технологияи таълим аз методикаи таълим. Технологикунонии ҷараёни таълим

Фаъолият ва таҷрибаи амалии таълимии (маърифатии) хонанда маҳаки асосии муносибати салоҳиятнок ба таълим мебошад. Ин омил шаклҳои нави таълиму омӯзиш ва истифодаи технологияҳои нави педагогиро талаб мекунад. Фаъолияти амалии таълимӣ тақозо мекунад, ки хонанда проблемаи асосии таълимиро дарк кунад, барои ҳалли проблемаи таълими мақсад гузорад, роҳу воситаҳои гуногунро барои ҳалли масъала ба нақша гирад, бо роҳбаладии омӯзгор ё мустақилона проблемаи таълимиро ҳал кунад, раванд ва натиҷаи корашро мушоҳида ва арзёбӣ кунад ва барои такмил ёфтани донишу малакаи азхудкардааш масъулият ба душ гирад. Яъне, фаъолияти хонанда дар раванди таълим асос ҳисобида мешавад.

Таҷрибаи амалии таълимӣ аз субъектҳои раванди таълим (омӯзгор ва хонанда) талаб мекунад, ки малакаи

навро тавассути машқи зиёд то дараҷаи таҷриба (салоҳият) расонанд.

Аз ин лиҳоз, барои татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим технологияҳои педагогие, ки ба хонандагон имконияти иҷрои фаъолиятҳои зерини маърифатиро фароҳам меоранд, заруранд.

Фаъолият таълимие, ки хонандагон барои ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим мунтазам иҷро кунанд:

- ➢ таҳқиқ ва муайян кардани проблемаи таълим – хонандагон бояд ба фаъолиятҳое, ки барои муайян кардани проблемаи таълимӣ ёрӣ мерасонанд, ҷалб гарданд.
- ➢ мақсадгузорӣ – дар асоси проблемаи таълимӣ, хонандагон мақсад мегузоранд. Яъне, онҳо кадом донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳоро барои ҳаллӣ проблемаи таълимӣ бояд аз худ кунанд.
- ➢ банақшагирии фаъолиятҳои таълимӣ ба мақсади ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда. Чиро аз худ кунам? Чӣ корҳоро анҷом диҳам? Барои иҷрои амалҳо чӣ қадар вақт лозим аст?
- ➢ худназоратӣ ва худидоракунӣ. Хонандагон бояд воситаҳои худназоратӣ ва худидоракуниро ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои таълим донанд ва истифода баранд.
- ➢ Худбаҳодиҳӣ ва ба ҳамдигар баҳо додан. Хонандагон бояд воситаҳои ба фаъолияти худ ва натиҷаҳои таълимии бадастовардаашон баҳо доданро донанд ва истифода бурда тавонанд.
- ➢ пешниҳоди натиҷаҳои кор (муаррифӣ кардан). Хонандагон бояд воситаҳои пешниҳоди натиҷаҳои таълимиро донанд ва истифода баранд.
- ➢ рефлексия (бозтоб, инъикос) – қабул карда тавонистани ақидаи дигарон нисбат ба амал ё натиҷаи амали таълимӣ ва такмил додани натиҷаи кор, тағйир додани тартиби иҷрои фаъолият.

Ҳар як фаъолияти таълимии боло иҷрои амалҳои мушаххаси хонандагро талаб мекунад, ки аксари он амалҳо

хусусияти таҳқиқотӣ доранд. Дар ҷадвали поён барои фаъолиятҳои таълим намунаҳои амалҳо пешниҳод карда мешаванд. Ин барои интихоби технологияи педагогии мувофиқ имконият медиҳад.

| Фаъолияти таълимӣ | Амалҳо |
| --- | --- |
| Таҳқиқ ва муайян кардани проблемаи таълим | Гузарондани таҷрибаи аввалия, муайян кардани мушкилот, алоқаманд кардани дониши заминавӣ бо донишҳои нав, таҳияи фарзияҳо ва ғайра. |
| Мақсадгузорӣ | Муайян кардани нишондиҳандаҳои муваффақият, муайян кардани афзалиятҳо, аниқ сохтани шароит ва мавод барои ҳалли масъала ва амсоли он. |
| Банақшагирии фаъолиятҳои таълимӣ | Муайян ва тартиб додани рӯйхати фаъолиятҳое, ки барои расидан ба мақсад заруранд, банақшагирии вақт, воситаҳои худназорат ва худбаҳодиҳӣ, *муайян кардани раванди и*ҷрои фаъолиятҳои таълим ва ғайра. |
| Худназоратӣ ва худидоракунӣ | Муқаррар намудани нишондиҳандаҳо барои назорати раванди иҷрои фаъолиятҳои таълим ва мувофиқати онҳо ба мақсадҳои таълим, таҳлили раванди иҷрои фаъолиятҳои таълим, муқоисаи натиҷаҳои кор бо нишондиҳандаҳо ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо ва ғайра. |

| | |
|---|---|
| Худбаҳодиҳӣ | Муайян кардани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо ҳангоми иҷрои фаъолияти таълим, муқоисаи натиҷаҳо бо мақсадҳои гузошташуда ва такмил додани натиҷаҳо тавассути тағйири тартиби кор ва иҷрои фаъолият. |
| Пешниҳоди натиҷаҳои кор | Дар шакли мувофиқ инъкос кардани натиҷаҳои кор, омода намудани муаррифӣ*, мувофи*қи талаботи навъи кор истифода бурдани воситаҳои мувофиқи муаррифӣ. |
| Рефлексия | Дарки тавсияҳо, қабули тақризу назарҳои интиқодӣ*, ба* қайд гирифтани тавсияҳо, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мақсади такмил додани натиҷаи кор. |

Пеш аз интихоби технологияи мувофиқ барои татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим моҳияти технологияи педагогиро пура баррасӣ кардан зарур аст.

Технологикунонии омӯзиш яке аз самтҳои илми педагогика буда, қонуният, принсип, восита ва роҳҳои самараноки ноилшавӣ ба мақсадҳои таълимиро таввассути ба роҳ мондани муносибати технологӣ дар раванди таълим ва инкишофи маърифатии хонандагонро кашф ва таҳқиқ мекунад.

Дар адабиётҳои педагогӣ мафҳумҳои «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим», «технологияи омӯзиш» вомехӯранд. Онҳо ба мисли мафҳумҳои педагогика, таълим ва омӯзиш ба ҳам тавъаманд. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мафҳуми «технология»-ро ҳамчун санъати тадрис, таълим маънидод кардан бамаврид аст. Бисёр луғатҳои дузабона низ «технология»-ро ҳамчун маҷмӯи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона иҷро кардани коре шарҳ медиҳанд.

Метод – маркази раванди таълим аст. Нақши он дар системаи «мақсад – мазмун – методҳо – шаклҳо – воситаҳои омӯзиш» муайян мебошад.

Тафсири метод дар чандин маврид такрор меёбад, вале бамавқеъ: методҳои тадқиқоти илмӣ, методҳои тарбия, методҳои таълим ва ғайра. Дар таҳти методҳои таълим (методҳои дидактикӣ) одатан маҷмӯи роҳ, тарзи ба мақсадрасӣ, ҳалли вазифаи маълумот фаҳмида мешавад. Дар адабиёти педагогӣ фаҳмиши метод баъзан фақат ба фаъолияти педагог ё фаъолияти таълимгирандагон мансуб дониста (маҳсуб меравад) мешавад. Азбаски дар омӯзиш фаъолияти тарафайни муаллиму талабагон бо ҳам алоқаманд аст, методҳоро ҳам аз ҳамин нуқтаи назар бояд шарҳ дод.

Дар китобҳои дарсии педагогика муаллифон методҳои таълимро асосан бо назардошти фаъолияти муаллиму талабагон таъриф додаанд. Чунончи, таърифи С. П. Баранов: «Методи таълим роҳи идроки назариявӣ, фаъолияти амалии муаллим ва талабагон аст, ки ба иҷрои вазифаҳои таҳсил нигардонида шудааст»[10]. Таърифи А. К. Громсева: «Методҳои таълим – ин тарзҳои фаъолияти якҷояи муаллиму талабагон мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои таълим равона карда шудаанд»[11].

Аммо ин таърифҳо олими шинохати мо М. Лутфуллоевро дар шароити кунунӣ барҳақ қаноатманд кунонида натавонистаанд. Чунки, мактаб дар навбати аввал мувофиқи талаботи Консепсияи милии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, ба сиҳатию саломатӣ, тарбия ва инкишофи фард, тараққӣ ва пешрафти қобилияти шахс машғул шавад. Бинобар ин, ӯ инкишофи қобилияту доираи назари фардро ба таври ҳаққонӣ дар ҷойи аввал гузошта, нусхаи нисбатан мақбули таърифи методҳои таълимро ба тариқи зайл овардааст: «Методҳои таълим ҳамчун чароғи фаъолияти муаллиму талабаҳо илмест дар хусуси роҳ, тарз ва воситаҳои инкишофи қобилияти фардии талабагон,

---

[10] Педагогика (Под ред. С. П. Баранова и В. А. Сластенина). – М., 1986, с. 137.
[11] Педагогикаи мактаб (зери таҳрири Г. И. Ғукина). – Душанбе, 1988, с. 329.

доираи назар, андухтани дониш ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо»[12].

Вале ба назари мо, дар асоси ҳамин маънидод таърифи зайл саҳеҳтар мебуд: Дар таҳти методҳои таълим роҳ**, тарз ва восита**ҳои самарабахши фаъолияти омӯзандагии омӯзгору хонандагон нисбати инкишофи қобилияти фардии хонандагон**, доираи назар ва дар он**ҳо ҳосил кунонидани дониш, маҳорат ва малакаҳо фаҳмида мешавад.

Методҳои таълим. Методҳои омӯзишро бидуни усулҳои дохилии он тасаввур кардан мумкин нест. Пас усулҳои таълим чист? Усулҳои таълим – ин ҷузъиёти метод, амалиётҳои алоҳидаи тафаккур, лаҳзаҳои таркибии раванди азхудкунии донишҳо, ташаккул додани маҳорату малакаҳо мебошад. Усул вазифаи мустақили таълимӣ надорад, вале ба вазифаи гузоштаи ин ё он метод итоат мекунад, барои ба мақсад ноилшавии метод мадад мерасонад. Масалан, методи машқ, ки асосан вазифаи ташаккул додани маҳорату малакаҳоро дорад, метавонад чунин усулҳоро дар бар гирад: намунаи кори муаллим, дар асоси намуна мустақилона машқкунии талабаҳо, ба пешқадамон супоридани машқҳои иловагӣ, ҳамкории муаллим бо кӯдакони донишашон суст, сустхонҳоро рӯҳбаланд кардани муаллим, натиҷагирӣ ва ғайра, ҳамаи методҳои таълимӣ мувофиқи хусусиятҳои худ усулҳои гуногунро фаро гирифта метавонад.

Вобаста ба шарҳи дар боло зикршуда умумият ва фарқияти ин ду мафҳумро аз адабиётҳои гуногуни илмию методӣ пешниҳод намоем, ки дар онҳо ақидаҳои гуногун инъикос шудаанд.

**Фарқи асосии технологияи педагогӣ ва методҳои таълим**

| Технологияи педагогӣ | Методи таълим |
|---|---|
| 1.Технологияи педагогӣ метавонад ҳамчун як тартиби муайян (алгоритм) тавсиф карда шавад. | Дар методи таълим на ҳамавақт пайдарпаии мушаххаси фаъолиятро ҷудо намудани имконпазир аст. |

[12] Лутфуллоев М. Дарс. – Душанбе, 1995, с. 87.

| | |
|---|---|
| 2. Технологияи педагогӣ мақсадгузории ташхисиро талаб мекунад. Мақсади омӯзиш (таълим) тавассути натиҷаи мушаххас ташаккул меёбад («ташаккули мафҳуми...», «ташаккули қобилияти…», «ташаккули малакаҳои…» ва ғайра). | 2. Омӯзгор дар методи таълим аксаран мақсадҳои таълимро тавассути фаъолияти худ ва ё ба воситаи муҳтавои омӯзиш пешниҳод менамояд («омӯзонидани хонандагон...», «омӯхтани мавод ...»). |
| 3. Истифодаи технологияи педагогӣ чун қоида, мазмуни коркарди мушаххаси таълимро талаб мекунад. Яъне, маводди таълимӣ сохторбандӣ шуда, аз ҷониби омӯзгор мутобиқи ин технология коркард мешавад. | 3. Методҳои таълим одатан ба мазмуни мавод таъсир намерасонад. |
| 4.Технологияи таълимӣ дорои моликияти эҷодӣ мебошад, ки тавсифи он метавонад бомуваффақият аз ҷониби дилхоҳ омӯзгор таҷдид гардад. | 4.Методи омӯзиш (таълим) ба хусусиятҳои шахсии муаллиф алоқамандии зич дорад ва аз ҷониби омӯзгор бо мушкилӣ баён карда мешавад (гарчанде баъзе унсурҳои метод технологӣ гардонида шудаанд). |

Вобаста ба хусусиятҳо фарқияти методикаро аз технология дар ҷадвали зерин дидан мумкин аст:

| Хусусиятҳо | Методика | Технология |
|---|---|---|
| Мушаххас | Самти умумии фаъолият | Амал ё маҳорат |
| Мазмун | Дар доираи мазмун ва ғояи асосӣ (идеология) | Пайдарпайии қоидаҳо |

| | | |
|---|---|---|
| Натиҷа | Татбиқи методикаро банақша гирифтан ҳамеша душвор аст | Натиҷаи бомуваффақияти истифодаи технологияро пешгӯйӣ кардан мумкин аст |

**Маълумот аз сарчашмаҳо**

Шарҳи мафҳуми технологияи педагогӣ аз сарчашмаҳои гуногун:

- Технологияи педагогӣ – маҷмӯи дастурҳои психологӣ–педагогие, ки интихоб ва ҷобаҷогузории махсуси навъ, усулҳо, воситаҳо ва тарзҳои таълим ва воситаҳои тарбияро муайян мекунанд; он маҷмӯи воситаҳои ташкиливу методии раванди таълим мебошад (Б.Т.Лихачев);
- Технологияи педагогӣ – техникаи мундариҷавии татбиқи раванди таълим аст (В.П.Беспалко);
- Технологияи педагогӣ – тасвири раванди ноил гаштан ба натиҷаҳои чашмдошти таълим (И.П.Волков);
- Технология – санъат, маҳорат, қобилият, маҷмӯи методҳои коркард ва тағйири ҳолат (В.М.Шепел);
- Технологияи таълим – қисми тартиботии таркиби системаи дидактикӣ (М.Чошанов);
- Технологияи педагогӣ – модели пура банақшагирифташудаи фаъолияти якҷояи педагогии (таълимии) дар тарҳрезӣ, ташкил ва татбиқи раванди таълим тавассути фароҳам овардани шароити мувофиқ ба хонандагон ва омӯзгор (В.М.Монахов);
- Технологияи педагогӣ – усули системаноки таҳия, истифода ва муайян намудани тамоми раванди таълим ва азхудкунии донишҳо бо назардошти захираҳои техникиву инсонӣ, ки ба мақсади самаранок гардонидани шаклҳои таҳсилот алоқаманд карда мешаванд (ЮНЕСКО);
- Технологияи педагогӣ – маҷмӯи системавӣ ва тартиби фаъолияти ҳамаи воситаҳои шахсӣ, аспобиву методологӣ, ки барои расидан ба мақсадҳои таълим истифода мешаванд (М.В.Кларин).

Вобаста ба талаботи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим дар поён якчанд технологияҳои педагогии мувофиқ пешниҳод мешаванд.

**§*3.1.1.* Технологияи таълими фаъол**

Солҳои тулонӣ мақсади асосии таҳсилоти классикӣ азхудкунии системаи донишҳо асоси илмидошта буд. Хотираи хонандагон бо ахбор, ном, мафҳумҳои гуногун пур карда мешуд. Барои ҳамин сатҳи дониши воқеии хатмкунандаи муассисаҳои таълимӣ хеле баланд буд.

Хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои ҷаҳонӣ ширкат варзида дониши хубӣ воқеӣ нишон медиҳанд ва ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд. Онҳо дар ҳалли саволу супоришҳои хусусияти тазаккуридошта (репродуктивӣ), ки доштани донишу малакаҳои фанниро нишон медиҳанд, хеле муваффақ мегарданд. Аммо дар ҳалли масъалаҳое, ки истифодаи донишҳоро дар вазъиятҳои ҳаётии дар шаклӣ ғайриодӣ (ғайристандартӣ) ва шарҳу таҳлили маълумот, баровардани хулоса ва муҳокимаи натиҷаҳои ин ё он тағйиротро талаб мекунанд, оҷизӣ мекашанд.

Хонандагони мо дар иҷрои супоришҳое, ки истифодаи усулҳои таҳқиқотии мушоҳида, гурӯҳбандӣ, муқоиса, пешниҳоди фарзия ва хулоса, банақшагирии таҷриба, ки ба таҳлили маълумот ва гузаронидани таҳқиқот вобастагӣ доранд, натиҷаҳои паст нишон медиҳанд.

Стандартҳои  фанҳои зинаи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи навро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаҳои фаннӣ пеш гузошт. Зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд на танҳо дониш, малака ва маҳоратӣ фаннӣ, балки салоҳиятҳои фанниву умумитаълимиро ташаккул диҳад. Муносибати мазкур ба натиҷаҳои таълим имконият медиҳад, ки хонандагон минбаъд қобилиятҳои худфаъолиятро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ; таъмини рушди фардӣ дар самтҳои асосии инкишофи шахсият рушд диҳанд.

Дар замони муосир сифати таҳсилот ҳамчун сатҳи малакаҳои мушаххаси умумитаълимӣ (байнифаннӣ), ки

ба худмуайянкунӣ ва худфаъолиятии шахсият вобастаанд, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат дониш на "барои захира", балки дар муҳтавои қолаби фаъолияти оянда ва вазъияти ҳаётӣ аз худ карда мешавад.

Яке аз мояи ифтихори мо – андозаи бузургӣ дониши ҳақиқӣ – дар ҷаҳони тағйирёфта арзиши худро гум кардааст, зеро ҳама гуна ахбор ба зуди куҳна мешавад. Айни замон на худи дониш, балки чӣ тавр ва дар куҷо истифода бурдани он аҳамият дорад.

Аммо яке аз малакаҳои муҳим "тарзи дарёфти ахбор, таҳлили маълумот ва таҳияи ахбори нав" мебошад. Ҳамаи ин натиҷаи фаъолият мебошад. Фаъолият – ҳалли масъала аст. Ҳамин тариқ барои тағйир додани муносибати таълим аз азхудкунии маълумот (натиҷа – дониш) ба ташаккули салоҳиятҳо (натиҷа – қобилият) мо бояд хусусияти раванди таълим ва тарзи фаъолияти хонандагонро тағйир диҳем. Аз ин лиҳоз зарурати татбиқи технолонияи таълими фаъол[13] ба миён меояд.

**Технологияи таълими фаъол**-тарзи ташкили раванди таълимест, ки маҳаки асосии онро фаъолияти ҳаматарафа, фаъолгардонӣ ва иҷрои мустақилонаи амалҳои маърифатии хонанда ташкил медиҳад.

Татбиқи технологияи таълими фаъол дар асоси принсипҳои дидактикии зерин ба роҳ монда мешавад:

**Принсипи фаъолият** – яъне дониш дар шакли тайёр ба хонанда пешниҳод нашуда, балки хонанда донишҳоро мустақилона ба даст меорад. Ҳамзамон муҳтаво ва шакли фаъолияти таълимро дарк карда, тартиб ва қоидаҳои онро мефаҳмад ва қабул карда, барои такмил додани онҳо фаъолона иштирок мекунад. Ин ба ташаккули фаъоли қобилиятҳои умумифарҳангиву фаъолнокӣ ва малакаҳои умумитаълимӣ мусоидат менамояд. Мувофиқи принсипи мазкур ба хонанда тарзу усули дарёфтан, коркард ва истифодаи маълумот (ахбор, факту рақамҳо, донишҳо) омӯзонда мешавад. Ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки

тартибу усул (стратегияҳо)-ро барои минбаъд мустақилона азхуд кардани донишҳои нав истифода баранд.

**Принсипи муттасилӣ** – алоқамандӣ (пайдарпайӣ) байни ҳамаи зинаҳо ва марҳалаҳои таълим дар сатҳи технологияҳои таълим, мундарича ва усулҳо бо назардошти хусусиятҳои инкишофи синну солии кӯдакон.

**Принсипи яклухтӣ (томӣ)** – ташаккули нуқтаи назари яклухти хонандагон оид ба олам (табиат, ҷамъият, худи шахс, олами фарҳангиву иҷтимоӣ, фаъолият, нақш ва мақоми ҳар як соҳаи илм дар системаи илмӣ).

**Принсипи фарогирии минималӣ ва максималӣ** – мактаб бояд ба хонанда имконияти ахзудкунии мундариҷаи таълимро дар сатҳи максималии ӯ (минтақаи наздиктарини рушди гурӯҳи синну солӣ) фароҳам оварда, ҳамзамон сатҳи азхудкунии минимуми бехатарии иҷтимоиро (стандартҳои давлатӣ) таъмин намояд.

**Принсипи мувофиқати равонӣ** – аз байн бурдани тамоми омилҳои фишороваре, ки раванди таълимро халалдор месозанд. Ташкил намудани фазои хайрхоҳ дар мактаб ва дарсҳо, ки татбиқи педагогикаи ҳамкорӣ ва ташаккули моширати муколамавиро тақозо мекунад.

**Принсипи гунанокӣ (вариативӣ)** – ба хонандагон имконияти ташаккули маҳорати таҳлили системаноки гунаҳо ва қабули қарори дуруст дар ҳолатҳои интихоб фароҳам оварда мешавад.

**Принсипи эҷодкорӣ** – дар раванди таълим диққати асосӣ ба малакаи эҷодкорӣ ва соҳиби таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ шудани хонанда равона карда мешавад. Яъне раванди таълим тарзе ба роҳ монда мешавад, ки эҷод кардан ва ҳосил кардани таҷриба маҳакӣ асосӣ ҳисоб мешавад.

Хусусияти асосии технологияи таълими фаъол дар он аст, ки хонандагон ба таври мустақилона донишҳои навро тавассути фаъолияти таҳқиқотӣ «кашф» мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки дониш ва малакаҳои таълимӣ барои хонандагон аҳамияти шахсӣ пайдо кунад.

Технологияи таълими фаъол воситаи универсалӣ буда, ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дарсҳоро мувофиқи

талаботи муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим ба роҳ монад.

Кор дар гурӯҳҳо низ имконияти зиёди ба таври самаранок ташкил намудани фаъолияти таълимро фароҳам меорад. Яке аз навъи осони кори гурӯҳӣ ин кори дунафарӣ мебошад. Дар марҳалаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав, масалан, аз хонанда хоҳиш карда мешавад, ки барои ҳамнишинаш барои мустаҳкамкунии мавзӯи нав вазифае (супорише) омода намояд. Таъкид мекунем, ки на танҳо ба ҷавоб диққат кунанд, балки ба тарзи иҷрои супориш диққат диҳанд. Яъне, чӣ тавр ҷавобро ёфтанд? Дар ҳолати ба мувофиқа наомадан ба хонандагон имконият медиҳем, ки аз омӯзгор ё хонандагони дигар пурсанд. Барои иҷрои чунин вазифа вақти мушаххас дода мешавад. Панҷ дақиқа кифоя аст.

Дар ин муддат ҳар як хонандаи синф имконият пайдо мекунад, ки донишро нишон диҳад, истифодаи қоидаҳоро аниқ созад ва бори дигар тартиби иҷрои амалро дарк кунад. Инчунин дар нақши эксперт фаъолият кунад.

Вазифаи мазкур таъсири хуб дорад. Ин вазифаро метавонед баъд аз шарҳи омӯзгор ва иҷрои якчанд намунаҳо гузаронед ё дарси оянда. Чунин вазифаро дар омӯзиши мавзӯъҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Дар ин марҳала назорати қатъии раванди иҷрои вазифа гузаронда мешавад. Яъне омӯзгор ҷавоби хонандагонро интихобан гӯш мекунад ва натиҷаи корашонро арзёбӣ мекунад. Дар ин марҳала асосан арзёбии ташаккулдиҳанда истифода мешавад. Вазифаи омӯзгор ва хонандагон муайян кардани ғалатҳо ва роҳҳоиислоҳи онҳо мебошад. Яке аз хусусиятҳои хуби кори дунафарӣ дар як вақт машғул шудани тамоми синф аст: хонандагон масъаларо муҳокима мекунанд, ғалатҳоро муайян ва ислоҳ мекунанд, донишҳои худро мустаҳкам менамоянд.

Дар муносибати классикии таълим аксари хонандагон вақти зиёди дарсро ба мушоҳидаи фаъолияти дигарон сарф мекарданд. Аз ҷумла, нақли омӯзгорро гӯш мекарданд, ҷавоби ҳамсинфашонро, кори хонандаи алоҳидаро дар тахтаи синф мушоҳида мекарданд ва амсоли ин. Мушоҳидаи

фаъолияти дигарон ба шахс имконият намедиҳад, ки босалоҳият шавад. Аз ин лиҳоз, хонанда бояд фаъолияти таълимиро дарк кунад, дар ҳалли он иштирок кунад ва хулоса барорад.

Кори дунафарӣ ё гурӯҳӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки бо шариконаш суҳбат кунанд, мафҳумҳои азхудкардаашро гӯянд, маводди азхудкардаашро такмил диҳанд, тавсия ва маслиҳатҳои муфид гиранд, муносибати хуб ба фан ҳосил кунанд ва малакаи иҷрои вазифаҳои гуногунро ҳосил кунанд. Сифати дониши хонандагон баланд шуда, раванди таълим самаранок мегардад.

Ҳамин тавр бо истифодаи усулҳои таълими проблемавӣ, корҳои лоиҳавӣ, шаклҳои кори гурӯҳӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки усули фаъоли таълими хонандагонро ба таври самаранок ба роҳ монад.

Хулоса**.** Татбиқи технологияи таълими фаъол дар раванди таълим барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас мусоидат мекунад. Таҳлили натиҷаҳои озмоиши стандартҳо ва муносибати салоҳиятнокӣ инро баръало нишон медиҳанд. Хонандагон малакаҳои асосии умумитаълимро аз худ мекунанд ва ин имконият медиҳад, ки дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот бо муваффақият (новобаста аз усулҳо ва талаботи таълимию методӣ) идома диҳанд.

Истифодаи технологияи мазкур имконият медиҳад, ки раванди таълим мақсаднок ва босамар ба роҳ монда шавад. Инчунин он ба ҳар як хонанда имконият медиҳад, ки ба раванди "кашфи" донишҳои нав ворид шавад.

### §*3.1.2.* Технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда[14]

Ба ақидаи олимони соҳаи педагогика[15] моҳияти технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда шинохтани хонанда ҳамчун симои (субъекти) асосии раванди таълим мебошад.

---

[14] Аз http://nspoќtal.ќѓ/dўtskiy-sad/ќaznoў/2013/01/06/tўkhnologiya-lichnostno-oќiўntiќovannogo-oїѓchўniya мутобиќ гардонда шудааст.

[15] Т. И. Кулипина, Е. В. Бондаревская, В. П. Сериков, И. С. Якиманская

Якиманская И.С. таъкид мекунад, ки барои тарҳрезии қолаби технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда[16] якчанд мафҳумро бояд аз ҳамдигар фарқ кард:

Муносибати тафриқавӣ — ҷудо кардани хонандагон дар асоси фарқияти зоҳирӣ (омехта): сатҳи дониш, қобилият, навъи муассисаи таълим.

Муносибати фардӣ — муттаҳид намудани хонандагон ба гурӯҳҳои якхела: сатҳи азхудкунӣ, қобилият, соҳаи иҷтимоӣ (самти касб).

Муносибати субъектӣ-шахсӣ — шинохтани кӯдак ҳамчун шахси беназир, беҳамто, нотакрор. Барои татбиқи муносибати мазкур аввал раванди таълим бояд ба таври систематик ба роҳ монда шуда, ҳамаи зинаҳои таҳсилотро фаро гирад. Сониян, фароҳам овардани шароити махсуси таълимӣ, аз ҷумла нақшаи таълимии махсус, ташкил намудани шароити мувофиқ барои ташаккули малакаҳои интихобкунии ҳар як хонанда ва устувории вазъият. Сеюм барои татбиқи муносибати мазкур омӯзгор бояд омодагии махсус гирифта, ҳадаф, мақсад ва арзишҳои таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашударо пура дарк ва қабул кунад.

Дар технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда шахсияти хонанда ва шахсияти омӯзгор ҳамчун субъектҳои раванди таълиме фаҳмида мешавад; мақсади таълим ташаккули шахсияти хонанда ва хусусиятҳои фардӣ ва нотакрори ӯ мебошад; дар раванди таълим арзишҳои шахсии хонанда, ақидаи ӯ ба эътибор гирифта шуда, дар асоси ин омилҳо "ҷаҳонбинии шахсии хонанда" ташаккул дода мешавад. Ҳамзамон раванди таълим ва омӯзиш сахт алоқаманд буда, механизмҳои дарк, хусусиятҳои стратегияҳои фикрронӣ ва рафтории хонандагон ба эътибор гирифта мешаванд. Муносибати омӯзгор ва хонанда дар асоси принсипи ҳамкорӣ ва интихоби озод ба роҳ монда мешавад.

[16] Дар баъзе адабиёт мафҳумҳои "хонандамеҳвар" ва "кӯдакмарказ" истифода шудааст.

Мақсади технологияи ба ташаккули шахсият нигаронидашуда инкишоф додани қобилиятҳои фардии маърифатии кӯдак дар асоси таҷрибаи ҳаётии ӯ (на қобилиятҳои пешакӣ муайяншуда) мебошад. Бояд қайд кард, ки таҳсилоти иловагӣ набояд ягон малакаро ба таври "маҷбурӣ" ташаккул диҳад, балки барои ворид шудани хонанда ба фаъолиятҳои табиӣ шароит фароҳам оварда, барои ташаккули ӯ вазъияти мувофиқ муҳайё месозад. Мундариҷа, усулҳо ва воситаҳои технологияи ба ташаккули шахсият нигаронидашуда ба кашф ва истифодаи таҷрибаи субъективии ҳар як хонанда равона шуда, тавассути ташкили фаъолияти маърифатӣ шахсияти ӯро инкишоф медиҳанд. Дар муносибати мазкур муассисаи таълимӣ хонандаро барои гирифтани дониш ва ҳосил кардани малака маҷбур насохта, балки барои интихоби мундариҷаи таълим ва суръати азхудкунии он шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар технологияи ба ташаккули шахсият нигаронидашуда хонанда ба услуби таълимии омӯзгор худро мутобиқ намекунад, балки омӯзгор усул ва воситаҳои гуногуни таълимро ба услуби омӯзишии хонанда мутобиқ мегардонад.

Фарқи асосии дарсҳое, ки дар асоси технологияи ба ташаккули шахсият нигаронидашуда татбиқ мешаванд аз дарсҳои анъанавӣ дар муносибати "омӯзгор — хонанда" аст. Омӯзгор аз услуби "фармондиҳӣ" ба услуби "ҳамкорӣ" мегузарад ва диққати асосиро на ба таҳлили натиҷаҳо, балки ба фаъолияти маърифатии хонанда равона мекунад.

Мавқеи хонанда низ тағйир меёбад, хонанда аз "иҷрокунандаи боғайрат" ба "эҷодкори фаъол" табдил меёбад. Акнун тамоми фикри ӯ ба натиҷаи худ равона мегардад.

Хусусияти муносибатҳо дар рафти дарс низ тағйир меёбанд. Яъне, дар ин раванд омӯзгор на танҳо дониш медиҳад, балки барои ташаккули шахсияти хонанда шароити мувофиқ фароҳам меорад. Фарқ байни дарсе, ки дар асоси технологияи ба ташаккули шахсият нигаронидашуда таҳия шудааст аз дарсҳои анъанавӣ дар чист?

*1. Ма*қсадгузорӣ. Мақсад ташаккули хонанда, фароҳам

овардани шароите, ки хонанда дар ҳар дарс фаъолияти таълимиеро аз худ кунад, хонандаро ба субъекти ба таълим ва худинкишофёбӣ ҳавасманд табдил диҳад. Дар дарс муколамаи доимӣ дар асоси модели омӯзгор — хонанда ба роҳ монда мешавад.

2. Фаъолияти омӯзгор. Ташкилкунандаи фаъолияти таълим, ки дар он хонанда дар асоси супоришҳои мувофиқашуда мустақилона амал мекунад. Хонанда симои марказӣ аст. Омӯзгор дар ин раванд барои муваффақ шудани хонанда вазъияти мувофиқ ба вуҷуд меорад, ҳамсафари ӯ мегардад ва ӯро қадр мекунад.

3. Фаъолияти хонанда. Хонанда субъекти фаъолияти омӯзгор аст. Фаъолият на аз ҷониби омӯзгор, балки аз ҷониби хонанда иҷро мешавад. Методҳои проблемавӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳавие, ки хусусияти ташаккулдиҳанда дорад истифода мешаванд.

4.Муносибати "омӯзгор — хонанда". Ҳарду дар раванди таълим баробарҳуқуқанд. Омӯзгор бо вуҷуди бо гурӯҳ кор карданаш, фаъолияти таълимро барои инкишофи қобилиятҳои шахсии хонанда ба роҳ монда, барои рушди тафаккури таҳлилӣ ва ақидаи шахсии хонанда шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳангоми таҳияи нақшаи дарс дар асоси технологияи таълими ба ташаккули хонанда нигаронидашуда ва татбиқи он омӯзгор бояд хонандаро дар мадди аввал гузошта, фаъолиятҳои таълимӣ ва мавқеи шахсии худро ба он мутобиқ месозад.

Чуноне ки маълум аст, хонандагон гуногунанд, таҷрибаи ҳаётии онҳо нотакрор буда, қобилияти гуногун доранд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор дар марҳалаи банақшагирии раванди таълим бояд таҷрибаи субъективонаи хонандагонро донад ва дар асоси он усул, восита, мавод ва шаклҳои кори мувофиқро интихоб намояд. Таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда равона шудааст бояд таҷрибаи субъективонаи хонандаро ба эътибор гирифта, ба ӯ барои интихоби восита ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ имконият фароҳам орад. Ҳамзамон на танҳо натиҷаҳои таълим,

балки раванди ба даст овардани ин натиҷаҳо арзёбӣ карда мешавад.

Дар раванди дарси ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда вазъияти таълимие сохта мешавад, ки ба хонанда на танҳо донишҳои нав пешниҳод мегарданд, балки хусусиятҳои шахсии хонандагон муайян ва ташаккул дода мешаванд. Дар чунин дарс ҳавасмандии хонанда ба иҷрои фаъолияти таълимӣ зиёд буда, дарс барои хонанда шавқовар, ҷолиб ва самаранок мегардад. Омӯзгор на танҳо шароити мувофиқи эҷодӣ бунёд мекунад, балки ҳамеша ба таҷрибаи субъективонаи хонанда, яъне таҷрибаи ҳаётии онҳо такя мекунад. Омӯзгор хусусиятҳои шахсии ҳар як хонандаро дарк ва қадр мекунад.

Вазифаи омӯзгор "додани" дониш набуда, балки бедор кардани шавқи хонанда ба таълим, кушодани имкониятҳои ҳар як хонанда, ташкил кардани фаъолияти маърифативу эҷодии ҳар як хонанда мебошад.

Мувофиқи технологияи мазкур барои ҳар як хонанда барномаи фардии таълимӣ таҳия карда мешавад. Барномаи мазкур дар асоси хусусиятҳои фардии хонанда тарҳрезӣ шуда, ба имкониятҳои зеҳнӣ ва суръати рушди ӯ мутобиқ гардонда мешавад.

Дар технологияи таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда санги маҳаки тамоми низоми таҳсил – фардияти хонанда аст. Аз ин лиҳоз, дар татбиқи технологияи мазкур истифодаи муносибати тафриқавӣ ва фардикунонии раванди таълим зарур аст.

### §*3.1.3.* Технологияи омӯзиши лоиҳавӣ

Дар солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юми дар мактабҳои Шӯравӣ, махсусан Россия, методи лоиҳаҳо барои татбиқи вазифаҳои аз ҷониби хонандагон пешниҳодшаванда, барои рушди қобилияти онҳо, васеъ истифода мешуд. Аммо ин метод ба хонанда имконияти соҳиб шуданро ба системаи донишҳо аз соҳаҳои мушаххаси фанҳои таълимӣ дода наметавонист. Бинобар ин базудӣ аз низоми таълим бардошта шуда, баробари он ғояи фалсафии ба хонанда

нигаронида шудани он низ аз байн рафт.

Дар шароити имрӯза ин идея дар низоми маорифи бисёр кишварҳо таваҷҷуҳи омӯзгорони пешқадамро ба худ ҷалб намуд.

Саволе ба миён меояд, ки моҳияти омӯзиши лоиҳавиро чӣ ташкил медиҳад?

Мо бештар ин мафҳумро на дар шакли омӯзиши лоиҳавӣ, балки дар шакли методи лоиҳавӣ / методи лоиҳаҳо дучор мешавем. Ин метод соли 1919 дар ИМА дар шакли хеле такмилёфта амалӣ карда шуд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1925 пас аз интишори китобчаи В.Х. Килпатрик "Методи лоиҳаҳо. Истифодаи мақсаднок дар ҷараёни таълим"[17] мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт.

Асоси ин низомро ақидаҳои Ҷ. Дюи, Лай, Торндайк ва муҳаққиқони дигари амрикоӣ ташкил медиҳад. Ҷавҳари асосии ин ақидаҳо дар ин аст, ки кӯдак бо тамоми шавқ ҳамон фаъолиятеро иҷро мекунад, ки худаш озодона интихоб кардааст; фаъолият аз руйи самти фанни таълимӣ интихоб карда намешавад; ба шавқи ҳамонлаҳзаинаӣ кӯдак такя карда мешавад; омӯзиши ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ яктарафа намешавад, маълумотҳои дар асоси таъсири беруна бавуҷудомада низ муҳиманд ва ғайра.

Шиори аслии асосгузорони ин низом чунин ин аст: "Ҳама чиз аз зиндагӣ ва ҳама чиз барои зиндагӣ". Бинобар ин методи лоиҳаҳо аз оғоз истифодаи муҳити зистро чун озмоишгоҳе, ки ҷараёни маърифат (фаҳмиш) дар он сурат мегирад,  пешбинӣ менамуд. Карл Фрей дар китоби худ "Методи лоиҳаҳо" (Олмон, 1997) дар баробари ин фаҳмишҳо роҳеро дар мадди назар дорад, ки таълимгирандагон лоиҳаҳои худро таҳия намуда, бо ҳамон роҳ пеш мераванд. Муҳаққиқ 17 хусусияти фарқкунандаи методи лоиҳаҳоро, ба мисли "хонандагон ташаббуси лоиҳаро дар пайравӣ ба ягон нафар аз зиндагӣ дармеёбанд (мегиранд)", "иштирокчиёни лоиҳа шакли омӯзишро бо ҳам маслиҳат мекунанд", "таълимгирандагон лоиҳаи интихобкардаашонро инкишоф

[17] Килпатрик В.Х. Метод проектов. Применение йелевой установки в педагогическом пройессе.-М., 1925.

медиҳанд ва ба самъи дигарон мерасонанд", "иштирокчиёни лоиҳа аз рафти кор ҳамдигарро хабардор мекунанд", "иштирокчиёни лоиҳа ба мубоҳиса ворид мешаванд" ва ғ.

Ин намунаҳо далолат бар он мекунанд, ки муаллиф зимни методи лоиҳаҳо низоми фаъолияти омӯзгор ва хонандагонро дар ҷараёни коркарди лоиҳа дар назар дорад. Ба андешаи мо ин то андозае шарҳи васеи метод аст, ки ба технологияи омӯзиши лоиҳаҳо оварда мерасонад. Шояд дар шароити имрӯза аз бунёди таълими лоиҳавӣ сухан гуфтан лозим бошад. Дар ин маврид Н.Г. Чернилова таълими лоиҳавиро чун "омӯзиши ба иҷрои пайдарпайи лоиҳаҳои комплексии таълимӣ равонашуда бо фосилаҳои маълумотдиҳӣ барои азхудкунии донишҳои базавии назариявӣ"[18] хеле бамаврид арзёбӣ мекунад. Ин шарҳи муҳаққиқ таълими лоиҳавиро чун навъи таълими инкишофдиҳанда бозгӯ мекунад.

Мақсади таълими лоиҳавӣ ба вуҷуд овардани шароитест, ки дар он хонандагон мустақилона ва шавқмандона донишҳои заруриро аз сарчашмаҳои гуногун ба даст меоранд, истифодаи донишҳои бадастомадаро барои ҳалли вазифаҳои маърифатӣ ва амалӣ меомӯзанд, дар гурӯҳҳои гуногун кор карда, малакаҳои иртиботӣ ба даст меоранд, малакаҳои тадқиқотии худро ривоҷ медиҳанд (малакаи ошкор кардани проблема, ҷамъ овардани маълумот, мушоҳида, гузаронидани таҷриба, таҳлил, таҳияи ақидаҳо, хулосабарорӣ); фикрронии системавиашон ташаккул меёбад.

Мавқеи аввалияи назариявии таълими лоиҳавӣ:

1) дар маркази диққат – хонанда, мусоидат намудан ба инкишофи қобилиятҳои эҷодии ӯ;

2) ҷараёни таълимӣ на дар асоси мантиқи фанни таълимӣ, балки дар асоси мантиқи фаъолияти барои хонанда моҳияти шахсидошта бунёд карда мешавад, ки ҳавасмандии хонандаро зиёд мекунад;

3) суръати инфиродии кор доир ба лоиҳа ба ҳар як хонанда имконият медиҳад, ки ба сатҳи зарурии инкишофи

---

18 Чернилова Н.Г. Система проектного обучения как инструмент развития самостоятельности старшеклассников. -Саратов, 1997.

худ ноил гардад;

4) муносибати маҷмӯӣ ба коркарди лоиҳаҳои таълимӣ ба рушди ҳамаҷонибаи функсияҳои физиологию психологии хонанда мусоидат мекунад;

5) азхудкунии ҳамаҷониба, бошууронаи донишҳои базавӣ аз ҳисоби истифодаи универсалии онҳо дар вазъиятҳои гуногун таъмин мегардад.

Низоми фаъолияти омӯзгор ва хонанда

Бо мақсади ҷудо кардани низоми фаъолияти омӯзгор ва хонанда пешакӣ муайян намудани марҳалаҳои лоиҳа муҳим аст. Ҳоло чунин зинаҳои коркарди супориши лоиҳавӣ ба шакли муайян даровარда шудааст: коркарди супориши лоиҳавӣ, коркарди худи лоиҳа, ороиши натиҷаҳо, муаррифии умумӣ, рефлексия.

| Марҳалаҳо (зинаҳо) | Фаъолияти омӯзгор | Фаъолияти хонанда |
| --- | --- | --- |
| 1. Коркарди супориши лоиҳавӣ | | |
| 1.1. Интихоби мавзӯи лоиҳа | Омӯзгор мавзӯъҳои имконпазирро интихоб ва ба хонандагон пешниҳод менамояд. | Хонандагон муҳокима мекунанд ва доир ба мавзӯъ хулосаи умумӣ мебароранд. |
| | Омӯзгор ва хонандагон якҷоя мавзӯи лоиҳаро интихоб мекунанд. | Гурӯҳи хонандагон якҷоя бо омӯзгор мавзӯи лоиҳаро интихоб мекунанд ва ба аҳли синф барои муҳокима пешниҳод менамоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| | Омӯзгор дар муҳокимаи мавзӯъҳое, ки хонандагон пешниҳод кардаанд, иштирок мекунад. | Хонандагон мустақилона мавзӯъро интихоб мекунад ва барои муҳокима ба аҳли синф пешниҳод менамояд. |
| 1.2. Ҷудо кардани зермавзӯъҳо дар мавзӯи лоиҳа | Омӯзгор пешакӣ зермавзӯъҳоро ҷудо мекунад ва барои интихоб ба хонандагон пешниҳод менамояд. | Ҳар як хонанда барои худ зермавзӯъро интихоб мекунад ё зермавзӯи нав пешниҳод менамояд. |
| | Омӯзгор бо хонандагон дар муҳокимаи зермавзӯъ иштирок мекунад. | Хонандагон дар интихоб ва пешниҳоди зермавзӯъ фаъолона иштирок мекунад. Ҳар як хонанда барои худ зермавзӯи ҷудогонаро (нақши мушаххасро) интихоб мекунад. |

| | | |
|---|---|---|
| 1.3. Таъсис додани гурӯҳҳои эҷодӣ | Омӯзгор корҳои ташкилиро оид ба гурӯҳбандии хонандагон, ки зермавзӯъҳои мушаххас ва навъҳои фаъолиятро интихоб кардаанд, анҷом медиҳад. | Хонандагон аллакай нақши худро муайян кардаанд ва вобаста ба он ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. |
| 1.4. Омода намудани мавод барои корҳои тадқиқотӣ: омода кардани саволҳо, ки ба онҳо ҷавоб бояд дод, супоришҳо барои гурӯҳҳо, интихоби сарчашмаҳо | Агар лоиҳа ҳаҷман калон бошад, омӯзгор пешакӣ супоришҳо, саволҳо барои фаъолияти ҷустуҷӯйӣ ва адабиёти илмӣ (сарчашмаҳо) | Хонандагони ҷудогонаи синфҳои болоӣ ва миёна дар коркарди супоришҳ о иштирок мекунанд. Саволҳоро барои ҷустуҷӯи ҷавоб дар гурӯҳҳо бо муҳокимаи минбаъдаи онҳо дар синф коркард кардан мумкин аст. |
| 1.5. Муайян кардани шаклҳои баёни ҷамъбасти фаъолияти лоиҳавӣ. | Омӯзгор дар муҳокима иштирок мекунад. | Хонандагон аввал дар гурӯҳҳо, сипас, дар синф шаклҳои муаррифӣ, пешниҳоди фаъолияти тадқиқотиро муҳокима |

| | | |
|---|---|---|
| | | мекунанд: видеофилм, албом, объектҳои табиӣ, меҳмонхонаи алабӣ ва ғ. |
| 2. Коркарди лоиҳа | Омӯзгор маслиҳат медиҳад, кори хонандагонро ҳамоҳанг месозад, фаъолияти онҳоро тақвият мебахшад. | Хонандагон фаъолияти ҷустуҷӯиро амалӣ мекунанд. |
| 3.Ороиши натиҷаҳо | Омӯзгор маслиҳат медиҳад, кори хонандагонро ҳамоҳанг месозад, фаъолияти онҳоро тақвият мебахшад. | Хонандагон дар оғоз дар ҳар як гурӯҳ, сипас, дар ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои дигар натиҷаҳоро мувофиқи қоидаҳои қабулшуда ороиш медиҳад. |
| 4.Муаррифӣ (пеш-ниҳод) | Омӯзгор ташхиси корҳоро ташкил мекунад (масалан, ба сифати коршиносон хонандагони синфҳои болоӣ ё дигар синфҳо, волидонро даъват мекунад) | Аз натиҷаи кори худ маърӯза мекунанд. |
| 5. Рефлексия | Фаъолияти худро аз рӯйи дастурамали педагогӣ оид ба баҳодиҳии фаъолияти хонандагон баҳо медиҳад, баҳои онҳоро ба инобат мегирад. | Рефлексияи ҷараёни кор, фаъолияти худро бо назардошти баҳои дигарон анҷом медиҳанд. Рефлексияи гурӯҳӣ анҷом додан бехтар аст. |

Мавзӯъҳои имконпазири лоиҳаҳои таълимӣ ба мисли ҳаҷми онҳо гуногун аст. Онҳоро аз рӯйи вақт ба се навъ ҷудо кунем: кӯтоҳмуддат (2-6 соат), миёнамуҳлат (12-15 соат), дарозмуддат, ки вақти бисёрро барои ҷустуҷӯйи мавод, таҳлили он талаб мекунанд ва ғ.

Мантиқан дар муассиса лоиҳаҳои гуногуни таълимӣ бояд ҷой дошта бошанд. Агар дар ҳар як синф як лоиҳа ба таври комплексӣ ташкил карда шавад, ба мақсад мувофиқ аст. Дар муассиса ба сабаби коллективҳои синну соли гуногун дар як соли таҳсил 2-3 лоиҳа анҷом додан мумкин аст. Дар мавриди фанҳои таълимӣ ҳаминро бояд гуфт, ки шумораи лоиҳаҳо зиёд буда метавонанд. Масалан, дар муассиса басаҳнагузории асари бадеиро бо ташкили ҳамаи марҳалаҳо ба роҳ мондан мумкин аст: коркарди супоришҳо, коркарди лоиҳа, татбиқ, муаррифӣ ва рефлексия.

Аз фанни таърих таълими лоиҳавӣ метавонад дар заминаи сохтани ҳуҷҷатҳои алтернативӣ ба роҳ монда шавад ва ғ.

<u>Меъёрҳои баҳодиҳӣ</u> дастовард ва мақсади лоиҳа, ба даст овардани мақсадҳои болоифаннӣ (чӣ муҳимтар аст) буда метавонанд, ки таълими лоиҳавӣ таъмин менамояд.

<u>Натиҷа.</u> Агар мақсадҳои лоиҳа ба даст омадаанд, мо метавонем натиҷаи сифатан навро интизор шавем, ки дар рушди қобилиятҳои маърифатии хонанда ва мустақилияти ӯ дар фаъолияти таълимӣ-маърифатиаш ифода шудааст.

**Маҳдудиятҳо дар истифодаи технология**:

ҳадафмандии пасти омӯзгор дар истифодаи технологияи мазкур;

ҳадафмандии пасти хонандагон дар иштирок дар кори лоиҳа;

сатҳи нокифояи малакаҳои фаъолияти тадқиқотии хонандагон;

дақиқ набудани меъёрҳои баҳодиҳӣ ҳангоми мушоҳидаи натиҷаҳои тадқиқот.

§ ***3.1.4.*** Технологияи таълими интерактивӣ

Ҳама кас ба ин андеша розӣ хоҳанд буд, ки ҷанбаи тарбиявии муҳим мисли ҷанбаи таълими он мебошад, зеро ин ду ҷанба робитаи мустақим доранд. Чи тавр кӯдак ба иҷрои амали худ одат мекунад ва омӯзиш чист ? Оё омӯзиш вайро ба худ ҷалб мекунад? Ба фикр кардан, ба таври интиқодӣ андешидан маҷбур мекунад? Ҳамаи ин вобаста ба он аст, ки барои кӯдакон дар дарс чи гуна шароитҳо ташкил карда шудааст?

Моделҳои таълим

Чунон ки маълум аст, дар низоми таҳсилоти миёна методҳои зиёди таълимӣ, навъҳои гуногуни дарсҳо, ки як ҳадаф - аз худ намудани дониш аз тарафи хонандагонро пайгирӣ мекунанд, мавҷуданд. Ворид намудани навгонӣ ё ба ибораи дигар инноватсия пазируфта мешавад. Моделҳои таълимро ба ғайрифаъол (пассив), фаъол (актив) ва интерактив тақсим мекунанд.

Таснифи ба ин монанди модулҳои таълимиро дар таҳқиқоти В. В. Гузеева дидан мумкин аст, аммо бо номҳои дигар: низоми экстрактивӣ (экстрактивнқй), интрактивӣ ва интерактивӣ.

Хусусияти хоси модели ғайрифаъол ё низоми экстраактив фаъол будани муҳити таълимӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки талаба маводро аз сухани омӯзгор ё матни китоб меомӯзад, бо ҳамдигар муошират намекунанд ва ягон супориши эҷодӣ иҷро намекунанд. Мисоли ин модели таълимӣ шаклҳои дарси анъанавӣ буда метавонанд, дар намуди хондан ифода гарданд.

Методҳои фаъол ва интерактивӣ фаъолияти мураттаби дарккунӣ ва мустақилияти хонандаро дар бар мегиранд. Методи фаъол модели фарогири супоришҳои эҷодӣ ва муошırати ҳатмии хонанда - омӯзгор мебошад. Норасоии ин модел он аст, ки хонанда ҳамчун субъекти таълим барои худ, танҳо барои худаш меомӯхта ва комилан бо дигар аъзоёни раванд ҳамкорӣ намекардагӣ, ба ғайр аз омӯзгор мебошад. Ҳамчунин ин метод бо яксамта буданаш, яъне барои фаъолияти мустақил, худомӯзӣ, худтарбиякунӣ фарқ

дорад.

Ҳадафи модели интерактивӣ ташкили муҳити фароҳами омӯзиш, ки ҳамаи хонандагон фаъолона байни худ муоширот доранд, мебошад. Истифодаи чунин модели таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон дар дарсҳо аз фаъолияти инноватсионӣ дарак медиҳад. Ташкили таълими интерактивӣ моделсозии ҳолатҳои ҳаётӣ, истифодаи бозиҳои нақшофарӣ, ҳалли умумии масъалаҳо дар асоси таҳлили вазъият ва ҳолат, воридсозии ҷараёнҳои иттилоотӣ дар шуур, ки боиси фаъолгардии он мегарданд, дар бар мегирад.

Маълум аст, ки сохтори дарси интерактивӣ аз сохтори дарси маъмулӣ фарқ мекунад ва он касбият ва таҷрибаи омӯзгорро металабад. Аз ин лиҳоз дар сохтори дарс танҳо унсурҳои модели интерактивии омӯзиш - технологии интерактивӣ, яъне усулҳои мушаххас ва методҳое, ки имкон медиҳад дарс ғайриодӣ ва бештар шавқовар мешавад.

**Технологияҳои интерактивӣ чист?**

Технологияҳои интерактивӣ чунин аст, ки дар он хонанда доимо дар муносибати субъективӣ - объективӣ нисбат ба системаи омӯхташаванда қарор мегирад, давра ба давра унсури худмухтори фаъоли он мегардад.

Таснифи ҷанбаҳо:

- Асоси фалсафӣ: гуманистӣ, табиатпарастӣ;
- Муносибати методологӣ: коммуникативӣ;
- Омилҳои пешбарандаи рушд: сотсиогенӣ;
- Намудҳои идораи раванди таълимӣ- тарбиявӣ: ҳамроҳӣ;
- Шаклҳои идораи раванди таълимӣ- тарбиявӣ: ҳамдигаромӯзонӣ;
- Методҳои бартаридошта: диалогӣ;
- Шаклҳои ташкилӣ: дилхоҳ;
- Муносибат ба кӯдак ва хислати мусоидат дар тарбия: интерактивӣ, демократӣ, ҳамкорӣ.

Самти мақсадҳо:

- фаъолгардонии инфиродии равандҳои зеҳнии

хонанда;
- Ангезиши гуфтугӯи дохили (монологи)-и хонанда;
- Таъмини фаҳмиши иттилоот, ки предмети мубодила мебошад;
- Фардикунонии мусоидати педагогӣ;
- Хулосаи хонанда ба мавқеи субъекти таълим;
- Ба даст овардани робитаи мутақобил зимни табодули иттилоот миёни хонандагон;

Худи вазифаи умумии омӯзгор дар технологияи интерактивӣ фасалитатсия ( даст-гирӣ, сабуксозӣ) мебошад, ки ба самт ва ёрӣ дар раванди табодули иттилоот мебошад:

- ошкорсозии гуногунандешӣ;
- рӯ овардан ба таҷрибаи инфиродии иштирокчиён;
- дастгирии фаъолии иштирокчиён;
- пайванди назария ва амалия;
- ғанигардонии таҷрибаи иштирокчиён;
- сабуксозии идрок, азхудкунӣ, ҳамдигарфаҳмии иштирокчиён;
- дастгирии эҷодкории иштирокчиён.

**Мавқеъҳои консептуалӣ:**

- Иттилоот бояд на дар низоми фаъол аз худ карда шавад бо истифодаи ҳолатҳои проблемавӣ, давраҳои интерактивӣ;
- Муоширати интерактивӣ барои рушди зеҳнӣ мусоидат мекунад;
- Зимни робитаи мутақобилаи «фиристонанда» ва «қабулкунанда» -и иттилоот накшҳои коммуникативиро иваз мекунанд;
- Робитаи мутақобил барои баландбардории самаранокии табодулии иттилоот мусоидат мекунад (таълимӣ, тарбиявӣ, идоракунӣ);
- Арзёбии дониш бояд маҳорати қабули дониши азхудкардаи амалиро ба инобат гирад.

**Махсусиятҳои ташкил**

Технологияҳои интерактивӣ ба ҳамкории мустақими хонанда ба муҳити атрофро асос ёфтаанд. Муҳити таълимӣ

ҳамчун воқеияте, ки дар он хонанда барои худ ҷанбаи таҷрибавиро пайдо мекунад. Таҷрибаи хонанда ин фаъолгари марказии маърифати таълимӣ мебошад.

Дар таълимоти анъанавӣ омӯзгор нақши «полоишро иҷро мекунад, ки тавассути худ иттилооти таълимиро мегузаронад. Дар интерактивӣ бошад, нақши ёвар дар фаъолгардонии кори ҷараёни иттилоотиро иҷро мекунад.

Дар муқоиса бо дарси анъанавӣ дар моделҳои интерактивӣ ҳамоҳангии таълиму омӯзгор тағйир меёбад: фаъолии омӯзгор ҷояшро ба фаъол шудани хонандагон иваз мекунад. Вазифаи омӯзгор – сохтани шароит барои ташаббуси хонадагон мебошад.

Дар технологияи интерактивӣ хонандагон ба сифати иштирокчиёни баробарҳуқуқ баромад мекунанд. Таҷрибаи онҳо на камтар аз таҷрибаи омӯзгор аст, ки на танҳо дониши тайёрро медиҳад, балки хонандагонро ба ҷустуҷӯйи мустақил водор месозад.

Омӯзгор дар технологияҳои интерактивӣ дар якчанд нақшҳои асосӣ баромад мекунад. Дар ҳар кадоме аз ин нақшҳо ҳамкории иштирокчиён дар ин ё он соҳаи фазои иттилоотӣ ташкил карда мешавад.

Дар нақши маълумотдиҳанда -эксперт омӯзгор маводди матниро ҷустуҷӯ мекунад, видеоро пешниҳод мекунад, ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб медиҳад, натиҷаҳои раванд ва ғайраро назорат мекунад. Дар нақши ташкилкунанда -дастгирикунанда вай ҳамкории хонандагон бо муҳити воқеӣ ва иҷтимоиро ба роҳ мемонад (ба зергурӯҳҳо ҷудо мекунад, хонандагонро барои ҷамъоварии мустақилонаи маълумотҳо водор мекунад, иҷрои супоришҳоро танзим мекунад, хонандагонро барои омода намудани намоишҳои хурд ва ғайраҳо омода мекунад). Дар нақши мушовир омӯзгор ба таҷрибаи касбии хонандагон рӯ меорад, барои пайдо кардани роҳи ҳалли вазифаҳои аллакай гузошташуда ёрӣ мерасонад, мустақилона супоришгузориҳои навро меомӯзонад.

Ба норасоиҳои нақши дастгирикунанда фаъолияти зиёди омӯзгор дар вақти омодасозӣ, мушкилоти банақшагирии дақиқи натиҷаҳо дохил мешаванд.

Манбаи монеасоз дар низоми интерактивӣ метавонад гуногунӣ дар қабул, бо сабаби он, ки маъно дар раванди рамзкунонӣ ва рамзкушоии иттилоот тағйир меёбад гардад.

Технологияҳои интерактивӣ ва методҳо

Бо баъзе технологияҳои интерактивӣ ва методҳо, ки ба воситаи онҳо модели интерактивии таълимро дар доираи дарс ворид намудан имкон дорад шинос мешавем:

- кор дар гурӯҳҳои хурд-дар ҷуфтҳо, сегонаи ҷойивазкунанда, «ду нафара, чорнафара, якҷоя;
- методи аспак ё чархофалак;
- лексия бо муҳтавои проблемавӣ;
- суҳбати эвристикӣ;
- дарсҳои семинарӣ (дар шакли мубоҳисаҳо, мунозираҳо);
- конференсияҳо;
- бозиҳои амалӣ;
- истифодаи воситаҳои мултимедиавӣ (синфхонаҳои компютерӣ);
- технологияи ҳамкориҳои арзишманд;
- технологияи моделсозӣ, ё методи лоиҳасозӣ (амиқтараш ҳамчун фаъолияти берун аз дарсӣ).

**Мақсади асосии омӯзиши интерактивӣ**

Ҳадафи асосӣ – рушди маҷмӯии шахсияти хонанда мебошад. Восита барои рушди шахсият, ки иншокунандаи маҳоратҳои ботинианд, фаъолияти маърифатӣ ва андешамандӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор дар рафти дарс таъминсозии чунин фаъолиятест, ки ба технологияҳои интерактивии муосир мусоидат карда бошад. Дар ин ҳолат хонанда худаш роҳ ба дарккуниро мекушояд. Ба даст овардани дониш натиҷаи фаъолияти ӯ мебошад.

## § 3.2. Намунаи методҳои умумӣ ва мушаххаси фаннӣ дар муносибати салоҳиятнок

1. Мавзӯи дилхоҳ интихоб карда шавад.Методҳои номбаршударо истифода бурда, нақшаи дарсӣ тартиб диҳед.

2.Вобаста ба се гурӯҳ тақсимнамудаи методҳои таълим

М. А. Данилов ва Б. П. Есипов фикри худро баён созед:

1. Методҳои ҳосилкунии донишҳои нав

2. Методҳои ташаккули маҳорат

3. Малака ва истифодабарии онҳо дар амал, методҳои санҷиш ва баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат ва малакаҳо.

Намунаҳои методҳои умумӣ ва мушаххаси фаннӣ, инҳо: Ангезиши зеҳн, кластер, чархи андешаҳо, харитаи андешаҳо, шаршара, шарҳи категориявӣ, диаграммаи Венн, ИНСЕРТ, МДД, Т- схема, Ҷобаҷогузорӣ, Мизи мудаввар, Ҷиксо, таҳлили морфологӣ, намоиши кубӣ, чӣ тавр?, синквейн ва ғайра мебошад.

| |
|---|
| Мафҳумҳои асосӣ: методҳои умумии таълим ва мушаххаси фаннӣ. Фарқи байни онҳо. Кори амалӣ: мутобиқгардонии методҳои умумии таълим ба фанни таълимӣ. Намоиши корҳои амалӣ. |

Методҳои таълим хеле зиёданд, муайян кардани миқдори онҳо имкон надорад. Таснифоти методҳо аз нигоҳи мантиқ, хусусият, муносибат ва вазифаҳои таълимиашон бояд ба гурӯҳҳои муайян тақсим шаванд. Аммо ҳоло дар мактаб чунин таснифоти ягонаи методҳо вуҷуд надорад, педагогу методистон ба як қарори қатъӣ наомадаанд. Бо вуҷуди он дар назария ва амалияи омӯзиш чандин таснифот арзи вуҷуд дорад, ки онҳо на мухолифи якдигаранд, балки ҳамдигарро пурра мекунанд ва ба муаллимон имконият медиҳанд, ки дар омӯзиши мавод аз ҳар ҷиҳат рафтор кунанд.

Таснифоти методҳо омӯзишро ба танзим ва тартиб меорад. Воситаҳои омӯзишро ба гурӯҳҳои муайян ҷудо мекунад. Таснифоти методҳо ба муаллим иикония медиҳад, ки дар омӯзиши маводди таълимӣ роҳи беҳтаринро интихоб кунанд.

Олимони илми педагогика методҳои омӯзишро мувофиқи фаҳмиши худ ҳар хел таснифот додаанд. Аз он ҷумла Ю. К. Бабанский методҳои таълимро ба се гурӯҳи асосии зайл тақсим кардааст:

1. Методҳои ташкилкунӣ ва бавуҷудоварии фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ;

2. Методҳои ҳавасмандгардонӣ ва ба вуҷуд овардани фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ;

3. Методҳои назорат ва худназоратии самарабахши фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ.

Дар муносибати амалиёти дидактикӣ таснифоти М. А. Данилов ва Б. П. Есипов бештар мувофиқат мекунад. Онҳо ба он такя кардаанд, ки агар методҳои таълим ҳамчун тарзи ташкилу танзими фаъолияти таълимии талабаҳо оид ба ҳалли мақсад ва вазифаҳои дидактикӣ истифода шаванд, пас, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан равост:

1. Методҳои ҳосилкунии донишҳои нав
2. Методҳои ташаккули маҳорат
3. Малака ва истифодабарии онҳо дар амал, методҳои санҷиш ва баҳодиҳӣ бадониш, маҳорат ва малакаҳо.

Ин таснифот бо вазифаҳои асосии омӯзиш бештар мувофиқат мекунад ва барои беҳтар фаҳмидани вазифаҳои онҳо мадад мерасонад. И. Ф. Харламов ин таснифотро эътироф намуда, навиштааст, агар дар таснифоти нишондодашуда ин иловаҳо дохил карда шаванд, он гоҳ ҳамаи методҳои гуногуни таълимро ба панҷ гурӯҳи зайл тақсим кардан мукин аст:

1. Методҳои баёни шифоҳии донишдиҳӣ аз тарафи муаллим ва фаъолгардонии талабагон: ҳикоя, эзоҳ, лексияи мактабӣ, тасвир ва намоиш;

2. Методҳои мустаҳкамкунии маводди омӯхташуда: суҳбат, кор бо китоби дарсӣ (пешниҳоди И. Ф. Харламов);

3. Методҳои кори мустақилонаи талабагон оид ба фаҳмидагирӣ ва азхудкунии маводди нав: кор бо китоби дарсӣ, корҳои лабораторӣ (пешниҳоди И. Ф. Харламов);

4. Методҳои корҳои таълимӣ нисбати дар амал татбиқ кардани дониш, ҳосил намудани маҳорат ва малакаҳо: машқҳои хаттӣ ва амалӣ, машғулиятҳои лабораторӣ;

5. Методҳои санҷиш ва баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат ва малакаҳои талабагон: мушоҳидаи ҳамарӯза аз болои корҳои талабагон, пурсиши шифоҳӣ, баҳои ҳаррӯза, корҳои назоратӣ, санҷиши корҳои хонагӣ, назорати барномавӣ.

Ин таснифоти муштараки олимон қобили дастгирист, зеро он бо пайдарҳамӣ, мукаммалӣ ва возеҳии худ аз таснифоти дигарон фарқ мекунад.

Методҳои таълимро асосан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: методҳои умумӣ ва хусусии таълим. Фарқияти онҳо дар тарзи истифода ва мутобиқгардонӣ бештар муайян карда мешавад. Барои мисол методҳо ё стратегияҳои таълимие мавҷуданд, ки аз ҷиҳати истифода универсалӣ мебошанд, яъне онро дар чандин фанҳои таълимӣ мутобиқ кардан мумкин аст. Методҳои мушахасси фанниро бошад, танҳо дар раванди омӯзиши фанни махсус истифода бурдан мумкин аст. Барои тақвияти ақидаи мазкур ба тври зайл намуна ва кори амалро пешниҳод менамоем.

### §*3.2.1.* Усули "Ангезиши зеҳн"

Усули Ангезиши зеҳн (*ӣқain stoқming* – ҳуҷуми ақлӣ) аз ҷониби Алекс Осборн (ИМА) дар солҳои 40-уми асри XX пешниҳод шуда, ҳамчун усули барангехтани андешаҳо хеле машҳур гаштааст. Ангезиши зеҳн бештар дар марҳилаи водорнамоӣ истифода бурда мешавад. Он бо мақсади бахотироварӣ ва фаъолгардонии донишҳое, ки хонандагон пештар доштанд ва барои бедор намудани шавқу ҳавас оиди қабули ахбори нав, ташкили ваҷҳҳо барои фаъолияти дар пешистода истифода бурда мешавад. Ангезиши зеҳн аз гузориши саволи проблемавӣ сар мешавад ва ақидаҳо дар чорчӯбаи вақти муайян муҳокима карда мешавад: фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ.

Дар методи *"*Ангезиши зеҳн" масъала*, ё* саволҳои кушода гузошта мешаванд*,* ки чанд ҷавоби имконпазир дошта, барои ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал ё вариантҳои гуногуни ҷавоб мусоидат намояд.

**Мақсадҳои асосӣ:**

- ✓ гирдоварии андешаҳо;
- ✓ фаъолгардонии хонандагон дар ҷараёни дарс;
- ✓ ба вуҷуд овардани вазъияти ҷустуҷӯ.

Самаранок гузаронидани ин усул аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

1. Интихоби масъалаи кушода/саволҳое, ки чанд ҷавоби имконпазир доранд;
2. Риояи қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн.

**Қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн:**

1. Савол/масъаларо ба хонандагон пешниҳод кунед.
2. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки оид ба савол ё масъалаи пешниҳодшуда, фикру ақидаҳои

худро иброз доранд.

3. Фикру ақидаҳои пешниҳодшударо нависед.
4. Хоҳиш намоед, ки ақидаҳои худро баён кунанд.

**Намуна** 1: Савол: «Мошинҳо чанд ҷузъиёт маҷуд доранд?»

Фарз кардем хонандагон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд:

- *20000;*
- *5000;*
- *15000;*
- *30000 г.*

**Намуна 2**: Савол: «Ба фикри Шумо нуқ***сон дар пайвасти камзӯлча ба тана аз кадом сабаб пайдо шуданаш*** мумкин аст?»

Фарз кардем хонандагон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд:

- кӯндаланг ва барқад набудани матоъ;
- дуруст набуридани қолаб;
- тарзи нодуруст муайян кардани ҷойи буриши моилигии гиребон;
- маҳкам накардани қолаб ба матоъ бо сӯзанак ва ғ.

Ин ақидаҳо бе ягон шарҳ дар тахтаи синф, ё дар қоғаз навишта мешаванд. Сипас, ҳар як ақида аз тарафи хонандагон шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгор андешаҳои хонандагонро бояд қадр кунад. Ақидаҳо танқид карда

нашаванд. Кор то замоне идома меёбад, ки фикру мулоҳизаҳо шунида шаванд. Фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда аввал қайд, сипас муҳокима ва таҳрир мешаванд. Муаллим ба фикру мулоҳизаҳои беҳтарин такя карда, онҳоро бо мавзӯъ алоқаманд намуда, ба қисми асосии дарс мегузарад.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд;
- донишҳои худро ба хотир меоранд;
- дар рафти дарс фаъолона иштирок мекунанд;
- андешаҳои якдигарро муқоиса мекунанд ва ғ.

Тавсия ба омӯзгор: Вазифаи ин баҳсу муҳокима кардан сари як масъала нест. Барои ин усул вақти зиёд сарф накунед, тақрибан 5-7 дақиқа кифоягӣ мекунад.

### § 3.2.2. **Усули “Кластер” (хӯша)**

Кластер (clastӯқ – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дар пеш истода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

**Мақсадҳо:**

- ✓ гирдоварии андешаҳои хонандагон;
- ✓ бунёди вазъияти ҷустуҷӯ;
- ✓ инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр;
- ✓ омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо;
- ✓ пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ;
- ✓ муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Марҳилаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер:**

Марҳилаи якум

– дар маркази тахтаи синф (ё вараќи сафед) доира тасвир карда мешавад, ки дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ки ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад;

Марҳилаи дуввум

– хонандагон дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа, дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд;

Марҳилаи сеюм

– пас аз хондани китоб, шарҳи муаллим, хонандагон ба таҳлил ва низом даровардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гуруҳҳо муттаҳид мекунанд;

Марҳилаи чорум

– андешаҳои навишташуда, бо хатҳои рост бо мафҳум, ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикрҳоро ба таври графикӣ инъикос менамояд.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад: ба монанди «хӯша», вақте ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯи онҳо навишта мешавад. Ҳангоми навишти ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешаванд. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди алоқаҳоро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду намуд мешавад: кластери сода ва кластери мураккаб.

Дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.




Намунаи кластери сода:

Масъала: Аҳамияти сабзавот барои организми одам. Кадом намуди ғизо дар таркиби хӯрок буда ба организми одам заруранд?




Намунаи кластери мураккаб:

**Масъала:** «Дар бораи сӯрохкунии филиз (метал) чӣ медонед?»




**Дар натиҷа хонандагон:**

- ✓ оиди мафҳум, ё мушкилоти асосӣ чуқур андеша карда, донишҳояшонро оиди он ба хотир меоранд;
- ✓ бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд;
- ✓ барои исботи андешаҳои худ далел меоранд;
- ✓ қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд;
- ✓ фикри якдигарро гӯш мекунанд.

Тавсия ба омӯзгор: Дар усули хӯша иртибот, пайвастагии мантиқӣ, пайдарпайии фикру андешаҳо муҳим аст, то идрок осон гардад. Усули хӯшаро дар машғулиятҳои гуногун ва фанҳои мухталиф танҳо аз рӯи зарурат истифода бурдан мумкин аст.

### § 3.2.3. **Усули «Чархи ақидаҳо»**

Усули «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду

ё чор нафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

**Мақсадҳо:**

- ✓ бедор намудани шавқу ҳавас;
- ✓ муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал;
- ✓ муайян кардани донишҳои нопураи мавҷуда;
- ✓ ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим;
- ✓ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

Қадамҳои истифода бурдани ин усул:

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

Намунаи 1:

Масъала: «Номи касбҳои истеҳсолоти чӯбкоркунандаро медонед?



Намунаи 2:

Масъала: «Дар бораи амалиёти ҳосил кардани нахи пахта ва матои пахтагӣ чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»




Бояд зикр намуд, ки «Чархи ақидаҳо» метавонад аз ададҳои гуногун: бо миқдори 4, 6, 8, ё 12 иборат бошад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

Тавсия ба омӯзгор: Ҳангоми иҷрои супориш хонандагон шояд микдои муайяншудаи ақидаҳоро пур карда натавонанд. Дар ин ҳолат шумо метавонед ба хонандагон навиштани саволҳоеро, ки онҳо ба он ҷавоб гирифтан мехоҳанд пешниҳод намоед. Муҳим: пура кардани ҳамаи «ақидаҳо» мебошад. Ин усулро ҳам дар фаъолияти гурӯҳӣ ва ҳам дар фаъолияти дунафарӣ истифода бурдан мумкин аст.

§ ***3.2.4.*** Харитаи андешаҳо

Харитаи андешаҳо (харитаи консептуалӣ, хари-

таи фарзӣ, консепсияи картографӣ, харитаи зеҳн) усули пешниҳод ва алоқаманд гардондани фикрҳост. Қоидаҳои асосии харитаи консептуалиро дар солҳои 60-ум профессор Ҷозеф Новак аз Донишгоҳи Корнел кор карда баромад.

Сохтани чунин харита имкон медиҳад, ки андешаҳо аз рӯйи муҳим буданашон ба як тартиби муайян, аз ҳисоби шохаҳо ба як сохтор даровარда шавад. Андешаҳо ба воситаи рамзҳо, ранг, ҳаҷми ҳуруф ва ғайра қайд мегарданд. Алоқаи байни онҳо нишон дода мешавад.

Мақсадҳо:

- инкишофи тафаккури эҷодӣ;
- нишон дода тавонистани алоқаи байни андешаҳо;
- ҷобаҷо кардани мулоҳизаҳо аз рӯйи аҳамият ва тартиб;
- қайди фикру мулоҳизаҳои асосӣ ва андешидани ақидаҳои нав.

Қадамҳо:

- Мавзӯъ ё масъалаи асосиро дар байни (ё росту чап) вараќи сафед нависед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки андешаҳои худро дар атрофи масъалаи асосӣ нависанд.
- Ба хонандагон фаҳмонед, ки алоқаи байни фикрҳояшонро дар харита бо рамз, тирча ва бо рангҳои гуногун оро диҳанд.
- Кори гурӯҳро муаррифӣ намоянд.

Намуна:



**Таъкид**: Шумо аз масъалаи асосӣ оғоз карда, онро ба шохчаҳо (шохчаи 2, 3 ва ғ.) ҷудо кунед. Андешаҳои муҳимро чун навдаҳо дар атрофи он ҷойгир намоед. Алоқаи онҳоро нишон диҳед.

**Тавсия ба ом**ӯзгор: Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон дар нақша ахбори ҳаҷман зиёдро гирдоварӣ намоянд. Шумо метавонед ин усулро ҳангоми алоқаманд кардани масъала (мафҳум, мавзӯъ) -ҳои дарсҳои гузашта истифода баред. Азбаски дастгоҳи харротии ҷӯбкоркунанда аз қисмҳо иборат аст, кор фармудани ин усул мувофиқи мақсад аст.

§ ***3.2.5.*** Усули «Шаршара»

Усули «Шаршара» (Каскад) барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва дар корҳои амалии фанни технология (таълими меҳнат) истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум, назарияҳо ва дар кори амалӣ истифода бурдан айни муддаост.

Мақсадҳо:

- ➢ таҳлилу таҷзия карда тавонистани калимаҳо, мафҳумҳо ва кори амалӣ;
- ➢ инкишофи малакаҳои хулосабарории дедуктивӣ (аз кулл ба ҷузъ);
- ➢ омӯхтани тарзҳои нави фаъолият.

Қадамҳо:

1. Як, ду ва се мафҳум (мавзӯъ, масъала) ё пайдарпайии кори амалиро интихоб намоед;
2. Мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалиро дар тарафи чапи лавҳи синф нависед;
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯъ ва пайдарпайии кори амалиро ба ду-се қисмати асосӣ ҷудо кунанд;
4. Қисматҳои асосиро пас аз мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалиро овардашуда қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед;
4. Фаслҳои асосиро боз ба қисматҳо ҷудо кунед (андешаҳо

ё тартиби иҷрои кори амалиро бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо тирча алоқаманд намоед;

5. Нақша шакли шаршараро мегирад.

Намунаи 1 (барои писарон):




Намунаи 2 (барои духтарон)




**Таъкид:** Ҳангоми тартиб додани шаршара якчанд қисмҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар гузаронидан мумкин аст. Он барои аз нав дида баромадани ин ё он қисмат имконият медиҳад. Усули мазкурро бештар дар кори гурӯҳӣ ташкил кардан тавсия мешавад.

**Тавсия ба омӯ**згор: Усули мазкур бештар дар давраи мулоҳизаронӣ, яъне пас аз омӯхтани мавзӯи нав, барои ба ёд овардани мавзӯъ (масъала)-и омӯхташуда истифода мегардад. Шумо аз рӯйи диди худ ҷойи қисматҳоро иваз намоед, яъне қисматҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар кӯчонед. Пас аз тартиб додани нақша саволҳое ба шогирдон пешниҳод намоед, ки фикронии онҳоро инкишоф диҳад.

§ **3.2.6.** Усули "Шарҳи категориявӣ"

Категория – маҷмӯи ашё, ҳодисаҳо ва далелҳоест, ки бо баъзе хусусиятҳои ягонаи худ ба ҳамдигар муттаҳид шудаанд.

Усул барои муттаҳид кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва амалҳои мушаххас дар асоси аломату хосиятҳои муайян истифода мешавад. Онро ҳангоми ҷамъбасти ангезиши зеҳн гурӯҳбандии калима, мафҳум ва назарияҳо истифода бурдан аст.

Мақсадҳо:

- Дар асоси аломату хусусиятҳо муттаҳид карда тавонистани андешаҳои пешниҳодшуда;
- Гурӯҳбандӣ кардани калимаҳо, мафҳумҳо, олотҳо ва амалиётҳо мувофиқи категорияҳо;
- Инкишофи малакаҳои хулосабарории индуктивӣ (аз ҷузъ ба кулл);
- Инкишофи нутқи хаттии хонандагон.

Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?

Қадамҳо:

1. Доир ба масъала ва мақсад "Ангезиши зеҳн" гузаронед ва андешаҳоро қайд кунед.
2. Дар муқобили андешаҳо якчандто (3-4) категорияҳоро нависед (категорияҳоро аз хонандагон пурсед).
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фикру мулоҳизаҳро ба категориҳо ҷудо карда, дар гурӯҳҳо муттаҳид созанд. (бо ишораи пайкон)

Намунаи 1:

Ангезиши зеҳн

Савол: Шумо кадом масолеҳ ва мафҳумҳоеро номбар карда метавонед, ки ба ҳунарҳои халқӣ вобаста бошанд?

<table>
<tr><th>Масолеҳ ва мафҳумҳо</th><th>Муайянкунии самти категорияҳо</th><th>Катигорияҳо</th></tr>
<tr><td>Гил</td><td rowspan="11"></td><td rowspan="4">Кулолгарӣ</td></tr>
<tr><td>Металлтахта</td></tr>
<tr><td>Пахпардоз</td></tr>
<tr><td>Хок</td></tr>
<tr><td>Исканақаламҳои чӯбин</td><td rowspan="3">Сикказанӣ</td></tr>
<tr><td>Ангоб</td></tr>
<tr><td>Лӯлапардоз</td></tr>
<tr><td>Чокапардоз</td><td rowspan="4">Гаҷкорӣ</td></tr>
<tr><td>Гилбум</td></tr>
<tr><td>Гаҷ</td></tr>
<tr><td>Болғаи махсус</td></tr>
</table>

Ифодаи шакли дигари шарҳи категориявиро низ истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Намунаи 2:

Калимаҳоро дар ҷадвал мувофиқ ба категорияҳояшон нависед.

Муҳаррики барқӣ, нақш, чӯби санавбар, кошин, белча, лок, катибавӣ, гира,поя, гиреҳ, дарахти чормағз, *семент, ширеш, искана, геометрӣ, қаппаки пеш, ислимӣ, болғаи чӯбӣ, қаппаки оқиб, обтарозу*.

| № | Дастгоҳи харротии рахпечбур | Кандакорӣ | Кошинкорӣ | Наққошӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4. | | | | |
| 5. | | | | |

**Намунаи 3:**

Номи умумии калимаҳоро ёбед.

*1. Штангенсиркул, микрометр, штанумқсанҷ, рейсмус, ҷадвал...... (асбобҳои ченкунанда)*

*2. Арра, ранда, искана, парма, болга, ........ (асбобҳои дуредгарӣ)*

*3. Паргор, хаткашак, қалам, лекала, ........ (асбобҳои нақшакашӣ)*

*4. Чӯтка, лок, ранги обӣ, ранги равғанӣ, қоғази сунбода, .... (асбобҳои рангубор)*

*5......*

Таъкид: Ҳангоми гурӯҳбандии мулоҳизаҳо хонандагон номи баъзе аз категорияҳоро тағйир дода ё илова карда метавонанд. Ба миён омадани катигорияи нав низ имконпазир аст.

Тавсия ба омӯзгор. Усули мазкурро Шумо дар мавридҳои гуногуни дарс (ба хотир овардани дониши мавҷуда, дарк кардани мазмуну мундариҷаи масъалаи нав, мулоҳиза рондан оид ба масъалаи нав) истифода бурда метавонед. Истифодаи ин усул дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) самарабахш аст.

§ ***3.2.7.*** Диаграммаи Венн

Диаграмма аз ҷониби Ҷон Венни файласуф, математик ва мантиқшиноси британӣ дар солҳои 1881-уми асри X1X таълиф шудаст.

Диаграммаи Венн – усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн, фарқи ашёҳои гуногун аз рӯйи мазмуни он истифода барад. Талабагон монандӣ, фарқ ва муқоисаро дар дафтари худ, ё лавҳи синф менависанд.

**Мақсадҳо:**

- ✓ таҳлил ва таркиб карда тавонистани ашёву ҳодисаҳо;
- ✓ муқоиса ва фарқ карда тавонистани ашёву ҳодисаҳо;
- ✓ ёфта тавонистани хислатҳои умумии ашёву ҳодисаҳо;
- ✓ инкишофи қобилиятҳои таҳлиливу хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

1. Ба хонандагон масъаларо пешниҳод кунед;
2. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар атрофи ин масъала фикр карда (ашёҳо, ҳодисаҳо ва ғ.), фарқият ва умумиятро муайян намоянд;
3. Хонандагон дар варақи сафед ду давраи ба ҳам пайвастро тасвир мекунанд;
4. Онҳо дар қисматҳои чапу рости давра фарқиятҳо ва дар мобайни он умумияти масъалаи пешниҳодшударо қайд мекунанд;
5. Ҳар як намояндаи гурӯҳ кори худро муаррифӣ мекунад.

**Намунаи 1.** (барои писарон)

Масъала: Фарқият ва умумияти пӯлод ва чӯян нишон диҳед.

Тавсия ба омӯзгор**:** Диаграммаеро, ки дар он давраҳо ҳамдигарро мебуранд, дар ҳолате истифода бурдан лозим аст, ки хонандагон пур кардани се давраро (бе буриш) аллакай омӯхта бошанд. Масалан, хонандагонро ба се гуруҳ тақсим мекунем ва ба гурӯҳҳо чунин супоришҳоро медиҳем:

Гурӯҳи 1 – хусусиятҳои асосии пӯлодро нависед;
Гурӯҳи 2 – хусусиятҳои асосии чӯянро нависед;
Гурӯҳи 3 – хусусиятҳои умумии пӯлод ва чӯянро нависед.




Намунаи 2. (барои духтарон)
Масъала: Фарқият ва умумияти абрешими сунъӣ (вискозӣ) аз абрешими синтезӣ (капрон)-ро нишон диҳед.

Гурӯҳи 1 – Хусусиятҳои абрешими сунъӣ (вискозӣ) -ро нависед;
Гурӯҳи 2 – Умумияти хосияти матоъро нависед;
Гурӯҳи 3 – Хусусиятҳ**ои а**брешими синтезӣ (**капрон**) -ро нависед.



**Дар натиҷа хонандагон:**

- ❖ Ашё, ё ҳодисаро ба қисматҳои фарқияту умумият ҷудо мекунанд;
- ❖ Ба андешаҳои худ мисол меоранд;
- ❖ Фарқияту умумияти ашё, ё ҳодисаро нишон медиҳанд;
- ❖ Дар гурӯҳ кор мекунанд.

§ ***3.2.8.*** МЕТОДИ «ИНСЕРТ»

(**I** – intӯқactivӯ – ҳамкорӣ, **N** – noting – худфаъолият, **S** – systӯm – қайди системавӣ, E – ӯffӯctivӯ – босамар, **Қ** – қӯading – хондан ва мулоҳиза кардан, T – thinking – фикр кардан)

ИНСЕРТ ҳамчун системаи нишонагузорист. Системаи нишонагузорӣ имконият медиҳад, ки бо матнҳои серахбор кори самаранок ташкил карда, маълумоти ба даст овардашуда, ба тартиби муайян дароварда шаванд.

Истифодаи рамзҳои махсус («v», «+», «-», «?») имконият медиҳад, ки ахборот нишонагузорӣ ва қайд гарданд.




Мақсадҳо:

- ✓ маҳорати дарёфти мустақилонаи ахбори даркорӣ;
- ✓ таҳлил карда тавонистани ахбор;

✓ ташаккул додани малакаҳои хониш бо дарки мазмун;

✓ маълумоти ба даст овардашударо ба низоми муайян даровардa тавонистан.

✓ арзёбӣ карда тавонистани ахбор.

1. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар бораи ... (масалан: "Дар бораи "Маълумот оид ба равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати масолеҳи бинокорӣ" чӣ медонед?") гӯянд. (Бо усули "Ангезиши зеҳн" ақидаҳо ҷамъ мешаванд.)
2. Пас аз баён намудани фикру андешаҳо барои хондан матн (дар саҳ. ...) пешниҳод мегардад.
3. Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳангоми хондани матн дар ҳошияи (сархат) матн бо қалам нишонаҳои зеринро гузоранд: **"V", "+", "-", "?".**

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки баъд аз мутолиа ва нишонагузории матн дар дафтар ҷадвали ИНСЕРТ тасвир намоянд ва аз рӯйи аломатҳои гузошташуда қисматҳои ҷадвалро пур кунанд.

Ҷадвали «Инсерт»

| **"V"** (медонам) | **"+"** (ахбори нав) | **"_"** **(мухолифат пайдо шуд)** | **"?"** (савол дорам) |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

4. Қисматҳои ҷадвал бо навбат муҳокима мегарданд.
5. Барои муҳокима чунин саволҳоро додан мумкин аст: «Дар матн бо кадом ахбори шинос дучор омадед?», «Чӣ чизи нав фаҳмидед?», «Дар кадом масъала мухолифат ба вуҷуд омад?», « Кадом саволҳо пайдо шуданд?», ва ғайра.

**Намунаи 1.**

Маълумот оид ба равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати масолеҳи бинокорӣ.

Ин соҳаи саноати сабук асосан барои сохтмони манзиливу маъмурӣ, хоҷагии қишлоқ ва ғайра масолеҳи лозимиро истеҳсол менамояд.

Сохтори ин соҳаро корхонаҳои соруҷ (семент)-барорӣ, комбинатҳои истеҳсоли масолеҳи асбесту семент (монанди шифер, ғулбаҳо ва дигар масолеҳ), заводҳои хишт, черепитса, плиткаҳои рӯйкашкунӣ, корхонаи конструксияҳои оҳану бетонӣ, комбинатҳои хонасозӣ, узелҳои бетон ва дигар омехтаҳоро тайёркунанда, корхонаи истеҳсоли оҳаксанг, гаҷ, алибастр, комбинати масолеҳи ғайримаданӣ, корхонаи истеҳсоли қоғазҳои рӯйкашкунанда ба мисли тол, пергамин, рубероид ва ғайра, ташкил медиҳад.

Саноати бинокориро соҳаҳои саноати чӯбу ҷангал бо масолеҳи чӯб, муассисаҳои дигар бо конструксияҳои чӯбин, ба мисли дару тирезаҳо, фаршҳои тайёр ва ғайра, соҳаи саноати химия бо масолеҳи рангу ороишӣ таъмин менамоянд, заводҳои соҳаи мошинасозӣ бо маснуоти металлии гуногун ба монанди симмеххо, қулф, ошиқу маъшуқ, дигар фурнитураҳо барои мебел, комбинати шиша бошад, бо шишаи тиреза ва дигар маснуоти шишагӣ таъмин менамоянд.

Корҳои сохтмон бошад, аз тарафи муассисаҳои конструксияи сохтмон иҷро карда мешавад, ки ба онҳо трести бинокорӣ, идораҳои бинокорӣ, колоннаҳои механиконида ва қитъаҳои (участка) бинокорӣ иҷро карда мешавад.

Истеҳсоли баъзе аз масолеҳи бинокорӣ: Истеҳсоли соруҷ (семент). Соруҷ аз хоки махсусе, ки маргелӣ номида мешавад ва аз омехтаи як ҳисса хок ва се ҳисса оҳаксанг иборат мебошад. Дар натиҷаи пухтан дар кӯраҳои ғулбагии даврзананда, дар ҳароратҳои то 1400-15000С ҳосил карда шуда, дар хотимаи амалиёт он осиё карда мешавад.

Истеҳсоли хишти пухта. Аз хоки оддӣ, ки пешакӣ бехта, лой тайёр карда шуда, бо новаҳои махсус, ки андозаҳои лозимиро доранд, равона карда мешавад.

Аз ин лой бо ёрии корди сими ғафсии хишт бурида гирифта мешавад. Пас аз хушконидан хиштро ба тагмонҳои махсус ҷойгир намуда, ба кӯраҳои ҳалқагӣ ҷойгир мекунанд. Дар ин кӯраҳо хишт дар давоми 48 соат аз ҳарорати паст сар карда мунтазам то нуқтаҳои ҳарорати баланд 900 -10000С ҳаракат мекунанд ва аз ин нуқта боз ба ҷойҳои ҳарораташ паст будаи кӯра рафта хунук мешавад ва аз кӯра бо ин тагмон берун оварда мешавад.

Истеҳсоли оҳаксанг. Аз сангҳои махсус дар кӯраҳо дар ҳарорати то 10000С дар муддати то 10-12 соат пухта мешавад.

Истехсоли шифер. Барои истеҳсоли шифер аз омехтаи асбест ва семент лой тайёр карда, аз он ҷо бо тарзи қолибкунии варақаҳои шифер ба шакли зарурӣ оварда мешаванд. Пас ин варақаҳо хушконида мешавад.

Истеҳсоли бетон. Барои истеҳсоли бетон санги майда кардашуда бо семент ва об омехта карда мешаванд. Барои ин омехтакунакҳои механикиро истифода мекунанд.

Истеҳсоли лойҳои бинокорӣ. Онҳо аз қумҳои гуногунтаркиб бо оби оҳак ва семент, ё бе семент тайёр карда шуда, вобаста ба таркибашон тамғахои гуногунро доранд. Ҳамин тавр масолеҳи бинокории гуногун бо технологияҳои гуногун тайёр карда мешавад.

Индустрияи сохтмон. Ҳамаи корҳои сохтмонӣ ба монанди сохтани сарбанд, пойгоҳи барқӣ, роҳи оҳан, бандар, обанбор, қалъа, роҳи мошингард, нақб, хати метрополитен, кон, комбинат, корхонаҳо, бинои маъмурӣ ва истиқоматӣ, кӯпрук, хати газ, нефт, ҷараёни барқ нақлкунанда ва ғайра аз ҷониби индустрияи сохтмон иҷро карда мешавад. Ин соҳаи сохтмон вобаста ба корҳои иҷрошаванда аз техника ва технологияи гуногун истифода мекунад. Масалан, барои сохтани роҳ, канал, обанбор аз экскаватор, булдозер ва дигар мошинаҳои махсус истифода менамояд. Барои иҷрои сохтмони биноҳои маъмурию истеҳсолӣ ва истиқоматӣ бошад аз кранҳои борбардор ва дигар механизмҳо васеъ истифода бурда мешавад. ҳама гуна амалиёт оид ба таъмини биноҳо бо ҷараёни барқ, нуқтаҳои обу ташноб, газ, нуқтаи телефон ва радио, корҳои рангубор ва ороиш, системаҳои шамолдиҳӣ ва ғайра аз ҷониби муассисаҳои гуногун ба сомон расонида мешаванд.

| V<br>(медонам) | +<br>(ахбори нав) | –<br>(шубҳа, мухолифат) | ?<br>(савол дорам) |
|---|---|---|---|
| Саноати бинокориро соҳаҳои саноати чӯбу ҷангал бо масолеҳи чӯб, муассисаҳои дигар бо конструксияҳои чӯбин, ба мисли дару тирезаҳо, фаршҳои тайёр ва ғайра, соҳаи саноати химия бо масолеҳи рангу ороишӣ таъмин менамоянд. | Дар натиҷаи пухтан дар кӯраҳои ғулбагии давр-зананда, дар ҳароратҳои то 1400-1500$^0$C ҳосил карда шуда, дар хотимаи амалиёт он осиё карда мешавад. | Аз ин лой бо ёрии корди сими ғафсии хишт бурида гирифта мешавад. Пас аз хушконидан хиштро ба тагмонҳои махсус ҷойгир намуда, ба кӯраҳои ҳалқагӣ ҷойгир мекунанд. | Онҳо аз қумҳои гуногунтаркиб бо оби оҳак ва семент, ё бе семент тайёр карда шуда, вобаста ба таркибашон тамғаҳои гуногунро доранд. |

Дар љадвали мазкур ишорањо чунин ифода мешаванд:

| V | + | - | ? |
|---|---|---|---|
| Инро медонистам. | Бароям нав аст. | Фикрам дар ин бора дигар буд. | Бароям нофаҳмост. |

Намунаи 2. (барои духтарон)

1.Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар бораи касбу **ҳунарии миллӣ**, **ҷулоҳӣ** чӣ медонед? Гӯянд, бо усули “Ангезиши зеҳн” ақидаҳо ҷамъ мешаванд.

2.Пас аз баён намудани фикру андешаҳо барои хондан, матн (дар саҳ. 157) пешниҳод мегардад.

3.Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳангоми хондани матн дар ҳошияи (сархат) матн бо қалам нишонаҳои зеринро гузоранд: **“V”**, **“+”**, **“-“**, **“?”**.

| | |
|---|---|
| Маълумоти умумӣ оид ба касби ҷулоҳӣ Бофандагони машҳури қадим, ки бо кешбофӣ ва ҷулоҳӣ шӯҳрат пайдо карданд, арабҳо мебошанд. Онҳо нақшу нигори мураккабро 2 ҳазор сол пеш кашф карданд. | V |
| Дар Фаронса дар аввали асри XII каллапӯшҳои занона, дастпӯшакҳо ва дар асри XII-XV ҷуроб ҳатто либоси болопӯш мебофтанд. Оҳиста-оҳиста ин намуди ҷулоҳӣ дар Аврупо паҳн шудааст. | + |
| Намудҳои бофтаҳои дарёфтшударо дар асри XII испаниҳо, италиявиҳо ва як аср баъд фаронсавиҳо, шотландиҳо, англисҳо омӯхтанд. | – |
| Аввалин дастгоҳи бофандагии механикӣ аз тарафи кӣ ихтироъ карда шудааст? | ? |

| **V (медонам)** | **+ (ахбори нав)** | **– (шубҳа, мухолифат)** | **? (савол дорам)** |
|---|---|---|---|
| Бофандагони маш-ҳури қадим, ки бо кешбофӣ ва ҷулоҳӣ шӯҳрат пайдо карданд, арабҳо буданд. Онҳо нақшу нигори мураккабро 2 ҳазор сол пеш кашф карданд. | Дар Фаронса дар аввали асри XII каллапӯшҳои занона, дастпӯшакҳо ва дар асри XII-XV ҷуроб ҳатто либоси болопӯш мебофтанд. Оҳиста ин намуди ҷулоҳӣ дар Аврупо паҳн шудааст. | Намудҳои бофтаҳои дарёфтшударо дар асри XII испаниҳо, италиявиҳо ва як аср баъд фаронсавиҳо, шотландиҳо, англисҳо омӯхтанд. | Аввалин дастгоҳи бофандагии механикӣ аз тарафи кӣ ихтироъ карда шудааст? |

Тавсия ба омӯзгор: Баъди хондани матн ва гузоштани ишораҳо, хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд муттаҳид карда, натиҷаҳоро муҳокима кардан бо мақсад аст. Вақте, ки хонандагон дар гурӯҳ мубоҳиса мекунанд, мавзӯъ ё масъаларо хубтар мефаҳманд.

§ 3.2.9. **Усули МДД**

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯйӣ - тадқиқотӣ буда, барои фаъолона ҳал карани масъалаи нав ёрӣ мерасонад.

Ин метод барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундариҷаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад.

Мақсадҳо:

- ✓ муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон;
- ✓ ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан;
- ✓ инкишофи малакаҳои кор бо матн;
- ✓ муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

Қадамҳои иҷро кардани ин усул:

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонад, дар сутуни якум менависанд.
3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.
4. Пас аз хондани матн, ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
5. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
6. Сипас, сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД **-р**о ба се марҳила тақсим кардан мумкин аст:

Марҳилаи аввал «Медонам». Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонанд, навишта мешавад.




Марҳилаи дуюм “Донистан мехоҳам” Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум донистан, ё фаҳмидан мехоҳанд навишта мешавад.




Марҳилаи сеюм “Донистам”. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум фаҳмиданд, навишта мешавад.




Дар марҳилаи сеюм, сутуни 1 (“Медонам”) бо сутуни 3 (“Донистам”) муқоиса карда мешавад. Яъне, хонандагон донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд.

Намунаи 1. (барои писарон) Мавзӯъ: Чӯб ва тахта.

Савол барои ангезиши зеҳн: Дар бораи чӯб ва тахта чӣ медонед?

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| - танаи дарахт,<br>- барои сохту-<br>соз. | | |
| - танаи дарахт,<br>- барои сохтусоз. | Тахтаро аз дигар маҳсулоти чӯбӣ чӣ хел фарқ мекунанд? | |
| - танаи дарахт,<br>- барои сохтусоз. | Тахтаро аз дигар маҳсулоти чӯбӣ чӣ хел фарқ мекунанд? | - ҳангоми барқад бури-дани танаи дарахтон маҳсулоти гуногуни чӯбӣ ҳосил мешавад: чӯби чортарош, чӯби дутарош, тахтаҳо, лавҳаҳо, чорякчӯб, пушттахта;<br>- тахта маҳсулоти чӯбиест, ки ғафсиаш то 100 мм ва бараш зиёда аз дучанди ғафсиаш мебошад. |

Намунаи 2. (барои духтарон)

Савол барои ангезиши зеҳн: Дар бораи машотта чӣ медонед?

| **Медонам** | **Донистан мехоҳам** | **Донистам** |
|---|---|---|
| Соли 1893 якумин бор муассисаи машотта дар Чикаго ташкил карда шуд. | | |

| | | |
|---|---|---|
| Соли 1893 якумин бор мактаби машотта дар Чикаго ташкил карда шуд. | Таърихи муфассали пайдоиши касби машотта | |
| Соли 1893 якумин бор мактаби машотта дар Чикаго ташкил карда шуд. | Таърихи муфассали пайдоиши касби машотта | Якумин бор касби машотта дар Шарқи қадим пайдо шуда, машоттаҳо дар байни рӯҳониён фаъолият мебурданд. Онҳо ба ороиши мӯй машғул буданд. Агар кас бемор шавад, мӯйи сарро мебуриданд ё кӯтоҳ мекарданд. Баъдтар ин касб дар Мисри қадим ва Юнони қадим тараққӣ кард. Ба касби машотта бештар табибон машғул мешуданд. |

**Дар натиҷа хонандагон:**

- аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд;
- ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ мекунанд;
- донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд**;**
- мулоҳизаҳои худро баён мекунанд**;**
- бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Ҳангоми бори аввал гузаронидани усули «МДД» ҷадвали онро дар лавҳи синф ё варақаи калон тасвир намоед ва бо аҳли синф якҷоя онро пур кунед. Пас аз ташаккули малакаҳои кори шогирдон бо ин усул, метавонед онро дар гурӯҳҳои хурд (дунафарӣ, сенафарӣ) татбиқ намоед.

§ ***3.2.10.*** Усули «Т- схема»

Ин усул барои ҷамъоварии ақидаҳои ба ҳам зид мебошад, ки ҷадвали он шаклан ба ҳарфи «Т» монанд аст. Ба воситаи усули мазкур саволе гузошта мешавад, ки ҷавобҳои зеринро талаб мекунад: «ҳа - не», «тарафдор - муқобил», «бартарӣ – камбудӣ», «+» ва «-», «мусбат – манфӣ» ва диг.

Ин метод ба хонандагон барои ба мубоҳиса омода шудан ёрӣ мерасонад.

**Мақсадҳо:**

- ба хотир овардани маълумотҳои пештар омӯхташуда;
- мустаҳкам кардани донишҳои мавҷуда;
- муттаҳид гардонидани хонандагон ҳангоми кори гурӯҳӣ;
- ташкил намудани мубоҳиса.

Қадамҳои иҷро кардани ин усул:

- хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед;
- аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвали иборат аз ду сутун (ба монанди ҳарфи «Т»)-ро тасвир намоянд;
- дар сутуни аввал «ҳа» нависанд, дар сутуни дуюм «не»;
- якчанд андешаҳои дурусту нодурустро дар шакли рӯйихат дар лавҳи синф нависед;
- аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар нақша онро ҷо ба ҷо гузоранд (Бо андешаҳое, ки онҳо розианд, дар сутуни «ҳа» нависанд, бо андешаҳое, ки онҳо розӣ нестанд, дар сутуни «не» нависанд);
- барои иҷрои супориш ба гурӯҳҳо вақти муайян ҷудо карда шавад;
- баъди анҷоми вақт гурӯҳҳо ҷавобҳои худро муаррифӣ намоянд;
- ҷавобҳои гурӯҳҳо муҳокима карда шавад (махсусан, ҷавобҳои ба ҳам муқобили гурӯҳҳо).

Намунаи 1. (барои писарон)

1. Яккумин неругоҳи барқи гармӣ соли 1882 дар Ню-

Йорк сохта шудааст?

2. Агар баландии алплатудаи мавҷи об аз 4 метр паст бошад трубинаро давр занонида метавонад?

3. Ба қисмҳои тақсимкунанда кабелҳо ва ноқилҳо дохил мешаванд?

4. Нақшае, ки дар он таҷҳизоти барқӣ нишон дода мешавад, нақшаи принсипиалӣ номида мешавад?

5. "Люминифор" аз калимаи лотунӣ Lғmӯn – рӯшноӣ ва fokos – баранда гирифта шуда, маънояш рӯшноидиҳанда мебошад?

6. Қисми барқгузари электропатрон аз дилаки металлӣ сохта шудааст?

7. Тартиби кори яхдон бо воситаи дастаки термостат нигоҳ дошта мешавад?

8. Конденсор найчаи рост мебошад?

| «ҲА» | «НЕ» |
|---|---|
| Якумин неругоҳи барқи гармӣ соли 1882 дар Ню-Йорк сохта шудааст? | Агар баландии алплатудаи мавҷи об аз 4 метр паст бошад трубинаро давр занонида метавонад? |
| Ба қисмҳои тақсимкунанда кабелҳо ва ноқилҳо дохил мешаванд? | Нақшае, ки дар он таҷҳизоти барқӣ нишон дода мешавад, нақшаи принсипиалӣ номида мешавад? |
| "Люминифор" аз калимаи лотинӣ Lғmӯn – рӯшноӣ ва fokos – баранда гирифта шуда, маънояш рӯшноидиҳанда мебошад? | Қисми барқгузари электропатрон аз дилаки металлӣ сохта шудааст? |
| Тартиби кори яхдон бо воситаи дастаки термостат нигоҳ дошта мешавад? | Конденсор найчаи рост мебошад? |

**Намунаи 2. (барои духтарон)**

1. Мошини ҷомашӯии баркӣ барои дар шароити хона шустан, обгардон кардан, афшурдани либос ва ғайра таъйин шудааст.

2. Мошинҳое, ки механизми либосафшурӣ надоранд (навъи СМР)

3. Дар ҳамаи мошинҳои ҷомашӯйи релеи вақт мавҷуд нест.

4. Махзани мошинҳои ҷомашӯйии навъи СМ, СМР ва мошинҳои дузарфаи нимавтоматӣ амудӣ ҷойгир шудааст.

5.Либосҳоро дар махзаи либосшӯйӣ обгардон мекунанд.

6.Ба мошинҳои автоматии ҷомашӯйи хокаҳо барои ҷомашӯйи дастӣ андохта мешавад.

| «ҲА» | «НЕ» |
|---|---|
| Мошини ҷомашӯйи баркӣ барои дар шароити хона шустан, обгардон кардан, афшурдани либос ва ғайра таъйин шудааст. | Мошинҳое, ки механизми либосафшурӣ надоранд (навъи СМР) |
| Махзани мошинҳои ҷомашӯйи навъи СМ, СМР ва мошинҳои дузарфаи нимавтоматӣ амудӣ ҷойгир шудааст. | Дар ҳамаи мошинҳои ҷомашӯйи релеи вақт мавҷуд нест. |
| Либосҳоро дар махзаи либосшӯйӣ обгардон мекунанд. | Ба мошинҳои автоматии ҷомашӯйи хокаҳо барои ҷомашӯйии дастӣ андохта мешавад. |

Дар натиҷа хонандагон:

- ✓ дарсҳои гузаштаро ба хотир меоранд;
- ✓ донишҳои мавҷудаашонро мустаҳкам мекунанд;
- ✓ дар гурӯҳ кор карда, фикри якдигарро гӯш мекунанд;
- ✓ бо ҳамдигар мубоҳиса менамоянд.

**Тавсия** ба омӯзгор: Ин усулро дар шакли бозӣ, ё мусобиқа низ гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, барои ҳар як ҷавоби дуруст холгузорӣ кунед. Гурухе, ки соҳиби холҳои зиёд мегардад, ғолиб мебарояд.

Ҳангоми дар шакли бозӣ, ё мусобиқа гузаронидани ин усул, хонандагони фаъолро ба гуруҳҳо баробар тақсим намоед.

§ *3.2.11.* **Ҷо баҷогузорӣ**

Машғулияти мазкур бо мақсади ба ҳар хонанда фароҳам овардани имконияти фикррони мустақилона инкишоф, баёни ақида, шинохта шудан ва таҳқиқ шудан таҳия шудааст.

Маводди зарурӣ: коғази А 3 ё дигар навъи коғази калонҳаҷм, қалам, ручка ё маркер

Қадамҳо:

1. Хонандагонро ба чор гурӯҳ муттаҳид намоед.
2. Ба ҳар гурӯҳ як варақи коғази андозаи А3 (ё ягон коғази андозаи калонтар) диҳед.
3. Ҳар гурӯҳ як нафарро ҳамон «Котиб» интихоб мекунад. Ин шахс ҳангоми муҳокимаронӣ ақидаи ҳамгурӯҳонашро сабт мекунад.
4. Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки нақшаи зеринро кашанд.



5. Ҳар хонанда ақида ё ҷавобашро дар хоначаҳои берунии нақша менависад.
6. Аъзоёни гурӯҳ бо навбат ақидаҳояшонро дар хоначаи мувофиқ менависанд.

7. Давраи дар мобайни нақша барои навиштани ақидаи умумии гурӯҳ истифода мешавад. «Котиб» дар ин давра ақидаи умумии гурӯҳро доир ба савол ё масъала менависад.
8. Ҳар гурӯҳ сипас ақидаи асосии гурӯҳро ба аҳли синф муаррифӣ мекунад.

### *§ 3.2.12. Мизи мудаввар*

Дар «Мизи мудаввар» масъала ва савол тарзе гузошта мешавад, ки он аз њамаи хонандагон љавоби гуногунро талаб кунад. Савол бояд мушаххас, фањмо ва ба мавзўи дарс мувофиќ бошад. Он бояд ба дараљаи ќобилияти њар хонанда мувофиќ бошад, то онњо дар љараёни муњокимаи масъала иштирок карда тавонанд.

Маводди зарурї**:** лозим нест

Қадамҳо**:**

1. Хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид намоед;
2. Ба хонандагон барои муҳокима ва баррасӣ саволро пешниҳод кунед;
3. Ба ҳар як гурӯҳ як варақ диҳед;
4. Хонандаи аввал дар варақ ҷавоб навишта, онро бо овози баланд мехонад;
5. Хонандаи аввал варақро ба ҳамсинфи дар тарафи чапаш нишаста месупорад;
6. Хонандаи дуюм як ҷавоб навишта, онро бо овози баланд мехонад ва варақро ба хонандаи дигар медиҳад;
7. Ҳамаи хонандагон бо навбат ҷавобро дар варақ навишта, онро бо овози баланд мехонанд;
8. Варақ то ақидаашро навиштани хонандаи охирини гурӯҳ аз даст ба даст гузаштан мегирад;
9. Сипас гурӯҳҳо ба муаррифии натиҷаи корашон даъват карда мешаванд.

Намуна:

Омӯзгор мепурсад:
*1.*Раванди технологӣ дар корхонаҳои мошинсозӣ чӣ тавр мегузарад?

Хонандаи 1: Давраи тайёр кардани масолеҳ;

Хонандаи 2: Давраи шаклгирӣ;

Хонандаи 3: Давраи васлкунӣ;

Хонандаи 4: Тайёрии конструкторӣ;

Хонандаи 5: Тайёрии технологии истеҳсолот;

Хонандаи 6: Тайёрии ташкилию истҳсолии истеҳсолот;

Саволҳои дигаре, ки омӯзгор дар ин машғулият пурсида метавонад:

2. Давраи тайёр кардани масолеҳро шарҳ диҳед?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Муаллим ба хонандагон муроҷиат мекунад. Шумо ба ин розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед? (Ҷавоб: Дар ин ҷо аз масолеҳи аввала ва ашёи хом масолеҳи ҷузъҳои оянда тайёр карда мешавад)

3. Дар давраи шаклгирӣ коргарони кадом касбҳо иштирок мекунанд?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Муаллим ба хонандагон муроҷиат мекунад. (Ҷавоб: Харрот, фрезерчӣ, челонгар, суфтагар)

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

4. Давраи васлкунӣ аз чанд марҳила иборат аст?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Муаллим ба хонандагон муроҷиат мекунад. *(Ҷавоб: ду марҳила: а) васлкунии қисм ба қисм, ки дар* натиҷа қисми таркибии маснуоти оянда ҳосил мешавад; б) васлкунии умумии маснуот) Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

5. Тайёрии конструкторӣ аз чӣ оғоз меёбад?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Муаллим ба хонандагон муроҷиат мекунад. *(Ҷавоб:* Аз коркарди супориши техникӣ (ТЗ)

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

6. Тайёрии ташкилию истеҳсолии истеҳсолот бо чӣ алоқаманд аст?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Муаллим ба хонандагон муроҷиат мекунад. *(Ҷавоб:* Бо тайёрии технологии истеҳсолот) Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

§ ***3.2.13.*** Ҷиксо

Хонандагон ахборро гӯш карда, онро ба ҳамгурӯҳонашон нақл мекунанд. Ҳар хонанда ба қисми муайяни мавзӯи таълим масъул мегардад.

**Маводди зарурӣ**: матни ба қисмҳо ҷудокардашуда

**Қадамҳо**:

- Мавзӯи дарсро ба чор зермавзӯъ ҷудо намоед. Масалан, агар матн оид ба «Технологияи пешқадами коркарди чӯб дар истеҳсолоти замонавӣ» бошад, онро ба чор зермавзӯъ ҷудо кунед. Маводи интихобкардаатонро мувофиқи шумораи гурӯҳҳои синф якчанд нусха омода созед.

- Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара муттаҳид намоед. Ин гурӯҳи «кории» онҳо аст. Ба ҳар намояндаи гурӯҳ рақами мушаххас диҳед (1 то 4).

- Ба ҳар намояндаи гурӯҳ матни алоҳида диҳед. Ҳар гурӯҳи «корӣ» бояд як маҷмӯи иборат аз чор матн ё чор зермавзӯъ дошта бошад. Масалан, ҳар хонандаи «рақами як» дар гурӯҳҳои худ як матн мегирад.

- Сипас гурӯҳҳои «корӣ» барҳам дода шуда, мувофиқи шумораи тартибии матнашон гурӯҳҳои нав ташкил карда мешаванд. Масалан, ҳамаи хонандагони «рақами 1» як гурӯҳи нав ташкил намуда, хонандагони «рақами 2» гурӯҳи дигар ва ҳамин тавр хонандагон гурӯҳҳои дигарро

ташкил мекунанд. Ин гурӯҳҳо «гурӯҳҳои экспертӣ» ном доранд.

- Ин гурӯҳҳо якҷоя мавзӯи худро омӯхта тарзи ба ҳамгурӯҳҳонашон таълим додани онро муҳокима намуда, омода мешаванд. (Масалан, яке аз усули пешниҳоди ахбор омода намудани муаррифӣ дар флипчарт мебошад).
- «Экспертҳо» ба гурӯҳҳои аслии «кориашон» баргашта, мавзӯи азхудкардаашонро бо навбат муаррифӣ мекунанд. Ҳамаи намояндагони гурӯҳҳои «корӣ» ба ҳамдигар ахбори дар гурӯҳи пешина омӯхтаашонро нақл мекунанд.
- Агар «экспертон» дар флипчарт муаррифӣ омода карда бошанд, онҳо метавонанд муаррифиашонро дар девор овехта, аъзоёни гурӯҳашонро ба назди ҳар муаррифӣ бурда, онҳоро пешниҳод намоянд. Дар ин сурат ҳамаи хонандагони синф маълумоти дар чор матн овардашударо аз худ мекунанд.



**Зергурӯҳи 1**

- Солҳои охир дар истеҳсолоти коркарди чӯб технологияҳои нави замонавии бепартов самаранок истифода бурда мешаванд. Мақсад аз он иборат аст, ки ҳамаи масолеҳ якҷоя бо пасмондаҳояш ба таври маҷмӯӣ истифода бурда шавад, яъне пасмондаҳои чӯб ба монанди шохчаҳо, тарошаҳо в аррамайдаҳоро ҷамъ ва дар дастгоҳи махсус ба шакли орд майда намуда, онро бо ширеш омехта ва бо роҳи фишурдашавии гармӣ масолеҳи нав истеҳол карда мешавад, ки онро тарошатахта (ДСП) ва пахтахта (ДВП) меноманд.

**Зергурӯҳи 2**

- ДВП бо андозахои ғафсиаш аз 2,5 - 25 мм, дарозиаш 1200-1 5500 мм ва бараш 1000-2140 мм истеҳсол карда мешавад.
  ДСП бо андозахои гафсиаш аз 10-26 мм, дарозиаш 2440-5500 мм ва бараш 1220-2440 мм истехсол карда мешавад.
  Сатҳи он бо варакаи тунуки чӯб ё қогази нақшин рӯйпӯш карда мешавад, ки он ба масолеҳ хусни нав зам мекунад. ДСП аз ҷиҳати мустаҳкамиаш ба тахтаҳои навъи сӯзанбарг наздик аст.

**Зергурӯҳи 3**

- Мувофиқи маълумотҳо дар вақти буридани ҷангали масохаташ 30 га 4 хазор м³ чӯб истеҳсол карда мешавад. Агар 1 ҳазор м³ пасмондаҳои чӯбу тахта ДСП истеҳсол карда шавад, ин микдор масолеҳ 4 хазор м³ чӯбу тахтаро иваз мекунад.

Зергурӯҳи 4

- Дар баробари пешрафти илмӣ - техникӣ торафт масолеҳҳои нав ба нав ҷои масолеҳҳои анъанавиро иваз карда истодаанд. Масалан, ба сифати масолеҳҳои рӯйпӯшкунанда варақҳои тунуки синтетикии лӯлапеч, яъне коғази бо пардаи равганӣ серкардашуда, ки ранг ва нақши дарахтҳои табиӣ медиҳад, ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар соҳаи мебелсозӣ зиёда аз 300 навъ масолеҳҳои синтетикӣ истифода бурда мешавад. Инчунин солҳои охир дар истеҳсолот коркарди чӯб хатҳои бо систе.махои автоматикӣ дар базаи МЭҲ, роботҳои саноати ҷиҳозонида шудаанд. Татбиқи ин гуна техника ва технологияҳо дар истеҳсолот миқдори муайяни инсонро аз корҳои вазнин озод мекунад.

§ 3.2.15.**Диаграммаи «Чӣ тавр?»**

Усули «Чӣ тавр?» силсилаи муҳокимарониҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд:

- ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилот;
- муайян кардани пайдарпайии ҳодисаю амалҳо;
- муайян кардани сабаби ҳодисаю амалҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад, роҳҳои пайдоиши ҳама гуна натиҷаро ёфтан мумкин аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: ҷустани роҳҳои гуногуни ҳалли вазъият, мушкилоти баамаломада имконпазир мегардад.

**Мақсадҳо:**

- ҷустуҷӯ карда тавонистани роҳ(ҳо)-и ҳалли масъала;
- алоқаманд карда тавонистани ҷавобҳо ба саволи «Чӣ тавр?»;
- инкишофи малакаҳои фикрронӣ (исбот карда тавонистани андешаҳои худ) ва нутқи шифоҳӣ;
- иртиботи сабаб ва натиҷа/оқибат.

**Натиҷа. Хонандагон:**

- савол гузошта, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ менамоянд;
- андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд;
- ҷавобҳоро муқоиса менамоянд;
- фикру мулоҳизаҳоро кӯтоҳ ва мушаххас баён ва қайд мекунанд;

- ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд;
- ...

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

1. Масъала ва ё натиҷае ба хонандагон пешниҳод мегардад.
2. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки барои ҳалли масъала, ё мушкилот саволи «Чӣ тавр?» гузоранд.
3. Агар масъала, ё мушкилот ҳалли худро наёбад, саволро боз такроран гузошта, андешаҳо ба якдигар бо тирча алоқаманд карда мешаванд.

Ин амал то муайян кардани сабаб, ё натиҷаи ниҳоии мушкилот идома меёбад.

**Диаграммаи «Чӣ тавр?»** - ду шакл дорад.

**Намунаи 1.** Хусусиятҳои матоъро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?




Намунаи 2. Лоиҳаи эҷодиро чӣ тавр омода кардан мумкин аст?



**Натиҷа. Хонандагон:**

- ба мушкилот савол гузошта, ҳалли онро меёбанд;
- андешаҳои якдигарро таҳлил менамоянд;
- андешаҳояшонро баён мекунанд;
- ба андешаҳои худ далел меоранд.

Тавсия ба омӯзгор: Дар ҷараёни дарс саволҳоеро пешниҳод намоед, ки хонандагон бо онҳо шиносанд. Саволҳоеро, ки ҷавоби онҳоро аз адабиёти иловагӣ ёфтан мумкин аст, вазифаи хонагӣ диҳед.

§ 3.2.16. **Синквейн**

Синквейн калимаи фаронсавӣ буда, маънояш 5 мисраъ аст. Синквейн – ин шеъри бе қофия буда, барои таҳлил ва хулоса кардани маълумот ёрӣ мерасонад.

Синквейн – як намуди кори хаттӣ аст, ки барои ҷамъбасту хулосабарории мустақилонаи хонандагон мусоидат мекунад.

Бо ёрии ин усул фикру ақидаи шахсӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯйи панҷ банд (унсур) хонандагон фикра-шонро оид ба мавзӯъ баён карда метавонанд.

**Мақсадҳо:**

- фикру мулоҳизаҳо шахсии худро хаттӣ ифода намудан;
- таҳлил, таркиб ва хулосабарорӣ кардан;
- нутқи хаттиро инкишоф додан;
- ба мушоҳидакорӣ ва донишомӯзӣ ҳавасманд намудан.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

1. Мавзӯъ бо як калима бояд иншо шавад (одатан исм);
2. Ифода намудани хусусияти мавзӯъ бо ду калима (ду сифат);
3. Тавсифи амал дар чорчӯбаи мавзӯъ (се феъл ва ё феъли ҳол);

4. Муносибат ба мавзӯъ (ҷумлаи иборат аз чор калима);

5. Такрори мазмуни мавзӯъ бо истифодаи як калима (муродифи мавзӯъ).

Тарҳи синквейн чунин аст:

**1. ________________.**

**2. ________________, ________________.**

**3. ________________, _________________, ____________.**

**4.____________ ____________ ______________ _________.**

**5. ________________.**

**Намуна аз «Касбу ҳунар барои духтарон» синфи 5**
**Мавзӯъ: Нахи абрешим**

1. Абрешим**;**
2. Нафис ва ҷилодор;
3. Мересанд, мебофанд, оҳар медиҳанд;
4. Абрешим матои бисёр зебо мебошад;
5. Пилла.

**Намуна аз «Касбу ҳунар барои писарон» барои синфи 5**
**Мавзӯъ: Тунука ва сим**

1. **Тунука**;
2. Сахт, мустаҳкам;
3. Метасфонанд, фишор меоранд, месозанд;
4. Бе тунука бисёр ашёҳо намебуданд;
5. Металл.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- фикру мулоҳизаҳояшонро хаттӣ ифода менамоянд;
- ба қисматҳои асосии мавод диққат доданро ёд мегиранд;
- маводди навро хубтар ба хотир мегиранд;
- маводди навро таҳлил карда, хулоса мебароранд.

Ҳангоми навиштани синквейн диққат диҳед, чизҳои муҳимми мавзӯъ қайд карда шаванд.

Тавсия ба омӯзгор**:** Ин усулро асосан дар охири дарс

мегузаронанд. Ҳангоми бори аввал гузаронидани синквейн, аввал худатон тарзи навиштани онро бо якчанд намуна нишон диҳед. Ин усулро дар корҳои гурӯҳӣ ва дунафарӣ ҳам гузаронидан мумкин аст.

### § 3.2.17. **Усули «Намоиши кубӣ»**

Усули «Намоиши кубӣ» имкон медиҳад, ки паҳлӯҳои ин ё он масъала аз назари хонандагон гузаронида шавад. Барои истифодаи ин усул бо хонандагон шакли геометрии кубро аз коғаз созед (15-20 см), ё ба хонандагон як дарс пеш барои дарси оянда сохтани шакли кубро вазифаи хонагӣ супоред.



Дар шаш паҳлӯи он шаш мафҳум навишта мешавад: тасвир, муқоиса, тасаввурот, таҳлил, истифода, далел. Ба ҳар як мафҳум саволҳо оварда мешаванд, ки барои ҷавоби мушаххас додан ёрӣ мерасонанд.

**Мақсадҳо:**

- ➢ ҳаматарафа дида баромадани мавзӯъ ва ё вазъияти проблемавӣ;
- ➢ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулоса баровардан.

Қадамҳои иҷро кардани ин усул:

1. Аз рӯйи масъала/мушкилот «ангезиши зеҳн» гузаронед.
2. Савол ё масъалаҳои пешакӣ тайёркардаро пешниҳод намоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷавобҳоро нависанд. Одатан барои ҷавоб ба се саволи аввал як дақиқа кифоя аст. Барои ҷавобҳои минбаъда 2-3 дақиқа вақт додан лозим аст.




Намунаи 1. «Сим».

Ангезиши зеҳн. Савол: Ба фикри шумо, сим чист?

Хонандагон ақидаҳояшонро менависанд. Сипас, дар паҳлуҳои куб ақидаҳояшонро мувофиқи мафҳумҳои он қайд мекунанд.

1. Тасвир. Сим – металли борик мебошад.
2. Муқоиса. Сим ба ришта монанд аст. Ришта ҳам монанди сим борик ва дароз мебошад. Сим нисбат ба сим мустаҳкамтар ва сахт мебошад.
3. Таассурот. Сим чизи бисёр даркорӣ мебошад.

4. Таҳлил. Симҳо гуногун мешаванд: мисин, алюминӣ, нарми пӯлодӣ, чандири пӯлодӣ ва ғ.

5. Истифода. Симҳои мисин ва алюминиро барои сохтани ноқили барқӣ ва парчинҳо; симҳои нарми пӯлодиро барои тайёр крадани меххо, рахпечҳо; симҳои чандири пӯлодиро барои истеҳсоли пручинаҳо ва торҳои созҳои мусиқӣ истифода мебаранд.

6. Далелҳои тарафдор муқобил. Фоидаи симҳо дар соҳаҳои гуногун дида мешавад. Махсусан, дар сохтани ноқили барқӣ. Фақат ҳангоми истифодаи симҳои барқдор эҳтиёткор будан лозим аст чунки қувваи барқ одамро мекушад.

Намунаи 2. Ҳавонавард (лётчик)

Ангезиши зеҳн. Савол: Ба фикри шумо, ҳавонавард кист?

Хонандагон ақидаҳояшонро менависанд. Сипас, дар паҳлуҳои куб ақидаҳояшонро мувофиқи мафҳумҳои он қайд мекунанд.

1. Тасвир. Ҳавонавард – ҳавопайморо идора мекунад.

2. Муқоиса. Ҳавонавард ба ронанда монанд аст. Ҳавонавард ҳаракати ҳавопайморо идора мекунад, ронанда ҳаракати мошинро. Кори ҳавонавард дар осмон аст, кори ронанда бошад, дар замин.

3. Таассурот. Ҳавонавард шахси нотарс ва қавиирода аст.

4. Таҳлил. Барои ҳавонавард шудан, фанҳои физика, математика, геометрия ва технологияро хуб донистан лозим аст.

5. Истифода. Ҳавонавард ба воситаи ҳавопаймо одамон ва ашёро аз ҷое ба ҷойи дигар мебарад. Инчунин, ҳавонавардони ҳарбӣ ҳам мешаванд, ки дар ҷанг иштирок мекунанд.

6. Далелҳои тарафдор муқобил. Ҳавонавард касби хуб аст, агар ҳисси тарс аз баландӣ надошта бошед. Касби ҳавонавард танҳо барои одамони ҷисман ва рӯҳан пурра солим мувофиқ мебошад.

Дар натиҷа хонандагон:

- ➢ масъаларо таҳлил ва баррасӣ менамоянд;
- ➢ таассуроташонро баён месозанд;
- ➢ фикрашонро исбот мекунанд;
- ➢ барои исботи фикрашон далел меоранд;
- ➢ хулоса мебароранд.

Тавсия ба омӯзгор**:** Ҳар як тарафи кубро номгузорӣ кунед. Агар хонандагон мафҳумҳои «тасвир, муқоиса, таассурот, таҳлил, истифода, далел»-ро нафаҳманд вобаста ба мақсад ва мавзӯи дарс барои ҳар як паҳлуи он саволҳои водоркунанда диҳед:

Он чӣ гуна аст? (Тасвир); Он ба чӣ монанд аст ва аз чӣ фарқ мекунад? (Муқоиса); Боз дар бораи он чӣ гуфтан мумкин аст? Онро чӣ тавр тасаввур кардан мумкин? (Таассурот); Аз чӣ иборат аст? (аз чӣ сохта шудааст?) (Таҳлил); Онро чӣ тавр истифода кардан мумкин аст? (Истфода); Ин хуб аст ё бад? (Далел).

§**3.2.18.** Усули «Таҳлили морфологӣ»

Усули таҳлили морфологӣ солҳои 30-юм аз тарафи ситорашиноси швейтсарӣ Ф.Свикки кор карда шудааст. Муаллиф мафҳуми «таҳлили морфологӣ»-ро васеъ истифода набурдааст, танҳо нишон додааст, ки ин усули ба комбинатсия (якҷоя кардан) асоснокшудаи дарёфти ҳамаи вариантҳои ҳалли масъалаҳо мебошад.

Дар ин усул маҳсулот ё ашёе, ки мо шавқманди он ҳастем, ҳамчун гурӯҳи асосии конструктивӣ, ё дигар аломатҳо интихоб карда мешавад. Барои ҳар як аломат варианти алтернативӣ интихоб карда мешавад. Байни худ вариантҳои гуногунро иваз намуда, ҳалли онро ёфтан мумкин аст.

Мақсадҳо:

➢ бедор намудани шавқу рағбати хонандагон;

➢ ташаккул додани қобилияти ҷустуҷӯ намудани роҳҳои гуногуни ҳалли масъала ё вазъият;

➢ инкишоф додани эҷодкории хонандагон;

➢ инкишоф додани малакаҳои таҳлил, таркиб ва хулосабарорӣ;

➢ интихоб намудани ҳалли аз ҳама беҳтарин ва

мувофиқ.

Қадамҳои ичро намудани усул:

- Як асбобро ё ашёро, ки онро сохтан, ё омода намудан мехоҳед интихоб намоед;
- Чадвали «Таҳлили морфологӣ»-ро тасвир намоед;
- Қисматҳои асосии ин асбоб ё ашёро дар чадвал қайд кунед(сутунҳои амудӣ);
- Вариантҳои гуногуни омода намудани ин қисматҳоро дар чадвал нанависед(қаторҳои уфуқӣ);
- Аз дохили чадвал рӯйхати якчанд роҳи сохтан ё омода намудани асбоб, ё ашёро дар дафтаратон қайд намоед;
- Аз рӯйхат варианти беҳтарин, мувофиқ ва ба худатон писандро интихоб намоед.

Намунаи 1. Таҳлили морфологии «Арраи дуредгарӣ»

| | Нишонаҳо | Вариантҳои алтернативӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1. | Маводи теға | металл | пластмасса | устухон | | | |
| 2. | Маводи дастаи арра | чӯб | устухон | пласт-масса | шохи хайвонот | металл | |
| 3. | Шакли теға | секунча | баробар-паҳлу | омехта | ҳамвор | | |
| 4. | Бехатарии нигоҳдорӣ | теға кушода | теға дар ғилоф | | | | |
| 5. | Функсияҳои иловагӣ | чадвал | гӯнё | корд | исканаи тарошанда | сарпӯш-кушояк (от-крквал-ка) | винт-тобак (от-вёртка) |

**Намунаи 2.** Таҳлили морфологии «Сутуни кандакори-шуда»

| № | Нишонаҳо | Вариантҳои алтернативӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1. | Материал -қисми асосӣ | Чӯб | санг | мар-мар | бетон | хишти пухта | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2. | Маводи асос | Бетон | санг | чӯб | мармар | хок | хишти пухта |
| 3. | Шакли қисми асосӣ | Мудаввар | квадрат | шаш-кунҷа | ҳашт-кунҷа | | |
| 4. | Бехтарии нигоҳдорӣ | Бо лок рӯйпӯш-кардашуда | Бо ранг пӯшида-шуда | | | | |

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ✓ роҳҳои гуногуни ҳал кардани масъала, ё вазъиятро меомӯзанд;
- ✓ сохтани ашёҳои гуногунро эҷод менамоянд;
- ✓ таҳлил, таркиб ва хулосабарорӣ менамоянд;
- ✓ ҷавоби беҳтаринро интихоб менамоянд.

Тавсия ба омӯзгор: Ин усулро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст. Шумо метавонед онро ҳамчун кори инфиродӣ, кори дунафарӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд ё бо аҳли синф гузаронед.

§3.2.19. **Усули «Лоиҳаи эҷодӣ»**

Фаҳмиши пешинаи усули лоиҳаи эҷодӣ, ҳамчун системаи таълим дар он мебошад, ки хонандагон дониш ва маҳоратро дар раванди ба нақшагирӣ ва иҷрои тадриҷии вазифаҳои амалии мушкилшуда- лоиҳа эҷодкорона мегиранд. Пайдоиши аввалин усули лоиҳаро ба нимаи дуюми асри XIX дар мактабҳои хоҷагии қишлоқи ИМА нисбат додан мумкин аст. Дар асоси усули лоиҳа консепсияи назариявии педагогикаи прогматикӣ ҷой гирифтааст, ки моҳияти он «хондан бо воситаи таълим» аст, чунки дар он фаъолнокӣ (фаъолияти хонандагон, ки онҳо худ интихоб кардаанд), ки маркази ҳақиқии кори таълимӣ мебошад, пешбинӣ шудааст.

Мафҳуми «Лоиҳаи эҷодӣ» кори мустақилонаи хонандагон буда, он аз офариниши маснуоте иборат аст, ки дар давоми соли хониш бо роҳбарии омӯзгор гузаронида мешавад.

**Мақсадҳо**:

- ➢ инкишофи тафаккури эҷодӣ;

- мушоҳидакорӣ;
- эҷодкории техникӣ;
- тасаввуроти фазоӣ;
- тарбияи иқтисодӣ;
- зебоипарастӣ.

Қадамҳои иҷро намудани усул:

- интихоб намудани мавзӯи лоиҳа;
- ҷамъ ва коркард намудани ахбор дар вақти омӯхтани адабиёт (маълумотнома, маҷалла, рӯзнома, китобҳо, таблиғот ва ғайра);
- банақшагирӣ, баҳисобгирии ҷиҳати иқтисодӣ,
- ташкил ва иҷрои лоиҳа;
- баҳодиҳӣ ба сифати иҷрои кор;
- ҳимояи лоиҳа.

Қадамҳои иҷро намудани лоиҳаро ба се давра (Давраи ташкилӣ-омодагӣ, давраи технологӣ, давраи хотимавӣ) тақсим намудан мумкин аст:

| **Давраи ташкилӣ-омодагӣ** |
|---|
| **Ҷустуҷӯи муаммо** |
| Интихоби лоиҳа ва асосноккунии технологӣ-иқтисодӣ.<br>Интихоб ва таҳлили сохт.<br>Талабот ба сохт ва маводҳо.<br>Имконияти тайёр кардан ва дастрас намудан.<br>Тартиб додани нақшаи тайёр кардани маҳсулот.<br>Таҳлили кори дарпешистода.<br>Ташкили ҷойи кор. |
| **Давраи технологӣ** |
| Иҷро кардани амалиёти технологӣ.<br>Риоя кардани шартҳои бехатарӣ ва маданияти меҳнат. |
| **Давраи хотимавӣ** |
| Назорати маҳсулот.<br>Таҳлили натиҷаҳо. |




Қадами аввалин дар роҳи лоиҳакашӣ-интихоб ва асосноккунии лоиҳа мебошад. Мавзӯи лоиҳа баъди омӯхтани талабот ба ин ё он маҳсулот, имконияти истеҳсол кардан ва мавҷуд будани мавод ва ғайра интихоб карда мешавад.

Зинаи оянда ин раванди тарҳрезии маҳсулот мебошад. Дар ин ҷо конструксияҳои дар китобу маҷаллаҳо овардашударо истифода бурдан, ба онҳо тағйирот дохил кардан, ё ягон конструксияи нав фикр карда баромадан мумкин аст. Дар рафти тарҳрезӣ барои тасвир кардани маҳсулот мушкилиҳо дучор омадан мумкин аст. Ин қисми лоиҳаро дар дарсҳои расмкашӣ бо ёрии муаллим иҷро кардан мумкин аст. Инчунин роҳҳои гуногуни нусхабарории расмҳоро низ метавон истифода кард.




Самти дигари давраи ташкилӣ-омодагӣ ин ба нақша гирифтани технологияи тайёр кардани маҳсулот, коркарди раванди технологӣ мебошад.




Ин марҳала фаъолиятест, ки дар раванди технологӣ пешбинӣ карда шудааст. Ҳамчунин иҷрои кор риояи маданияти технологӣ ва меҳнатиро тақозо мекунад.

Назорати охирин ва озмоишии ашёи лоиҳашударо дар бар мегирад. Ҷанбаҳои рекламавии лоиҳа иҷро карда мешаванд, ҳисобу китобҳои иқтисодӣ ба амал оварда мешаванд, арзиши аслии маснуот муайян мегардад, роҳҳои имконпазири фурӯхтани маснуот пешниҳод карда мешаванд. Ҳимояи лоиҳа аз рӯйи ҳамаи давраҳо мегузарад. Ба ҳимоя бояд асосноккунии лоиҳа, ҳуҷҷатгузории техникӣ, таблиғоти рекламавӣ, ҳисобу китоби иқтисодӣ ва худи маҳсулот пешниҳод карда мешаванд. Хонанда бояд аввал худаш ҷиҳатҳои мусбат ва манфии лоиҳаро пешниҳод кунад.

Ҳимояи лоиҳа дар намуди баромад дар назди тамоми синф бо намоиши маснуот гузаронида мешавад. Хонанда бояд барои ҷавоб додан ба ҳамаи саволҳои ба лоиҳа вобастабуда омода бошад.

Намуна.

Лоиҳаи эҷодӣ: «Ҳамёни телефони мобилӣ»





Асосноккунии лоиҳа

Чи хеле ки ба мо маълум аст, телефонҳои дастӣ бисёранд ба монанди Nokia,LG,Samsғng ва ғайраҳо, ки онҳоро одатан истифода мебаранд, бевосита ҳам дар кӯчаву бозор, дар хонаву нақлиёт, дар мактабу донишгоҳҳо берун аз дарс боҳамдигар гуфтугӯ мекунанд.

Ҳамааш бисёр хуб, лекин барои қулай шудан ва бо худ ҳамроҳ гирифта гаштани телефон халтача лозим аст. Ман қарор додам, ки мустақилона ин ҳамёнро созам.

Тарҳи ҳамёни телефони мобилиро мустақилона худам тартиб додам. Баъди сохтани ҳамёни телефон санҷиш гузаронидам. Маълум шуд, ки ин телефон бисёр кулай мебошад, зеро ки он дар гардан овезон буда, ба корҳо халал намерасонад ва аз ҳама муҳимаш зебо ва телефонро аз зарб хӯрдан муҳофизат мекунад.

Барои сохтани ҳамёни телефон маводи кам харҷ мешавад вале фоидаи калон дорад.

Ба хонандагон супориш дода мешавад, оид ба намудҳои ҳамён аз ҷурналҳо ва китобҳо мутолиа намоянд ва ба хулосае биёянд, ки ҳамёни интихобшуда холиби диққат аст.

Санъати ҳунарҳои миллии мардуми тохик аз давраи қадим тараққӣ кардааст. Омӯхтани ҳунарҳои миллии ҳар як халқ барои ҳамаи касоне, ки бо таърих ва маданияти он халқ шинос шудан мехоҳанд, бояд тамаддуни фарҳанги гузаштаро донанд. Баробари ҳунарҳои миллӣ бофандагӣ, ҳунарҳои дӯзандагӣ ва санъати кашидадӯзию зардӯзӣ мақоми худро дошт.

Чи хеле ки маълум аст, дар тӯли ҳазорсолаҳо барои нигоҳ доштани тангаҳои пул маснуотҳои гуногунро истифода мебурданд, монанди ракушка, борхалтаҳо, ки аз гулӯяш бо ресмон тугун карда мешуд, лаълиҳои махсус, сангҳои ковокдошта ва ғайра, ки дар хона нигоҳ дошта мешуд. Дар вақти аз хона берун рафтан мардҳо пулро ба сарпӯшҳо, дар мӯзаҳо нигоҳ медоштанд. Занҳо бошанд дар чин-чини либос нигоҳ медоштанд. Баъзан тангаҳоро ҳамчун гарданбанд ба гардан ороиш медоданд, якумин ҳамёнҳо ба борхалта монандӣ дошт, ки маводҳои заруриро дар он хо нигоҳ медоштанд монанди ойнача, шонача, калид, пул ва ғайра.

Ориёиҳо ва вавилониҳо вазифаи ҳамёнро аз халтачаҳои пӯстдор, ки дар миёнбанд хойгир мекарданд истифода мебурданд. Римигиҳо ба шакли ҳамён дигаргунӣ дароварда, ҳамёнро бо ороишотҳои гуногун коркард мекарданд. Баъдтар ҳамёнҳо ба шаклҳои лифофа монандӣ дошт, ки онро «Омонёр» меномиданд. Он ба ду қисм худо мешуд, дар қисми аввал пулҳои калонро нигоҳ медоштанд. Дар қисми дигари ҳамён пулҳое, ки барои садақа чудо карда мешуд, нигоҳ дошта мешуд.

Аз асри XVI-XVII ҳамёнҳоро занҳо дар миёнбандашон дар таги либоси болоии доман нигоҳ медоштанд. Ба ғайр аз танга дар он китобчаҳои дуо, мактубҳои ошиқонаашонро нигоҳ медоштанд. Дар аввалҳои асри XVII мардҳо ҳамёнро қариб, ки истифода намебурданд. Аз сабаби он, ки мардҳо шим мепӯшиданд ва дар шим ва нимтанаи онҳо кисаҳои дарунӣ, берунӣ дӯхта мешуд.

Дар охири асри XVII якумин бор барои мардҳо ҳамёни кисагӣ пайдо шуд. Аз ҳамон давра ҳамёнҳоро бо намудҳои гуногун оро медоданд, ба таври кашидадӯзиҳои

гуногун, шабаҳои шишагин, мӯлчоқ, сангҳои қиматбаҳо ва кристаллҳои Сваровский (Swaқovsқi) дастидӯхт оро медоданд. Танҳо дар асри XX ҳамёнҳоро аз истеҳсолот мебаровардагӣ шуданд. ҳоло ҳамёнҳоро танҳо барои гузоштани тангаҳои калон, пулҳои қоғазӣ, калидҳои хона ё мошин, кортҳои кредитӣ ва махсус барои телефонҳои мобилӣ истифода мебаранд.

Нақшу нигор аз лотинӣ «арнаментум» ороиш додан мебошад.

Дар эходиёти халқӣ нақшу нигор мавқеи муайянро ишғол мекунад. Тарз ва усулҳои тартиб додани он мунтазам устувор гардиданд, ки асоси анъанаҳои расму русуми оини миллатҳоро муайян мекунад.Дар гулдӯзии тоҷикон ҷиҳак – шероза мавқеи муҳим дорад, он хузъи худонашавандаи либоси занона, мардона, бачагона дар пойхома ва каллапӯшҳо буда, бо он ашёи хурди ороиширо низ зиннат медиҳанд.

Нақши хиҳак хеле рангоранг мешавад, асосан нақшҳои ҳандасавӣ (геометрӣ) маъмуланд. Инчунин тасвирҳои ҳайвонот, парранда, растанӣ ва нақшҳои ислимӣ вомехӯранд.

Барои дӯхтани хиҳак аввал асоси онро интихоб бояд кард. Онро дар дастгоҳҳои хиҳакбофии махсус мебофанд. Баъди интихоби асоси хиҳак ба он нусха ё нақши муайянро интихоб менамоем. Намуди гулдӯзӣ дар матоъҳое медӯзанд, ки торҳои ресмони онҳо дар вақти дӯхтан якдигарро мебурад. Гули ин гуна кашида аз нақшҳои ҳандасавӣ, хатҳои росту дарозу кӯтоҳ иборат аст. Ин гуна гулдӯзиро ироқӣ меноманд.

Мисол: гули садбарг ва барги онро бо илова намудани нақшҳои геометрӣ ё нақшҳои гуногуни интихобӣ медӯзем.

Анъанаҳои санъати кашидадӯзӣ мунтазам тараққӣ мекунад. Дар асрҳои XIV-XVII либосҳои ҳаррӯзаи бо кашидадӯзӣ оро додашуда васеъ паҳн шудаанд. Усулҳои кашидадӯзӣ аз гул ва рангҳои дар он мухассамшуда аз авлод ба авлод гузашта, такмил ёфта, намунаҳои такрорнашаванда пайдо мекард.

Нақшаи тайёр намудани маснуот: ҳамён




Асоси ҳамён Дастбанди ҳамён

Харитаи технологӣ

Пайдарҳамии кор

1. Интихоби асоси чиҳак ва ришта;







2. Интихоби нақшунигор (Риштаҳои мӯина ва ё абрешим 3 қабатро истифода баред);

3. Дӯхт бо тарзи кӯки зарбӣ аввал рангҳои зангораи якхела (барои барг ё шоха ва шаклҳои ҳандасавӣ);





4. Дӯхтани асоси гулҳо бо рангҳои мувофиқи нақш интихобшуда;

5. Гулҳо ба равиши уфуқӣ ва ба як тараф уреб дӯхта мешавад.

6. Баъд бо равиши амудӣ дӯхта мешавад. Кӯкҳо аз поён ба боло то охири нақш дӯхта, сӯзанро ба тарафи чаппааш ба асос мегузаронем.
7. Технологияи коркарди ба ҳам пайвасти қисмҳои чиҳакҳои тайёршуда аз рӯйи андоз бо навбат;
8. Интихоб кардани чехоли ҳамён аз матои пахтагин;
9. Буридани чехоли ҳамён аз рӯи андозаи нақшаи ҳамён;




10. Ба ҳам пайвастани қисмҳои хузъҳои чехол бо кӯки дастӣ;
11. Ба дохили ҳамён гузоштани чехоли ҳамён;
12. Коркарди ангула ва пайвастани он ба асос;
13. Пайвастани хузъҳои дастбанди ҳамён аз хиҳакҳои борик ва асос;






Эзоҳ: Пеш аз он ки қисмҳои ҳамёнро хамъ намоем, қади ҳамён ва барашро муайян мекунем ва мебурем.

Матои пахтагинро аз рӯйи андозаи додашуда барои чехоли ҳамён бурида, гирди онро медӯзем. Баъди ҳамён тайёр шудан дастбандро (аз хиҳак) бо андозаи муайяншуда ба ҳамён мепайвандем.

### Асоноккунии маснуот ҳисоби иқтисодӣ

Нархи ҳамёни барои телефони мобилӣ, ки аз хиҳак дӯхта шудааст, ба чунин тарз ҳисоб мекунем.

Асоси хиҳак – 1 дона борикаш 1 сомонӣ, 1 дона васеяш 1,5 сомонӣ. Барои маснуоте, ки мо медӯзем 4 дона, он гоҳ нархи асоси хиҳак

$S_1$ӯ1сх2ӯ2 сом. $S_1$ӯ1,5сх2ӯ3 сом. Sӯ2+3ӯ5 сом.

Нархи риштаи абрешимин 1 тӯбчааш – 0,80 с. ба мо 4 номгӯи ранг кифоя $S_2$ӯ80дх4ӯ3сом.20д. Барои пайвасти хиҳакҳо ғалтаки №40 лозим. Як дона ғалтак 0,50 с. – 100 метр. риштаи сарфшуда 30 метр нархаш 0,25 с.

$S_3$ӯ0,25 сом.

$S_4$ӯ ангӯла занхирак 1 донааш 1 сомонӣ. $S_4$ӯ1сх1ӯ1 сом.

$S_5$ – матоъ барои чехол 1 метраш 2 сом. $S_5$ӯ20 см х 2 ӯ0,40 сом.

**Нархи умумии ҳамён**

Sӯ $S_1$ + $S_2$+$S_3$+$S_4$+$S_5$ӯ 5с+3с,20+0,25с+1с+0,40сӯ9,85 сом.

Аз сабаби он ки мошинаи дарздӯзӣ истифода набурдем, сарфи қувваи барқ ҳисоб карда намешавад.

Ба ҳар як гурӯҳ 1 донагӣ хиҳак тақсим шуда буд, гурӯҳҳо бо тезӣ онро ихро намуданд.

**Ҳисоби иқтисодии ҳамён**

| № | Номгӯи маводи истифода шаванда | Нарх бо (сомонӣ) | Сарфи матоъ барои маснуот | Харохоти маснуот бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чехоли ҳамён аз матои пахтагин | 1мӯ2 с<br><br>бараш 80 см | 20 см | 0,40 с. |
| 2 | Асоси хиҳак | 1 донааш борик – 1 с.<br><br>1 дона ғафс. 1,5 с. | 4 дона | 5 с. |
| 3 | Ришта | 1 тӯбчааш 0,80 с. | 4 тӯбча | 3,20 с. |
| 4 | Занхираки ороишӣ | 1 дона 1 с. | 1 дона | 1 с. |
| 5 | Ғалтак | 1 дона 0,50 с. | 30 метр | 25 дирам |
| **ҳамагӣ:** | **9,85 сомонӣ** | | | |

Ба кори хонандагон назорат намуда, баҳо гузошта мешавад.

Гурӯҳҳо корро ба охир расонида, байни гурӯҳҳо маснуоти дӯхташуда таҳлил карда мешавад.

Таблиғоти рекламавӣ
Халтачаи телефон,
Қулай асту арзон.
Халтачаро бихаред,
Пушаймон намешавед.

Худбаҳодиҳӣ

Гурӯҳҳо ба кори худ ин тарз баҳогузорӣ мекунанд. Шартҳои ихрошударо таҳлил намуда, ба худ баҳогузорӣ менамоянд. Хонандагон месанханд, ки оё лоиҳаи эходӣ ба пурагӣ ихро шуд, аз кори кадом хонанда аҳли синф қонеъ

нест ва инчунин барои дигаргунӣ даровардан пешниҳоди худро медароранд, агар он пайдо гардад.

Дар китоби дарсии технология барои синфи 8 (духтарон). Дар боби асосҳои истеҳсолот дар мавзӯи асосҳои технологӣ тарзи дӯхтани ҳамён дода шудааст. Дар бахши лоиҳаи эходӣ хонандагон ҳунарҳои миллии ниёгонро монанди кашидадӯзӣ, истифода бурда, ҳамён барои нигоҳдории телефонро дӯхтанд. Дар раванди дарс қобилияти эходии хонандагон дар равиши халб кардани онҳо ба фаъолияти тарроҳӣ, кашидадӯзӣ, ихрои лоиҳаи эходӣ мустақилияти онҳоро нишон дод.

Хонандагон метавонанд маснуоти дӯхташударо дар бахши лоиҳаи эходӣ мустақил интихоб намоянд. Вазифаи омӯзгор ба хонанда роҳашро омӯхта ва ба интихоби он ёрӣ диҳад.

Тахрибаи корӣ нишон медиҳад, ки чунин шаклҳо барои таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати таълим дар мактаб як такони бузург хоҳад шуд. Дар муқоиса бо дарсҳои одӣ хонанда дар лоиҳакашӣ маҳорату малака ва истеъдоди ҳунари худро дар тартиб додани лоиҳаи эходӣ инкишоф медиҳад.

Дар китоби дарсии синфи 8 фанни технология (таълими меҳнат) барои духтарон дар лоиҳаи эҷодӣ куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак

Дар натиҷа хонандагон:

✓ Мавзӯъро интихоб, ахборотро ҷамъ ва ғояҳоро ҷамъбаст мекунанд;

✓ Кашидани нақша ва харитаи технологӣ, таблиғи лоиҳа ва ҳисобкунии иқтисодии онро меомӯзанд;

✓ Зарурати лоиҳаи эҷодиро дарк карда, онро мефаҳмонанд;

✓ Мустақилона фикри худро оид ба корҳои эҷодӣ баён мекунанд;

✓ Лоиҳаи эҷодии интихобнамудаашонро иҷро менамоянд.

**Тавсия ба омӯзгор**

Дар вақти кашидани тарҳи маснуот ба талаботи истеҳсолот диққат додан лозим аст. Ҳангоми таҳияи маснуот чунин талаботи асосиро ба назар гирифтан зарур аст.

Ба талаботҳои технологӣ мувофиқ будан, яъне сохтани маснуот дар таҷҳизоти ҳамкорон осон ва сода бе ягон харҷ.

Камхарҷӣ-бохарҷи камтарин сохтан ва дар вақти истифода ё фурӯши технология ба даст овардани фоидаро талаб мекунад. Камхарҷӣ муқобили ҷузъиёт ё маснуоти аниқ мебошад. Чи қадаре ки ҷузъиёт аниқ сохта шавад, ҳамон андоза вақти зиёд, энергия, қувваи одамӣ сарф мешавад ва нархи он қимат мешавад.

Эргономика сохтани чунин маснуотро ба назар мегирад, ки ба одам бо харҷи ками энергия ва ҳаракат хизмат кунад ва истифодаи он қулай бошад.

Бехатарӣ чунин офариниш ва истифодаи маснуотро ба назар мегирад, ки ба фаъолияту зиндагии одам зарар нарасонад.

Экологӣ, яъне сохтан ва истифодаи маснуот бе дигаргуншавии муҳити гирду атроф бошад.

### §3.3. Марҳ***алаи*** омодагӣ ба таҳ***ияи нақшаи дарс. Марҳалаҳои дарс мувофиқи талаботи технологияи таълими фаъол ва нишондоди муносибати салоҳиятнокӣ. Сохтори дарсҳои муаррифии донишҳои нав***

**Супориш:**
1. Шумо ҳангоми банақшагирии дарс дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ кадом нишондиҳандаҳоро ба эътибор мегиред? Фикри худатонро баён созед.
2. Вобаста ба мавзӯъҳои дилхоҳ мушкилоти фардии хонандагонро аз таҷрибаи кории худ муайян кунед.

Омодагӣ ба дарс марҳалаи муҳимми ташкили раванди таълим аст. Омӯзгор бояд ба ин марҳала диққати ҷиддӣ диҳад. Биёед, ҳар як қадами марҳалаи омодагӣ ба дарсро дида мебароем.

Муайян кардани минтақаи инкишофи хонанда. Омӯзгор дар асоси таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи хонандагон (давомот ва баҳоҳои хонандагон, қайдҳо дар дафтари арзёбӣ, мушоҳидаҳо) минтақаи инкишофи хонандагонро аниқ мекунад. Ба саволи "Хонандагон кадом амалро иҷро карда метавонанд ва кадом амалро иҷро карда наметавонанд?" ҷавоб мегардонад. Яъне, хонандагон дар кадом марҳалаи (0, 1, 2, 3 ё 4) ташаккули салоҳият (нигаред ба §2.4) қарор доранд.

Муайян кардани салоҳиятҳое, ки хонандагон бояд ташаккул диҳанд. Ё кадом унсури (дониш, малака, маҳорат) салоҳиятро бояд ташаккул диҳанд.

Муайян кардани мақсадҳои мушаххаси дарс. Мақсадҳои мазкур салоҳиятҳои интихобкардаатонро аз ягон ҷиҳат инъикос мекунанд. Онҳо хеле мушаххасанд (Нигаред ба §2.6). Намуна: дар бораи механизмҳои гуногуни мошинаҳо маълумот дода тавонад; интихобан ягон дастгоҳро таҳлил карда, механизмҳои диҳиш, назорат ва идоракуниро эҷодгорона муайян карда тавонад; дар бораи касби харротӣ маълумот дода тавонад; мушоҳидакориро дар худ ташаккул дода тавонад.

Интихоби маводи таълим. Интихоби кори амалӣ, миқдори супоришҳо, намудҳои корҳои эҷодӣ, аёниятҳо ва амсоли он. Дар ин ҷо, омӯзгор метавонад аз матну мисолҳои китобҳои дарсӣ, маводи ёрирасон, китобҳои бадеӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо истифода барад.

Интихоби усулҳои таълим ва тарзи ташкили кор (дунафара, гурӯҳӣ, мустақилона). Ҳангоми интихоби усулҳои таълим якчанд меъёрро ба эътибор гирифтан зарур аст: (а) тарзи ташкили он осон буда, барои омодагӣ вақти зиёдро нагирад; (б) маводи зиёду серхарҷро талаб накунад; (в) аксари хонандагон онро иҷро карда тавонанд; (г) барои ташаккули салоҳиятҳо мусоидат кунад; (ғ) барои иҷро вақти зиёдро талаб накунад; (д) тартиби иҷрои он мушаххас ва фаҳмо бошад.

Навиштани нақшаи дарс ё силсилаи дарсҳо. Омӯзгор сенарияи дарсро таҳия мекунад. Тартиби ташкили дарсро пайиҳам ба таври мушаххас менависад.

Марҳалаҳои дарс мувофиқи талаботи технологияи таълими фаъол ва нишондоди муносибати салоҳиятнокӣ

Банақшагирии дарс рукни муҳими гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ буда метавонад. Ҳангоми банақшагирии дарс дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ шумо метавонед нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор гиред:

| **Нишондиҳанда** | **Шарҳ** |
|---|---|
| 1.Дар нақшаи дарс салоҳиятҳо аз стандарт (роҳнамо) гирифта шудаанд. | Шумо ба салоҳиятҳое, ки дар нақшаи дарс омадаанд, диққат диҳед. Оё онҳо аз стандарт гирифта шудаанд? |
| 2.Мақсадҳои дарс нишон дода шудаанд ва онҳо ба салоҳиятҳо ва мавзӯи дарс мувофиқанд. Онҳо ба меъёрҳои таҳияи мақсади дарс мувофиқанд. | Мақсадҳои дарс бояд мушаххас, ченшаванда, иҷрошаванда ва ба вақт мувофиқ бошанд.<br>Мушаххасанд: Мақсади таълим бояд мушаххас муайян кунад, ки чиро ба даст меорем ва он набояд умумӣ бошад.<br>Қобили санҷиш: Оё ба мақсади таълим ноил гаштанро санҷидан мумкин аст? Мо набояд мақсадҳои зиёдро бо феълҳои «донистан» ва «фаҳмидан/дарк кардан» истифода барем, зеро чен кардани «донистан» қариб номумкин аст. Барои ҳамин феълҳо бояд амалеро инъикос кунанд.<br>Иҷрошаванда: Мақсади таълимро хонандагони Шумо бо захираҳои (имконияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ) дастрас, инчунин вақти мувофиқ аз худ карда метавонанд. Ҳадаферо, ки бо назардошти маҳдудияти вақт ба он ноил гаштан ғайриимкон аст, нанависед. |

| | |
|---|---|
| 3.Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои дарс бо хонандагон пешбинӣ шудааст. | Дар нақшаи дарс бояд ин унсур дарҷ гардад. Яъне, мақсадҳои дарс ба хонандагон баён мегарданд ва хонандагон ба муҳокимаи онҳо ҷалб карда мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон дар оғози дарс аз натиҷаҳои чашмдошт огаҳ шаванд ва худро барои ноил шудан ба мақсадҳо омода намоянд. |
| 4. Фаъолгардонии дониши заминавии хонандагон, яъне алоқаманд кардани донишҳои пешина бо донишҳои нав дар нақша пешбинӣ шудааст. | Яке аз рукнҳои дарс алоқаманд кардани донишу малакаҳои пешина бо донишҳои наве, ки хонандагон аз худ мекунанд. Инчунин ин қисми дарс барои муайян кардани дониши хонандагон оид ба мавзӯи дарс ёрӣ мерасонад. Асосан ин марҳала тавассути усули ангезиши зеҳн ё муҳокимаи умумӣ гузаронда мешавад. |
| 5.Хонандагон барои дарки проблемаи таълимӣ (чӣ кор карда наметавонанд ва зарурати аз худ кардани он) водор карда мешаванд. | Дар ин марҳалаи дарс ба хонандагон иҷрои амали асосии дарс супорида мешавад. Масалан, барои иҷро намудани пардоз ҳангоми гаҷкорӣ (синфи 6) мушкилӣ мекашанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки онро иҷро кунанд. Дар ин ҳолат онҳо ба мушкилӣ дучор мешаванд ва барои ҳалли он мақсад мегузоранд. Ҳамин тавр проблемаи таълимии дарси мазкурро дарк мекунанд. |

| | |
|---|---|
| 6. Муҳокима ва таҳлили тартиби иҷрои вазифаи таълимӣ бо хонандагон дар нақша инъикос ёфтааст. | Вазифа ё фаъолияти таълимӣ дарки зеҳниро талаб мекунад. Агар хонандагон ба муҳокима ва таҳлили талабот ва тартиби иҷрои вазифаи таълим ҷалб шаванд, онҳо раванди иҷрои амалро азхуд мекунанд ва минбаъд дар иҷрои вазифаҳои монанд истифода мебаранд. Инчунин мустақилона иҷро кардани вазифаи таълимро машқ мекунанд. |
| 7. Кор дар гурӯҳҳои дунафарӣ ва чор (панҷ)-нафарӣ ба нақша гирифта шудааст. | Кор дар гурӯҳҳо яке аз нишонаи тақсими баробари вақт ва имкониятҳои таълимӣ аст. Инчунин кор дар гурӯҳҳо барои фаъол гаштани хонандагон ва машқҳои амалӣ бештару муоширати бевосита мусоидат мекунад. |
| 8. Хонандагон барои таҳлили дастовардҳо ва мушкилот водор карда мешавад. (Чӣ корро иҷро карда метавонанд? Дар куҷо мушкилӣ мекашанд?) | Асосан ин фаъолият пас аз иҷрои вазифаи таълимӣ гузаронда мешавад. Мақсади он дарки раванд ва тартиби иҷрои вазифа аст. Он ба хонандагон имконият медиҳад, ки мушкилоти худро муайян кунанд ва барои аз байн бурдани он кӯшиш кунанд. |
| 9. Фаъолиятҳои ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан ба нақша гирифта шудаанд. | Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки кори худро санҷанд, ғалатҳоро ёбанд ва барои ислоҳи онҳо нақша кашанд. Аз дигарон ёрӣ талаб кунанд. Инчунин хонандагон барои арзёбии фаъолияти таълимии якдигар ҷалб карда мешаванд. Ин амал барои ташаккули салоҳиятҳо ёрӣ мерасонад. |

| | |
|---|---|
| 10. Барои ташаккули салоҳиятҳои дар нақшаи дарс муайяншуда фаъолиятҳои таълимии мувофиқ ба нақша гирифта шудаанд. | Барои ҳар як салоҳияти муайяншуда як ё ду фаъолияти таълимӣ ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки агар дар нақша салоҳияте нишон дода шуда бошад, ҳатман дар рафти дарс фаъолиятҳои таълимии мувофиқ пешниҳод карда шавад. |

Сохтори дарсҳои муаррифии донишҳои нав

Дар поён намунаи сохтори дарс мувофиқи талаботи технологияи таълими фаъол ва нишондоди муносибати салоҳиятнокӣ пешкаш карда мешавад.

**I. Бедор кардани ва**ҷҳиёт (ҳавасмандӣ) ба фаъолияти таълим (лаҳзаи ташкилӣ**) – 1-2 да**қиқа

Марҳалаи мазкури раванди таълим барои ба таври мақсаднок ворид шудани хонанда ба фазои фаъолияти таълимии дарс гузаронда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар ин марҳалаи дарс ваҷҳиёти (ҳавасмандии) хонандагон ба фаъолияти таълим бедор карда мешавад. Аз ҷумла:

- талаботи фаъолияти таълим таъкид мешавад (“бояд”);
- барои пайдо шудани талаботи ботинии хонанда ба фаъолияти таълим шароити мувофиқ фароҳам оварда мешавад («мехоҳам»);
- мавзӯи таълим гузошта мешавад («метавонам»).

Шаклҳои кор:

- омӯзгор дар оғози дарс ба хонандагон таманниёти нек гуфта, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ба ҳамдигар суханҳои нек гӯянд:
- омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки лаҳзае фикр кунанд ва гӯянд, ки барои кори самаранок чӣ ба онҳо лозим мешавад;
- муайян кардани шиори рӯз (“Ҳафт бор чен кун, як бор

бур", "Меҳнат кунӣ-роҳат бинӣ", "Меҳнат-шараф аст!»...)

**II. Фаъолгардон**ӣ ва муайян кардани мушкилоти фардии хонандагон дар иҷрои фаъолияти озмоишии таълим – 4-5 дақиқа

Мақсад: фаъолгардонии дониши заминавӣ (такрори маводи таълимии азхудкарда), ки барои "кушодани донишҳои нав" заруранд; муайян кардани мушкилоти ҳар як хонанда дар иҷрои фаъолияти таълим.

Пайдоиши вазъияти проблеманок (проблемагузорӣ)

Усулҳои гузоштани проблемаи таълимӣ:

- водорнамоӣ, ташкил намудани муколама;
- воситаи ҳавасмандгардонӣ «лаҳзаҳои гуворо».

**III. Гузоштани вазифаи таълим**ӣ – 4-5 дақиқа

Мақсад: муҳокимаи мушкилот (Барои чӣ мушкилот пеш омад? Мо боз чиро намедонем?)

Дар марҳилаи мазкур омӯзгор барои муайян кардани ҷой ва сабаби сар задани мушкилоти таълимӣ шароит фароҳам меорад.

Барои ин хонандагон бояд:

- аз сари нав дида баромадани тарзи иҷрои вазифа ва ба қайд гирифтани он (шифоҳӣ, амалӣ ва хаттӣ ё рамзӣ) ҳар як қадами вазифа, раванд ва дар куҷо мушкилот пайдо шуд;
- муқоиса кардани амалҳои худ бо тарзи иҷрои амал (алгоритм, тартиб, мафҳум ва ғайра) ва дар асоси ин муайян кардан ва ба қайд гирифтани сабаби мушкилот – яъне, камии дониш, малака ва маҳорати мушаххас, ки барои ҳалли вазифаи таълимӣ ва вазифаҳои ба ин монанд, заруранд.

**IV. Шиносо**ӣ бо донишҳои нав (тартиб додани нақшаи ҳалли мушкилот) – 7-8 дақиқа

Дар марҳалаи мазкур хонанда тавассути воситаҳои коммуникативӣ нақшаи амалҳои таълимии минбаъдаро тартиб медиҳад: мақсад мегузоранд (дар ин ҷо мақсад ҳалли мушкилоти пайдошуда мебошад), мавзӯи дарсро

мувофиқат мекунанд, роҳу усулро муайян мекунанд, нақшаи ноил гаштан ба мақсадро тартиб дода, воситаҳоро муайян мекунанд – тартибҳо, қолабҳо ва ғайра. Ин равандро омӯзгор роҳбарӣ мекунад: дар қадами аввал бо саволҳои роҳнамоикунанда, сипас бо саволҳои водоркунанда ва дар охир тавассути усулҳои таҳқиқотӣ.

**V. Муста**ҳкамкунии аввалия – 4-5 дақиқа

Мақсад: баёни дониши нав тавассути муҳокимаи умумӣ, кори дунафарӣ, шарҳдиҳӣ, рамзгузорӣ.

**VI.** Кори амалӣ**/эҷодӣ, дастурдиҳии ҷорӣ, кори мустақилона.** Худбаҳодиҳӣ дар асоси қолаб (намуна) – 15-20 дақиқа.

Ҳар як хонанда бояд ба хулосае ояд, ки ӯ чӣ дорад? Чиро медонад ва метавонад?

Барои ин, хонандагон як кори амалӣ/эҷодии мустақилонаи хурдро иҷро мекунанд (2-3 супоришҳои намунавӣ). Худназоратӣ, худбаҳодиҳӣ.

**VII. Илова намудани дониш**ҳои нав ба системаи донишҳо ва такрор - 7-8 дақиқа.

Аввал ба хонандагон вазифаҳои таълимие пешниҳод мегарданд, ки тартиби нави иҷрои амалиёт ё мафҳумҳои нав доранд. Сипас вазифаҳое супорида мешаванд, ки донишҳои нав якҷоя бо донишҳои пешина истифода мегарданд.

**VIII. Му**ҳокима ва таҳлили (рефлексия) фаъолияти таълими дарс (ҷамъбаст) – 2-3 дақиқа.

Мақсад: хонандагон фаъолияти таълимии худро дарк мекунанд, ба натиҷаҳои таълимии худ ва аҳли синф баҳо медиҳанд (арзёбии ташаккулдиҳанда).

**Саволҳо:**

- Дар дарс кадом вазифа гузошта шуда буд?
- Вазифаи гузошташударо ҳал карда тавонистем?
- Чӣ тарз?
- Ба кадом натиҷаҳо ноил гаштем?
- Боз чӣ кор кардан зарур аст?
- Донишҳои навро дар куҷо истифода бурдан мумкин

аст?

- Дар раванди дарс кадом корро ба хубӣ иҷро кардед?
- Кадом корро бояд бештар машқ кунед? ва ғайра.

§3.4. **Таҳияи лаҳзаи дарсҳои *намунавӣ ва муаррифии он бо назардошти*** қ***исмати методик***аи таълим. Навиштани нақ***шаи дарс дар асоси дастур***ҳ***ои мушаххас***

**Супориш:**

1.Муаммои таълими ҳамгироро шарҳ диҳед. Оё технология (таълими меҳнат) бо дигар фан ҳамгиро шуда метавонад? Фикри худро баён созед.

2.Мувофиқи дастури 14 мақсадҳои дарс муайян карда шавад.

Тартиби навиштани нақшаи дарсро дар шакли дастур пешниҳоди шумо мегардонем. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дарсро мувофиқи талаботи муносибати салоҳиятнокӣ ба нақша гиред.

**Дастури 1.** Боварӣ ҳосил кунед, ки рӯйхати салоҳиятҳои фаннатонро доред.

**Дастури 2.** Моҳияти таълими салоҳиятнокиро бори дигар ба хотир оваред: Дар муносибати салоҳиятнокӣ асос ташаккули малакаҳо аст. Ташаккули малакаю маҳоратҳо тавассути машқ (таҷриба) кардани ягон амал аст.

**Дастури 3.** Саҳифаи мувофиқро кушоед. Рӯйхати салоҳиятҳои фанни таълимиро кушоед. Салоҳиятҳоро хонед:

**Масалан:**

8.1.1. Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;

8.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад;

8.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад;

8.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад;

8.5.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

Дастури 4. Талаботи салоҳиятҳоро аниқ созед. Масалан, салоҳияти 8.1.1. Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад; Асосан дар синфи ҳаштум мо ба малакаи истифода бурдани миқдори гуногуни воситаҳои технологӣ ва мувофиқи мавзӯъ сухан гуфтани хонандагон диққат медиҳем. Салоҳияти 8.2.1. бошад, дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад. Яъне, хонанда кадом навъи стратегияи гуфторро истифода мебарад: нақл, гузориш, муаррифӣ, монолог, боваркунонӣ, саволдиҳӣ ва ғайра. Салоҳияти 8.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад. Хонанда фикру ақидаашро дар қолабҳои гуногун баён карда метавонад. Салоҳияти 8.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад. Яъне, хонанда дар бораи касбҳои гуногуни соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ маълумот медиҳад. Салоҳияти 8.5.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Дастури 5.** Дарси интихобкардаатонро хонед. Мавзӯи асосии дарсро муайян кунед.

Намунаи 1. Таълими технология барои писарон (синфи 5).

Тунукаро ба воситаи қайчиҳои дастии челонгарӣ (расми 65 а-б) мебуранд. Вобаста ба шакли дам ё худ тег қайчиҳо ду хел мешаванд: рост (расми 65 а) ва кач (расми 65 б).




*Расми 65. Қайчиҳои дастӣ ( а, б) ва газанбури симбурӣ (в).*

Қайчиҳои рост барои буридани тунука аз рӯи хати рост ва хати кач ва қайчиҳои кач барои буридани сӯрохиҳои махсус хизмат мекунанд. Қайчиҳои тезкардашуда ва танзимкардашуда бояд когазро ҳам буранд.

Тунукаро бевосита дар рӯи миз (расми 66 а) ва дар шиканҷа буридан мумкин аст (расми 66 б).

Дар вақти буридан дами қайчиро айнан аз рӯи аломати гузошташуда равон мекунанд ва тунукаро оҳиста ба боло ва поён ҳаракат медиҳанд.




*Расми 66. Буридани тунука бо қайчӣ: а – дар рӯи миз ва б – дар шиканҷа.*

бурҳои симбурӣ аз даста (баъзан дастаҳояшон рӯпӯши пластмассавии ҳарранга доранд) ва лабҳои буранда иборатанд. Теғ ё худ дами лабҳои буранда, ки тез карда шудаанд, ба пешвози ҳамдигар ҳаракат карда, симро бо андаке фишори ангуштони даст мебуранд.

Баъд аз буридани тунука ё сим ҷои буридашуда тез мемонад ва дар ҳолати андаке беэҳтиётӣ дастро мехарошад ва ё хуншор мекунад. Бинобар ин баъди буридан ҷойи буридашударо рост мекунанд, тоза мекунанд, кунҷҳои тезашро кунд мекунанд ва андозаҳоро бо андозаи дар нақша нишондодашуда муқоиса мекунанд.

Дар заводҳо барои буридани тунука ва навардҳои металлии кутрашон калон қайчиҳои механикӣ истифода бурда мешаванд. Онҳо ду намуд доранд: гилотинӣ ва чархӣ (расми 68).

Буридани металл ба воситаи қайчии гилотинӣ айнан монанди буридан ба воситаи қайчии дастӣ мебошад. Дар қайчиҳои чархӣ бошад, металл бо дами тези чархи гардон бурида мешавад.

Металлро дар корхонаҳо бурандагони металл мебуранд. Онҳо бояд сохти қайчиҳои металлбуриро хуб донанд, аз рӯи нақша аломат гузошта тавонанд, хосияти металлҳо ва хӯлаҳои гуногунро хуб донанд.

**?!**

**1.Ба дасте, ки бо он тунука ё симро медоред, хатман дастпӯшак пӯшед.**
**2.Қайчӣ бояд дар шиканҷа дуруст маҳкам карда шавад.**
**3.Дастро ба дами қайчӣ ё анбури симбурӣ наздик надоред.**
**4.Ба каси дигар қайчӣ ё анбури симбуриро бо тарафи дастааш диҳед ва дар рӯи миз дастаи онҳоро ба тарафи худ гузоред.**
**5.Агар бо анбури симбурӣ порчаи кӯтоҳи симро буриданӣ бошед, пас қисми буридашавандаро ба тарафи симтӯри муҳофизатӣ равон кунед.**

Намунаи 2. Таълими технология барои духтарон (синфи 5).

**Ҳангоми иҷрои кор ба тарзи истифодаи корд, ба бехатарии он ва асбобҳои гармибахш, қоидаҳои беҳдошту беҳдор риоя карда, мувофиқи харитаи дастурдиҳию расмҳои зерин амал намоед.**

**Бехмеваҳо (картошка, бехпиёз, сирпиёз, сабзӣ, лаблабу, шалгам, шалгамча, турб ва ғайра)-ро аз ифлосиҳо тоза карда, баргу пояи зиёдатиро бурида мешӯем, пӯсташро мегирем, баъди пӯст кандан бори дигар мешӯем.**

**Кабудиро аз алафи бегона ҷудо карда, ҷойи нолозимашро бурида партофта, тоза шуста, болои сачоқ гузошта, обашро таровондан лозим аст.**

**Ҳар намуди сабзавотро ба таври махсус пора мекунанд. Масалан, бехпиёзро дар шакли ҳалқачаҳо, сабзиву картошкаро дар шакли доирачаҳо, тилимчаҳо, наргисӣ, ба намуди гулҳо, ситорача ва ғайра.**

**Тарзи реза кардани сабзавот ва оройиши он. Сабзавот барои оройиши хӯришу таомҳои дигар фаровон истифода мешавад.**



*а)* *б)*

*Расми 8. Тартиби реза кардани сабзавот: а) асбобҳои сабзаветоракунӣ; б) шаклҳои резакунии сабзавот.*

**Бехпиёз ё дигар навъҳои сабзавоти мудавваршаклро гирифта мешӯем ва агар лозим бошад, пӯст мекунем ва аз мобайн чуқур бо хатҳои дандонадор мебурем. Сабзавоти буридаро ду қисм мекунем, ки ниҳоят шакли гул мешавад.**

Растаниҳои буттагӣ ҳам барои оройиш хеле мувофиқанд. Пиёзи сабзро халқавор бурида, ба ду ҳисса тақсим мекунем ва ба паҳлу ё болои хӯриш гузошта, ҳар ҷо - ҳар ҷо гулҳои аз бехпиёз, шалғамча ё помидор тайёрнамударо мегузорем, аз болояш кабудии резакарда мепошем. Дар оройиши хӯриш аз тухм низ хуб истифода мебаранд.

## Хӯришҳо

Хӯриш аз як ва ё чанд намуди сабзавоти тару тоза тайёр мешавад.

Дар тайёр кардани хӯришҳои омехта баробари сабзавоти тару тоза сабзавоти пухта, гӯшту тухми обҷӯш, чакка, наҳӯди сабз ва ғайраро истифода мебаранд.

Сабзавоти обпаз барои тайёр намудани хӯриш зарур аст. Онро бо пӯсташ пухта ва алоҳида-алоҳида реза карда, баъд бо дигар маҳсулот омехтан лозим аст. Дар акси ҳол хӯриш зуд турш мешавад. Барои тайёр кардани хӯриши омехта сабзавотро дар шакли чоркунҷаҳо ва тилимчаҳои ҳаҷмашон 1 см пора мекунанд.

Хӯришҳои сабзавотии тару тозаро андаке пеш аз истеъмол бояд тайёр кард. Одатан, хӯришҳоро бо ҳар хел кабудӣ, помидору бодиринги ба шаклҳои гуногун бурида оро медиҳанд.

Дар тайёр кардани таому хӯришҳо адвиёти гуногунро истифода мебаранд. Миқдори муайяни адвиёт хӯриш ва таомроболаззату хушбӯй ва хуштаъм мекунад. Адвиёт барои хӯришу таом инҳоанд: намаки ошӣ, мурчу қаламфур, қаламфури тунд, сирко, барги дарахти ғор, зира, зирк, кабудиҳо (кашнич, пиёзи кабуд, шибит, пудина, наъно ва ғайра).

Пеш аз сар кардани кор ба истифодаи косаю табақҳо ва дар вақти иҷрои кори амалӣ ба қоидаҳои техникам бехатарии кор бо корд ва асбобҳои тез, инчунин ба қоидаҳои беҳдошту беҳдор (санитарию гигиенӣ) аҳамият диҳед.

Косаву табақ ва дигар зарфҳои барои тайёр кардани хӯриш ва пухтану истеъмоли хӯрок истифодашударо дарҳол бояд шуст. Аввал пиёлаю чойник, табақчаҳои хӯриш (хӯришдон) ва баъд зарфҳои равғаниро шустан матлуб аст. Зарфҳои широлуд ва моҳиолудро пеш аз шустан бо оби хунук обгардон кардан лозим аст. Зарф ё дегҳои тагашон гирифтаро бо оби гарм тар карда, муддате нигоҳ дошта, баъд шӯед.

**Дастури 6**. Мавзӯи маънавӣ намунаи дарси болоро “сарфакорӣ” гуфтан мумкин аст. Мавзӯи мазкурро шумо метавонед ба “риоя накардани қоидаҳои муқарраршуда” нисбат диҳед.

**Дастури 7**. Агар дарс ҳамгиро  бошад, шумо бояд ду проблемаи таълимро муайян кунед.

1.Фаъолгардонии дониши базавӣ (ё проблемагузорӣ). Савол: Ба фикри шумо нақшаи маснуот бе андозаи муайян кашида мешавад ё не? Чаро? Як дақиқа фикр карда, ақидаатонро ба ҳамнишинатон гӯед.

Бо ин шумо хонандагонро барои дарк кардани мавзӯи асосии дарс омода мекунед, онҳоро ба дарс ҳавасманд мегардонед.

**Дастури 8.** Акнун ба салоҳиятҳои хондан диққат диҳед. Ҳар як салоҳиятро хонед ва талаботи онҳоро аниқ созед.

7.1.1. Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.

7.2.1.  Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад.

7.3.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад.

7.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал  татбиқ карда метавонад.

Салоҳияти 7.1.1. Истифодаи воситаҳои технологиро ҳангоми иҷрои амалҳо талаб мекунад. Ин салоҳият дар худ чунин унсурҳоро дорад: таҳлили қисмҳои воситаҳои технологӣ, риоя намудани қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ ва бехатарии меҳнати воситаҳои техникӣ, истифода бурдани воситаҳои технологӣ вобаста ба объекти меҳнат ва амсоли он.

Салоҳияти 7.2.1.  Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи нав эҷод карданро талаб мекунад. Яъне, дар асоси аз худ кардани маводи нав, эҷодкорона тартиб додани ангора, амсилаи маснуот, дуруст истифода бурдани харитаҳои технологӣ, лоиҳаи эҷодии худро тартиб дода тавонад, савол гузошта оид ба масъалаи мазкур фикру андешаи худро баён карда тавонад, таҳлилу арзёбӣ намуда, ба кори худ ва дигарон баҳо дода тавонад, сабабу натиҷа ва амсоли онро

муайян карда тавонад.

Салоҳияти 7.3.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумотро талаб мекунад. Яъне, хонанда мазмуни мавзӯи нав ва корҳои амалии иҷрокардаи худро мефаҳмад ва ба касбу кори гуногун алоқаманд карда метавонад ё не. Асосан ин тавассути дар асоси мазмуни матн ва супоришҳои амалӣ саволу ҷавоб кардан ба роҳ монда мешавад. Саволҳо бояд дараҷаҳои гуногун дошта бошанд.

Салоҳияти 7.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карданро талаб мекунад. Яъне, хонанда ҷиҳатҳои тарбиявии ҳар як мавзӯъро дарк карда, онро дар ҳаёт татбиқ карда метавонад. Масалан: тарбияи меҳнатӣ, қадр кардани кори худ ва дигарон, қадр кардани одамони меҳнаткаш, тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи иқтисодӣ, сарфакорӣ ва ғайраҳо.

Дастури 9. Ба саволи "Кадом ин салоҳиятҳоро дар ин дарс ташаккул доданӣ ҳастам?" ҷавоб гардонда, салоҳиятҳоро интихоб намоед.

Дастури 10. Салоҳиятҳои навиштанро таҳлил кунед. Талаботи салоҳиятҳоро муайян кунед.

5.1.1. Баъзе воситаи технологиро ба таври сода истифода бурда метавонад;

5.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад;

5.3.1. Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;

5.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад.

Салоҳияти 5.1.1. Баъзе воситаи технологиро ба таври сода истифода бурда метавонад. Яъне, хонандагон воситаи технологиро ба таври сода дар ҷараёни дарс истифода бурда тавонад. Риоя намудани қоидаҳои техникии бехатарӣ ҳангоми истифодаи воситаҳои технологӣ. Воситаҳои технологиро шиносад ва аз ҳамдигар фарқ карда тавонад. Дар бораи воситаҳои технологии муосир маълумот дошта бошад.

Салоҳияти 5.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда, ангораҳои нав тартиб диҳад, кори лоиҳаи эҷодиро мустақилона иҷро карда тавонад, эҷодкорона харитаи технологиро тартиб дода тавонад ва ғайра.

Салоҳияти 5.3.1. Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад. Доир ба алоқамандии байни касбҳо маълумот дошта бошад. Мувофиқи номгӯйи касбҳо дар бораи вазифаҳои онҳо маълумот дошта, тасаввурот дошта бошад. Оид ба касбҳои мобилӣ маълумот дошта бошад.

Салоҳияти 5.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад. Масалан: дида тавонистани зебоӣ, зебоипарастӣ, дуруст интихоб намудани объекти меҳнат аз ҷиҳати зебоӣ, намуди зоҳирӣ, дизайн, интихоби ранг, ороиш ва истифодаи маснуот.

Дастури 11. Сипас дар мавзӯи намудҳои дарз ва кӯкҳо ба кӯкҳо ва сифати иҷрои кор диққат диҳед. Ба онҳо фаҳмонед, ки он ба салоҳияти 5.1.1., ва 5.2.1. мувофиқ аст. Яъне, хонандагон мувофиқи талаботи иҷрои дарз ва кӯкҳоро метавонанд. Барои ин дар нақшаи дарс бояд бори дигар проблемагузорӣ ба роҳ монда шавад. Қадамҳои минбаъда, ки барои пайдо шудани проблемаи таълимӣ замина мегузоранд, ёрӣ мерасонанд. Аз ҷумла:

1. Кори амалӣ. Намудҳои дарз ва кӯкҳоро номбар кунад ва амалан тарзи яке аз дарзҳоро нишон диҳад. Дарз ва кӯкҳо: дарзи одӣ, нусхагирӣ, дарзи печон, кӯки зарбӣ, дарзи қаткунӣ кӯки чин-чин ва ғ. (Салоҳияти 5.1.1; 5.2.1; 5.3.1; 5.4.1.)

2. Кори дунафарӣ. Санҷиши дарзу кӯкҳо. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дарзу кӯкҳои иҷрошудаи якдигарро санҷанд, ғалатҳоро муайян кунанд. (Салоҳияти 5.1.1; 5.2.1; 5.3.1; 5.4.1.)

3. Кор бо ғалатҳо. Агар хонандагон кӯкҳоро нодуруст дӯхта бошанд, ҷойи камбудиҳо нишон дода шавад. Шакли дурусти иҷрои онро бо хонандагон якҷоя муҳокима кунед. Диққати хонандагонро ба тарзи иҷрои дурусти кӯк ва дарзҳо

равона кунед. Таъкид кунед, ки кӯк ва дарзҳо баробар дӯхта шавад, чок ва дарзҳо кашиш нахӯрад, шинаму зебо иҷро карда шаванд, масофаи байни дарзҳо якхела ва мустаҳкам бошанд. (Салоҳияти 5.1.1; 5.2.1; 5.3.1; 5.4.1.)

4. Машқи иловагӣ. Бозии “Кӣ зудтар!” (Бинго). Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳо: дарзи одӣ, нусхагирӣ, дарзи печон, кӯки зарбӣ, дарзи қаткунӣ, кӯки чинчин. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар ҷадвали чорхонадор кашанд. Дар дохили ҳар як катак як калимаро (оид ба намудҳои кӯку дарз) аз тахтаи синф интихоб карда, нависанд. Шумо калимаҳоро интихобан хонед. Агар хонандагон дар ҷадвалашон ин калимаро навишта бошанд, онро хат мекашанд. Хонандае, ки пас аз хондани шумо ҳамаи калимаҳоро хат мекашад, ғолиб шуда, ба ҷойи шумо даври дигари бозиро мегузаронад. (Салоҳияти 5.1.1; 5.2.1; 5.3.1; 5.4.1.)

5. Қоидаи техникаи бехатарӣ: Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди иҷрои корҳои амалӣ техникаи бехатарии кор бо асбобҳои дӯзандагӣ (сӯзан, қайчӣ, мошини дарздӯзӣ, дарзмол ва ғайра)-ро риоя кунанд. (Салоҳияти 5.1.1.)

Дастури 12. Ба омӯзгорон фаҳмонед, ки барои арзёбӣ мо бояд рӯйхати салоҳиятҳое, ки дар дарс ташаккул доданӣ ҳастем, тартиб диҳем. Ҳангоми дарс ба фаъолияти хонандагон диққат медиҳем. Мувофиқи фаъолият ва натиҷаҳои корашон ба онҳо баҳо мегузорем.

Дастури 13. Акнун дар шакли қолаби дарс нақшаро ҷобаҷо кунед.

**Салоҳиятҳо:**

Салоҳиятҳои (5.1.1; 5.2.1; 5.3.1; 5.4.1.)

➢ Баъзе воситаи технологиро ба таври сода истифода бурда метавонад;

➢ Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад;

➢ Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад.

**Дастури 14.** Муайян кардани мақсадҳои дарс. Барои муайян кардани мақсадҳои дарс бори дигар ҳар як қадами дарсро аз назар мегузаронем. Чунин мақсадҳои дарс таҳия кардан мумкин аст:

Мақсадҳои дарс:

- Дар бораи технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ шарҳ дода метавонад;
- Талабот ба ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳои дарздӯзиро риоя карда метавонад;
- Хусусияти эстетикии дарзҳои дастиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
- Бо дарзҳои дастӣ ғояҳои содаро эҷод менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад;
- Урфу одатҳои миллиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад.

**Дастури 15.** Қадамҳои дарсро пайиҳам дар нақша менависем. Чунин нақша пайдо мешавад.

Мавзӯъ: Технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ – 2 соат

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаи технологиро ба таври сода истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ шарҳ дода метавонад;
- Талабот ба ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳои дарздӯзиро риоя карда метавонад;

- ➢ Хусусияти эстетикии дарзҳои дастиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
- ➢ Бо дарзҳои дастӣ ғояҳои содаро эҷод менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад;
- ➢ Урфу одатҳои миллиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад.

Таҷҳизоти зарурӣ: китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1.Ташкили дарс: Дар ин марҳила корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводи хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Матоъ аз чиҳо таркиб ёфтааст?

2.Оид ба матои катонӣ маълумот диҳед.

3.Хосияти матоъҳои пахтагӣ дар чист?

4.Фарқи байни матоъҳои пахтагӣ аз матоъҳои катонӣ дар чист?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Сӯҳбат оид ба технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ гузаронида, дар бораи таҷҳизот ва асбобу афзорҳои лозимӣ: қайчӣ, сӯзан, сарсӯзан, ангуштпона, дарзмол, тасмаи ченакгирӣ, бӯри дӯзандагӣ, ҷадвал, ҷадвали миқёсӣ, ришта (ресмон), андоза ва тайиноти сӯзанҳои дастӣ, таърихи пайдоиши сӯзан, андозаҳои ангуштпона, иҷрои дарзҳои дастӣ, омода кардани сӯзан ба кор, намудҳои дарзу кӯки дастӣ: одӣ, кӯки нусхагирӣ, дарзи печон, дарзи паси сӯзан, дарзи қаткунӣ, дарзи юрма, кӯки зарбӣ, хомкӯк ва ғ., тарзи дурусти ташкили ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастӣ ва дигарҳо шарҳ дода мешавад.

Барои дӯхтани маснуот таҷҳизот ва асбобу олот: тасмаи ченакгирӣ, сӯзан, қайчӣ, ришта, сӯзанак, ангуштпона ва ғайра лозиманд. Ҳамаи онҳо бояд дар қуттиҳои махсус нигоҳ дошта шаванд. Дар вақти кор бояд қуттии таҷҳизоти дӯзандагӣ дар тарафи рости дӯзанда гузошта шавад.

Пеш аз кор ва баъд аз кор дастҳоро тоза шӯед, то ки маснуоти медӯхтаатон тоза ва озода бошад, дар даст мӯякҳои матоъ ва риштаҳои кӯтоҳ намонанд.Баъди итмоми кор асбобу афзорро ғундошта, ҷобаҷо кунед.

**Ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастӣ.** Корҳои дастӣ гуногун буда, дар ҳолати нишастан ё рост истодан иҷро карда мешаванд. Ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастӣ бояд бо мизу курсӣ ва поймонак муҷаҳҳаз бошад. Барои таъмин намудани тарзи муътадили кор баландии мизу курсӣ бояд ҳатман ба талаботи нишондоди антропометрии ҳар хонанда мувофиқ гардонида шавад. Ҳамчунин масофаи зарурии байни сатҳи корӣ, мизу курсӣ ва қисми пеши миз ва курсӣ риоя гардад. Сатҳи мизи корӣ барои амалиёти дастӣ бояд суфта ва дар он таҷҳизот ва олоти корӣ дуруст ҷойгир бошад.

**Сӯзан** асбоби дӯзандагӣ буда, аз замонҳои қадим истифода мешавад. Одамон аввалҳо барои дӯхтан хори дарахтон, устухони моҳию ҳайвонотро истифода мебурданд. Баъд сӯзанро аз нуқра, мис, тилло ва оҳан месохтагӣ шуданд. Дарозии ин сӯзанҳо то 1 см ва суфта буданд. Сӯзанро дар замонҳои қадим дастӣ месохтанду боэҳтиёт дар сӯзандони махсус нигоҳ медоштанд. Сӯзанро аз асри XIX бо усули фабрикавӣ месозанд. Андозаи сӯзанҳои замонавии ҳозира аз №1 то №12 буда, асосан аз пӯлод сохта мешаванд. Вобаста ба сӯрохиҳояшон рақамҳои сӯзанҳо гуногун мешаванд. Сӯзанҳои сӯрохиашон калонро барои кашидадӯзӣ, гулдӯзӣ ва руфӯкорӣ истифода мебаранд. Дар ин қабил сӯзанҳо риштаи нисбатан ғафсро гузаронидан ниҳоят бобу осон аст.

*Таҳти мафҳуми калимаи сӯзан мо асосан як асбоби тези филизии хурдеро мефаҳмем, ки дар интиҳояш барои гузаронидани ришта гӯшак дорад. Онро асосан барои чокдӯзӣ ва пайвастани ҷузъҳои маснуот истифода мебаранд. Сӯзанҳое низ ҳастанд, ки дар соҳаи тиб истифода мешаванд. Сӯзанро дар ибтидо аз устухони моҳӣ ё дигар навъи устухон месохтанд. Дар асри санг сӯзанро аз санг тарошида, ба воситаи он пӯсти ҳайвонотро медӯхтанд. Баъд ба ҷойи сӯзанҳои устухонӣ сӯзанҳои биринҷӣ, оҳанӣ, дар хонадони одамони сарватманд ҳатто сӯзанҳои нуқрагӣ пайдо шуданд. Аввалин сӯзанҳои пӯлодиро ба Европа дар асри XIV арабҳо*

*овարданд. Дар Москва 25 намуди сӯзан барои дарздӯзии дастӣ ва мошинӣ истеҳсол мешавад.*

**Ангуштпона** ҳанӯз дар асри XV маълум буд. Аввалҳо ангуштпонаро аз чарм, тилло ва дигар филизот сохта, нақшу нигор меандохтанд. Баъдтар, яъне аз асри XVI ва XVII ангуштпонаро бо усули фабрикавӣ аз арзиз (алюминий), пӯлод, нуқра, пластмасса месохтагӣ шуданд.

**Дарзмол.** Намуди зоҳирии либос ба сифати дарзмолкунӣ вобаста аст. Бинобар ин дуруст анҷом додани ин амалиёт аҳамияти калон дорад. Шартҳои техникии дарзмолкунӣ:

1. Ҷузъҳоро қаблан намнок карда ва буғ дода, баъд пура то бартараф кардани намӣ хушк мекунанд.

2. Аввал ҳар ду тарафи ҷузъҳоро то шакл гирифтан, сипас чокҳоро аз тарафи чаппа дарзмол кардан лозим аст. Дар ин ҳолат дарзмол ба ҷузъ бояд зичтар часпад.

**Тасмаи ченакгирӣ** соли 1810 ихтироъ шудааст. Он аз картон ё клеёнка сохта мешавад. Дарозии тасмаи ченакгирӣ асосан 150 см, бараш 1-2 см буда, дар ду нӯгаш филиз часпонда шудааст. Тасмаи ченакгирӣ барои андозагирӣ, аз ҷусса чен кардани матоъ ва ҷузъҳои маснуот истифода мешавад.

**Бӯри дӯзандагӣ** барои кашидани тарҳи ҷузъҳо, ҷойи буридани матоъ ва кашидани хатҳо, ҷойгир кардани ҷойи кисаҳо, ангӯлаи тугмаҳо ва ғайра истифода мешавад.

**Ҷадвал** - метр аз тахтачӯби тунук сохта мешавад. Дарозиаш аз 20 то 100 см ва аз ин ҳам дарозтар, бараш 3-5 см буда, барои кашидани нақша ва андозаи либос чен кардани матоъ, кашидани хатҳо дар матоъ ва ғайра истифода мешавад.

**Ҷадвали миқёсиро** (масштаби 1:4) барои нисбатан хурд карда кашидани нақшаи маснуот дар дафтар ва ё албоми корӣ истифода мебаранд.

**Ришта (ресмон).** Дар чокбуриву дарздӯзӣ ғайр аз ин асбобу анҷом боз риштаҳои гуногунро истифода мебаранд. Риштаҳо вобаста ба таъиноташон дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ, руфӯгарӣ мешаванд.

1. Пеш аз сар кардани кор мизи кориро ба тартиб *овардан лозим аст*;

2. Дар вақти дӯхтани маснуот бояд равшании доимӣ *таъмин бошад*;

3. Рав*шанӣ бояд аз тарафи чап фарояд*;

4. Мӯйҳо*ро зери сарбанд нигоҳ бояд дошт*;

5. Пеш аз он ки ба кор сар кунед, санҷида бинед, ки сӯзан ё сӯзанакҳо да*р маснуоти медӯхтаатон набошанд;*

6. *Ба пеш зиёд хам шудан манъ аст*;

7. Маснуот аз чашми дӯзанда бояд дар масофаи аз 30 *то 45 см дошта шавад*;

8. Дар сари миз рост нишастан лозим аст.



**4.** *Мустаҳкамкунии мавзӯи нав*

1. Қайчиро дар ҷойи махсус, дар қуттиҳо*и махсус нигоҳ доштан лозим аст;*

2. Дар вақти кор бо қайчӣ онро п*ӯшида, муқобили дӯзанда гузоред;*

3.Қайчир*о ба ҷойи тар гузоштан манъ аст;*

4. Қайчиро аз нӯги тезаш ги*рифта ба ҳамроҳатон дароз кунед;*

5. Қайчиро ба тарафи рост ва нӯгҳои тезашро *муқобили*

*худ гузоред. Қайчӣ пӯшида бошад, кушода мондани он мумкин нест, то ин ки дар вақти ҳаракат бо нӯги он дастатонро набуред ва осеб набинед*;

6. Назорат кунед, ки қайчӣ дар вақти кор дар таги маснуот намонад, чунки агар маснуотро бардоред ё ҷояшро беҷо кунед, қайчӣ афтида ба шумо, *ё ҳамроҳатон осеб расонданаш мумкин аст;*

7. Дар вақти буридани маснуот ба ҳамроҳатон наздик нашавед, то ин ки диққати ҳамроҳатон ба шумо равона нашавад ва дасташро набурад ё маснуотро хато бурад.

**5.Истифодаи усули Кластери сода**

Масъала: Барои дӯхтани маснуот дар куттии махсуси корӣ кадом асбобу олотҳо заруранд?




**6.Кори амалӣ:** Дӯхтани дарзи одӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** сӯзан, қайчӣ, риштаи рақами 40 ё 50, ҷадвал, қалам, ду пора матои андозааш 15х10.

**Қадамҳо:**

1.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани дарзи одӣ матои пахтагӣ ва таҷҳизоти зарурӣ барои дӯхтан интихоб карда шавад;

2.Аз матоъ ду пораи дарозиаш 15 см, бараш 10 см бурида шавад;

3.Андозаи намунаро мувофиқи табъи хонандагон интихоб кардан мумкин аст;

4.Чокро аз рост ба чап бо кӯкҳои рост дӯхта шавад;

5. Барои матоъҳои тунук дарозии кӯк бояд 0,5-1 см, барои матои ғафс – 0,8-3 см бояд бошад;

6. Барои ҳосил кардани чин дарозии кӯк то 0,1 - 0,5 см мешавад.

7.Вобаста ба кори ба анҷом расонидаи хонанда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



*Тарзи дӯхтани дарзи одӣ*

**6.Дарсро** ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофи*қи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Намета-вонад |
| --- | --- | --- | --- |
| Дар бораи технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Талабот ба ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳои дарздӯзиро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии дарзҳои дастиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Бо дарзҳои дастӣ ғояҳои содаро эҷод менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## §3.5. Сохтори нақшаҳои дарсҳои роҳнамои омӯзгор

**Супориш:**

1.Ба ҷадвали овардашуда оид ба сохтори нақшаҳои дарс такя намуда, дар мавзӯи дилхоҳ таҳия намудани нақшаи дарсии 1 соата.

2.Андешаронӣ дар атрофи нақшаҳои дарсҳои шунавандагон.

Тағйири низоми таълим раванди дурудароз ва мураккаб буда, дигаргуниро дар самтҳои гуногун тақозо мекунад. Ба мақсади таъмини дурустӣ ва самаранокии гузариш ба низоми нави таълими салоҳиятнокӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷат ва маводи таълимию методиро омода кардааст, аз ҷумла, Стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ. Ин ҳуҷҷатҳо мақсад ва вазифаҳои мушаххас доранд, аз ҷумла: Стандартҳои фаннӣ (кадом фане, ки бошад) маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳидаро муайян намуда, консепсияи ташаккули салоҳиятҳоро пешниҳод менамоянд.

Дар роҳнамои омӯзгор тарзи банақшагирии раванди ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ба таври пурра пешниҳод карда мешавад. Ҳар як соати дарсӣ пурра ба нақша гирифта шуда, дар онҳо салоҳиятҳои фаннӣ бо мазмун ва мундариҷаи барнома ва китобҳои дарсӣ мутобиқ гардонида шудаанд.

Мақсади асосии таҳияи замима ба китобҳои дарсӣ пурра гардонидани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва мутобиқ сохтани онҳо ба стандартҳои нави низоми таълими салоҳиятнокӣ мебошад. Замима ҳамчун маводи иловагӣ барои ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ истифода мешавад.

### Сохтори нақшаҳои дарс

Ба мақсади расонидани ёрии методӣ оид ба татбиқи стандартҳои фанҳои синфҳои ибтидоӣ Вазорати маориф ва илм тасмим гирифт, ки ба омӯзгорон дарсҳои намунавиро

тахия ва пешниҳод намояд. Барои тахияи дарсҳои намунавӣ мутахассисони варзидаи фаннӣ ҷалб шуданд ва ин дарсҳо муддати як соли таҳсил дар 55 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар натиҷа дарсҳои намунавӣ барои ҳамаи фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ тахия гардиданд. Нақшаи дарсҳо бо назардошти талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ тартиб дода шудаанд.

Бо вуҷуди ягона будани сохтор дарсҳо аз рӯйи мақсад фарқ мекунанд. Дар ҷадвали поён сохтори нақшаҳои дарс шарҳ дода мешавад.

| | |
|---|---|
| Номи мавзӯъ | Дар ин қисм аломати параграф ва номи машғулият ва соати барои он муайяншуда навишта шудааст. Масалан, §9. Сӯрохкунии чӯб – 1 соат |
| Салоҳиятҳо | Дар ин қисми дарс салоҳиятҳое, ки дар раванди дарси мазкур аз ягон ҷиҳат ташаккул дода мешаванд, оварда шудаанд.<br><br>Масалан:<br>➢ Баъзе воситаи технологиро ба таври сода истифода бурда метавонад;<br>➢ Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад;<br>➢ Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;<br>➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад. |

| | |
|---|---|
| Мақсадҳои таълим | Мақсадҳои таълим дар асоси салоҳиятҳо бо назардошти мавзӯи дарси дар боло зикршуда таҳия карда мешаванд.<br>Масалан:<br>➢ Намудҳои сӯрохӣ ва асбобҳои сӯрохикунандаро донад ва онро арзёбӣ карда тавонад;<br>➢ Мустақилона ва эҷодкорона бо парматеғ бо қутри лозима маснуотро сӯрох карда тавонад;<br>➢ Доир ба нозукиҳои касби дуредгарӣ маълумот дода тавонад;<br>➢ Ҳангоми истифодаи маводҳо сарфакориро ба таври сода риоя карда тавонад. |
| Барнома | Дар ин қисм маълумот оид ба мазмун ва мундариҷаи дарси мазкур оварда мешавад.<br>Масалан: Усулҳои бо пармаи дастӣ парма кардани чӯб. Таҷҳизоти дастгоҳи пармакунӣ барои парма кардани сӯрохиҳои моил (призма). |
| Равиши дарс | Дар ин қисм равиши дарс нишон дода мешавад. Тартиби гузаронидани дарс, ки навишта шудааст, барои омӯзгор ҳамчун раҳнамо хизмат мекунад. |
| Баҳодиҳӣ | Восита ва методҳои баҳодиҳии дониш, малака ва маҳорати хонандагон оид ба натиҷаҳои дарси мазкур пешниҳод мешаванд. |

Шарҳи пураи ҷузъҳои нақшаи намунавии дарс

**1. Номи мавзӯъ** асосан мувофиқи нақшаи тақвимӣ ва мавзӯъҳои китоби дарсӣ мураттаб мешавад. Дар баробари номи мавзӯъ миқдори соатҳои машғулият пешниҳод карда мешавад.

**2.**Салоҳиятҳо аз стандарти фаннӣ мувофиқи ҷадвали салоҳиятҳо оварда мешаванд. Салоҳиятҳо такроран дар чандин дарсҳо то охири сол истифода бурдашуданашон имконпазир аст.

**3. Ма**қсадҳои таълим барои як дарс таҳия шуда, дар худ хусусиятҳои салоҳият ва мундариҷаи таълимро фаро мегирад. Мақсадҳои таълим мушаххас, санҷидашаванда, иҷрошаванда ва мувофиқ бояд бошанд. Мақсадҳои таълим аз нигоҳи хонанда мураттаб мегарданд ва ба саволи «Хонанда чӣ кор карда метавонад?» ҷавоб мегардонад. Мақсадҳои таълим имкон медиҳанд, ки самтҳои асосии дарс (равиш, методҳо) муайян гарданд. Ҳангоми мураттаб намудани мақсади дарс мазмуни маводи барнома ва китоби дарсӣ, ташаккул додани дониш, маҳорату малака, сифатҳои шахсият ва тарзу усулҳои фаъолияти фикриро ба назар мегиранд.

**4. Барнома** муайянкунандаи мазмуну мундариҷа ва фаъолиятҳои асосии омӯзгору хонандагон дар дарс мебошад. Вай имкон медиҳад, ки мундариҷаи асосӣ аз дуюмдараҷа ҷудо карда шавад.

**5. Восита**ҳои аёнӣ вобаста ба навъи дарс ва методҳои таълим (воситаҳои техникии таълим, китоби дарсӣ, маводи дидактикӣ, намоиши таҷрибаҳо, филмҳои таълимӣ ва ғайра) интихобу омода карда, аз онҳо ҳамчун манбаи ахбор истифода мебаранд.

**6. Сан**ҷиши дониш (пурсиши вазифаи хонагӣ**)-ро** омӯзгор тавассути ташкил кардани кори мустақилонаи хонандагон бо мақсади такмил додани салоҳиятҳои онҳо ташкил мекунад. Санҷишро бо роҳи саволу ҷавоб, иҷрои кори мустақилонаи хонандагон, худсанҷию ҳамдигарсанҷӣ гузаронидан тавсия дода мешавад.

**7. Ташаккул додани сало**ҳиятҳо ҷузъи асосии дарс буда, вақти зиёдро талаб мекунад ва самараи дарс низ ба мазмуну мундариҷаи ҳамин ҷузъ вобаста аст. Дар он: мафҳумҳои нави барои омӯхтан пешниҳодшуда, усулҳои аз худ кардани онҳо, тарзи фаъолияти омӯзгору хонандагон

нишон дода мешавад; тарзу воситаҳои ташаккул додани салоҳиятҳо, ривоҷдодани фаъолияти дарккунии хонандагон ба назар гирифта мешаванд; мазмуни кори мустақилонаи хонандагон (ҳалли масъала, ба саволҳо ҷавоб гардонидан), шарҳи таҷриба ва маводе, ки хонандагон бояд истифода баранд, возеҳ нишон дода мешавад.

**8.**Баҳодиҳӣ асосан ҷамъбасти дарс буда, баъзан воситаҳои арзёбӣ (ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ) шарҳ дода мешаванд. Усул ва воситаҳои арзёбӣ вобаста ба салоҳиятҳо ва мақсадҳои таълимии дарс интихоб ва пешниҳод мегарданд. «Ҷамъбасти дарс» аз ҷузъҳои зерин иборат буда метавонад: устувор кардану инкишоф додани салоҳиятҳо тавассути мустақилона татбиқ кардани дониш дар ҷараёни ҳалли супоришҳои кори амалӣ; ба хонандагон нишон додани иҷрои ин амалиёт барои омӯхтани саволгузорӣ, ҷавобгӯйӣ, таҳлили иҷрои кори амалӣ, ислоҳ кардани ғалатҳо; дар хонандагон ташаккул додани мустақилият, эҷодкорӣ, зебоипарастӣ, сарфакорӣ, тарзи дуруст баён кардани фикр, маънои мафҳумҳоро шарҳ додан; муайян кардани усулҳои робита бо хонандагон дар раванди иҷрои супоришҳои корҳои амалӣ, назорат кардани иҷрои кори амалӣ; ба салоҳиятнокии хонандагон баҳои ҳаққонӣ гузоштан.

**9. Супориши хонагӣ**-ҷамъоварии маълумот оид ба мавзӯъҳои мухталиф, истифода аз шабакаи глобалии Интернет, дастурҳои иловагӣ, маҷаллаҳо оид ба фан ва китобҳои дарсӣ. Ташкил кардани кори мустақили хонанда аст, аз ин рӯ, омӯзгор ба хонандагон вазифаи хонагӣ супорида, бояд чӣ кор кардани онҳоро низ фаҳмонад. Масалан, такрори маводи дарс ё як ҷузъи он, кашидани расм, нақша, тартиб додани харитаи технологӣ, сохтани амсила, график, ангораҳо ва ғ.

Технология (таълими меҳ**нат барои писарон)** синфи 7

Мавзӯ**ъ:** «Амалиёти бофтани сабадча»

Барнома: Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Пайдарҳамии иҷрои бофтани сабадча

Салоҳ**иятҳо**:

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

Мақ**садҳои** дарс:

- Пайдарҳамии бофтани сабадчаро иҷро карда тавонад;
- Эҷодкорона барои бофтан маснуот аз масолеҳи сабзандаро интихоб карда тавонад;
- Дар бораи касби сабадбоф маълумот дода тавонад;
- Тафаккури созандагӣ ва мантиқиро инкишоф дода тавонад.

Таҷҳ**изоти зарур**ӣ: китоби дарсӣ, афзор барои бофтан (корд, каҷкорд, қайчии боғбон, анбӯрчаи паҳндандон, анбӯрчаи буранда, қолиб ва дарафш), масолеҳи корӣ, овезаҳои амалиёти бофтани сабадчаи асосаш доирашакл.

Методикаи таълим: **Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда** метавонед.

**1. Ташкили дарс:** Дар ин марҳ**ила корҳои зерин ба ро**ҳ **монда мешавад**:

Тайёр намудани маводи хониш;

**Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон**;

Омода намудани аҳ**ли синф ба дарс**.

2.Такрори дарси гузашта: Ин лаҳзаи дарсро бо истифодаи усули “Синквейн” гузаронидан хубтар аст.

Синквейн калимаи фаронсавӣ буда, маъноящ 5 мисраъ аст. Синквейн ин шеъри бе қофия буда, барои таҳлил ва хулоса кардани маълумот ёрӣ мерасонад.

Синквейн – як намуди кори хаттӣ аст, ки барои ҷамъбасту хулосабарории мустақилонаи хонандагон мусоидат мекунад.

Бо ёрии ин усул фикру ақидаи шахсӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯйи панҷ банд (унсур) хонандагон фикрашонро оид ба мавзӯъ баён карда метавонанд.

**Мақсадҳо:**

- фикру мулоҳизаҳои шахсии худро хаттӣ ифода намудан;
- таҳлил, таркиб ва хулосабарорӣ кардан;
- нутқи хаттиро инкишоф додан;
- ба мушоҳидакорӣ ва донишомӯзӣ ҳавасманд намудан.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

1. Мавзӯъ бо як калима бояд иншо шавад (одатан исм);
2. Ифода намудани хусусияти мавзӯъ бо ду калима (ду сифат);
3. Тавсифи амал дар чорчӯбаи мавзӯъ (се феъл ва ё феъли ҳол);
4. Муносибат ба мавзӯъ (ҷумлаи иборат аз чор калима);
5. Такрори мазмуни мавзӯъ бо истифодаи як калима (муродифи мавзӯъ).

Тарҳи синквейн чунин аст:

**1.** ________________.

**2.** ________________, ________________.

**3.** ________________, ________________, ________________.

**4.** ____________ ______________ _____________ _____________.

**5.** ________________.

**Намуна:**

1. Навда**;**
2. Борик ва чандир;
3. Пӯслохашро тоза мекунанд, хушк мекунанд, мебофанд;
4. Навда барои бофтани маснуот истифода бурда мешавад;
5. Бед.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- фикру мулоҳизаҳояшонро хаттӣ ифода менамоянд;
- ба қисматҳои асосии мавод диққат доданро ёд мегиранд;
- маводи навро хубтар ба хотир мегиранд;
- маводи навро таҳлил карда, хулоса мебароранд.

Ҳангоми навиштани синквейн диққат диҳед, чизҳои муҳими мавзӯъ қайд карда шаванд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин усулро асосан дар охири дарс мегузаронанд. Ҳангоми бори аввал гузаронидани синквейн, аввал худатон тарзи навиштани онро бо якчанд намуна нишон диҳед. Ин усулро дар корҳои гурӯҳӣ ва дунафарӣ ҳам гузаронидан мумкин аст.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Муаллим дар маводи назариявии хурд дар бораи амалиёти бофтани сабадча маълумот дода, тарзи сохтани яке аз маснуотҳоро ҳамчун намуна барои хонандагон намоиш медиҳад.

Барои бофтан шакли маснуотро муайян ва андозаҳои онро дақиқ карда, нақша ё расмашро мекашанд ва барои он масолеҳ, афзорҳоро омода мекунанд. Дар вақти бофтан чунин шартҳоро риоя намудан лозим аст, то ки маснуоти бофташаванда мустаҳкаму навдаҳо зич бофта шуда бошанд ва ғафсии онҳо ба андозаи маснуот мувофиқат кунад. Барои маснуоти калон навдаҳои борик мувофиқ намеояд. Зебоии маснуоти бофташаванда ба дуруст интихоб намудани андозаҳо, мутаносибии шакл ва навдаҳо аз ҷиҳати ғафсӣ

вобастагии калон дорад. Пеш аз бофтан навдаҳоро санҷидан лозим аст, ки онҳо вақти бофтан нашикананд. Навдаҳои шикастаро бо дигараш иваз мекунанд, навдаҳо дар вақти бофтан қат мешаванд, бинобар ин, онҳоро як маротиба истифода мебаранд. Азбаски шикастани онҳо аз эҳтимол дур нест, бинобар он, навдаҳоро бо ангуштон дошта ва мунтазам қат кардан лозим аст.

Навдаҳои барои бофтан истифодашавандаро ба навъҳо, яъне асос, сутунчаҳо ҷудо намудан аз фоида холӣ нест. Барои сутунчаҳо навдаҳои муносиби миёна, рост, чандир ва на он қадар дароз интихоб карда мешавад. Дарозии он ба маснуоти бофташаванда ва тарзи бофтан вобаста аст. Барои бофтани сатҳи паҳлуӣ ва асос навдаҳои дарозу чандири якхела интихоб карда мешавад. Барои бофтани бори аввал аз навдаҳои пӯстдор истифода будан лозим аст, зеро чунин навдаҳо хеле чандир мебошанд.

Бофтани сабадчаҳо яке аз паҳншудатарин намуди корҳои бофандагӣ ба ҳисоб меравад. Сабадчаҳоро барои нигоҳ доштани сабзавот, мева, гул ва ороиши хона истифода мебаранд. Сабадчаҳои бофташуда на танҳо барои рӯзгор заруранд, балки онҳоро ба дӯстон ҳамчун туҳфаи муносиб тақдим мекунанд. Асоси сабадчаҳо метавонанд доиравӣ, росткунҷа, байзавӣ, сферикӣ, нимдоира ва кунҷӣ шавад. Вобаста ба шакл ва истифодаи он масолеҳ интихоб карда мешавад. Тарзҳои бофтани сабадчаҳо гуногун буда, мо яке аз роҳҳои содатарини онро пешниҳод мекунем, ки он бофтани сабадчаи асосаш доирашакл аст ва он се марҳиларо дар бар мегирад.

Бофтани асос. Амалиёти бофтани чунин намуд сабадчаҳо аз асос сар мешавад. Барои ин 8 дона навдаи ғафсиаш миёна интихоб карда мешавад ва чортои онро бо навбат ба болои тахтача гузошта, ба воситаи корд аз мобайнаш чок намуда, пас ба воситаи дарафш тарқишро нигоҳ дошта, чорто навдаи дигарро аз сӯрохиҳо гузаронида чорчиллик созед. Навдаи дигарро гирифта, бофтанро давом диҳед. Ҳамин тавр, ду-се қатор бофтанро давом диҳед. Аз навбати оянда сар карда,

охири навдаҳои чорчилликро аз ҳамдигар ҷудо намуда, 8-то радиуси радиалии байни ҳам баробарро ҳосил кунед.

Навдаҳои барои бофтан ҷудошударо дуқат намуда, печонида, бофтанро аз гирди чорчиллик оғоз кунед:

1 - тайёр намудани чорчиллик;

2 - гузориши навдаи аввал;

3 – гузориши навдаи дуюм;

4 - печонда гирифтани асос бо навдаҳо;

5 – аз ҳамдигар ҷудосозӣ ва давом додани бофтан;

6 - гузоштани сутунчаҳо барои бофтани сатҳи паҳлуӣ;

7 - қат намудани асосҳо бо қолиб ва бастани охири навдаҳо;

8 - гузориши навдаҳо барои бофтани тарзи арғамчинӣ;

9 - пайдарҳамии арғамчинӣ бо се навда;

10 -бофтани рост дар ҳошияи сабадча;

11 - амалиёти бофтани даста;

12 - сабадчаи бофташуда.

Бофтанро ба тарзи арғамчинӣ то мавриди лозим давом диҳед. Пас аз ҳар ду-се давр навдаҳои бофташударо зич намоед, то ки дар қисми бофташуда дарз аз меъёр зиёд нашавад.

Бофтани сатҳи паҳлуӣ. Навдаҳои барои сутунчаҳои сатҳи паҳлуй ҷудошударо гирифта, охири қисми ғафси онро бо корд тарошида, ба атрофи ҳар як навдаи ғафсиаш миёна дутогӣ дохил кунед. Барои шакли лозима аз қолиб истифода баред (6). Қолибро аз танаи дарахт тайёр кардан мумкин аст ё ки ба ҷойи он аз зарф, ки шакли он ба андозаҳо мувофиқ меояд, истифода бурдан мумкин аст. Барои халал нарасонидани сутунчаҳои паҳлуӣ ба болои асос бор гузошта, нӯги онҳоро бо ҳалқаи резинӣ бандед (7). Пас аз болои пайваст ду-се қатор ба тарзи арғамчинӣ бофта (8,9), дар зери кунҷи лозима сутунчаҳои паҳлуиро қат кунед, боқимонда қаторҳо ба тарзи рост бофта мешавад (10). Вақти ба охир расидани навда бофташуда, охири онро ба дохили сабадча гирифта, пас навдаҳои дигарро гузошта, бофтанро давом диҳед. Барои он ки маснуоти бофташуда мустаҳкам

шавад, қаторҳои навдаҳоро ба ҳамдигар зич кунед.

Барои лаб ё ҳошияи сабадчаро бофтан тарзҳои гуногун вуҷуд дорад. Аз ҳама тарзи сода ин охири навдаи сутунчаро аз дутои он гузаронида, қат мекунанд. Ҳамин тавр, то охири дигар сутунчаҳо амалкард давом дода мешавад, яъне то ҳамон вақте ки охири ҳамаи навдаҳо ҷобаҷо шаванд. Инчунин ба ҷойи як навдаи сутунча, агар лозим бошад дутогӣ гузаронидан мумкин аст, фақат охири нӯгҳо дар дохили сабадча қат карда мешавад. Пас аз ҷобаҷо шудани ҳамаи навдаҳо охири онҳоро устокорона ва хеле зебо мебуранд.

Бофтани даста. Ин амалиёти охирин буда, вақти бофтани сатҳи паҳлуй барои даста ҷой гузошта мешавад. Барои ин навдаи нисбатан ғафстарро гирифта, нӯгҳои онро бо корд тарошида, бо ёрии дарафш ба сӯрохӣ ҷой намуда, ба атрофи он як даста навдаҳои борик низ ҷой карда мешавад. Навдаҳои бофташавандаро бо чунин тарзе интихоб менамоянд, ки дарозии навда бояд ба ду маротиба печонидани даста кифоя кунад. Баъзан охири нӯгҳои навдаҳои сатҳи паҳлуӣ бо гиреҳ печонида мешавад (11а,б,в,г). Пас аз иҷрои кулли амалиёт сабадча бофта мешавад.

4. Кори амалӣ. Масъалагузорӣ - ангезиши зеҳ***н***. Ба хонандагон супориш диҳед, ки истифода аз намунаи морфологии овардашуда, болғаи челонгариро таҳлил намоед.

**5. Қисми мустаҳкамкунӣ** бо истифода аз бозии озмуни «Викторина» гузаронида мешавад.

Дар ҳамаи 5 калимаҳои пешниҳодшуда ҳарфи «А» мавҷуд мебошад. Аз муайянкунандаҳо истифода бурда калимаро ёбед ва ба катакҳои холӣ ҳарфҳои боқимондаро нависед.

1. Барои ин 8 дона навдаи ғафсиаш миёна интихоб карда мешавад ва чортои онро бо навбат ба болои тахтача гузошта, ба воситаи корд аз мобайнаш чок намуда, пас ба воситаи дарафш тарқишро нигоҳ дошта, чорто навдаи дигарро аз сӯрохиҳо гузаронида чорчиллик месозанд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| А | | | |

2.Охири қисми ғафси навдаро бо корд тарошида, ба атрофи ҳар як навдаи ғафсиаш миёна дутогӣ дохил кунед. Барои шакли лозима аз қолиб истифода баред. Қолибро аз танаи дарахт тайёр кардан мумкин аст ё ки ба ҷойи он аз зарф, ки шакли он ба андозаҳо мувофиқ меояд, истифода бурдан мумкин аст. Барои халал нарасонидани сутунчаҳои паҳлуй ба болои асос бор гузошта, нӯги онҳоро бо ҳалқаи резинӣ бандед. Пас аз болои пайваст ду-се қатор ба тарзи арғамчинӣ бофта дар зери кунҷи лозима сутунчаҳои паҳлуиро қат кунед. Боқимонда қаторҳо ба тарзи рост бофта мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | А | | | |

3.Барои ин навдаи нисбатан ғафстарро гирифта, нӯгҳои онро бо корд тарошида, бо ёрии дарафш ба сӯрохӣ ҷой намуда, ба атрофи он як даста навдаҳои борик низ ҷой карда мешавад. Навдаҳои бофташавандаро бо чунин тарзе интихоб менамоянд, ки дарозии навда бояд ба ду маротиба печонидани даста кифоя кунад. Баъзан охири нӯгҳои навдаҳои сатҳи паҳлуӣ бо гиреҳ печонида мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | А | | | А |

Ҷавобҳои дуруст: 1-асос; 2-паҳлу; 3-даста.

**6.** Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

**7.**Арзёбӣ**.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед (мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | намета-вонад |
|---|---|---|---|
| Пайдарҳамии бофтани сабадчаро иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҷодкорона барои бофтан маснуот аз масолеҳи сабзандаро интихоб карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби сабатбофӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Тафаккури созандагӣ ва мантиқиро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Боби 4. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ

### §4.1. Мафҳ*ум, п*ринсипҳ*ои асосӣ, м*ақсадҳо ва вазифаҳ*ои арзёб*ӣ. Проблемаҳои системаи арзёбии анъанавӣ. Навъҳои арзёбӣ

**Супориш:**
1.Мафҳуми “арзёбӣ” аз назари Шумо?
2. Принсипҳои асосии арзёбии сифати дониши хонандагон дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)
3.Проблемаҳои арзёбии сифати дониши хонандагон аз фанни технология (таълими меҳнат) дар чист?

Дар таълими салоҳиятнокӣ арзёбӣ мақсад, принсип ва хусусиятҳои хос дорад. Дар муқоиса бо низоми ба дониш асосёфта дар таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба

сатҳи ташаккули малакаҳо равона мегардад. Дар низоми нав муносибат, усул ва воситаҳои арзёбӣ мураккаб буда, аз омӯзгор малакаву маҳорати хуби банақшагириро талаб мекунанд.

Арзёбии натиҷаҳои таълим дар таълими салоҳиятнокӣ ба мақсади (1) муайян кардани дониш, малака ва маҳорати заминавии хонандагон; (2) муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав; (3) муайян кардани сатҳи ниҳоии натиҷаҳои таълим гузаронда мешавад.

Мафҳуми «арзёбӣ» дар фарҳанг[1] чунин ифода ёфтааст: 1. Баррасии ҷанбаҳои мусбат ва манфии чизе; 2. Муайян кардани арзиши чизе, баҳодиҳӣ; арзёбӣ кардан – баҳо додан; дар бораи арзишу аҳамияти чизе изҳори ақида кардан.

Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор бояд ба хонанда ёрӣ расонад (Грин/ 1998).

Арзёбӣ бояд хусусиятҳои зеринро дорад:

- Мутобиқшаванда;
- Воситаҳои гуногун дошта бошад;
- Фаҳмо бошад;
- Аз ҷиҳати равонӣ мувофиқ бошад;
- Гуногунсохтор бошад;
- Навъҳои гуногуни арзёбиро фаро гирад: ташхисӣ, ҷамъбастӣ ва ташаккулдиҳанда.

Таълим – омодагӣ ба ҳаёт.

Арзёбӣ – *чӣ* тавр омодагӣ ба ҳаёт рафта истодааст!

**Арзёбӣ.** Ҷараёни мушоҳидаи фаъолияти таълимии хонанда, фаъолияти омӯзгор, синф, мактаб ва инчунин тасвир, ҷамъоварӣ, қайд ва таҳлили ахбор бо мақсади беҳтар гардонидани сифати таълим. Мушоҳида ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи хонанда гузаронида шуда, ба тағйири усул ва раванди таълим мусоидат карда метавонад.

Ташхиси тағйирот дар сатҳи омодагии салоҳиятҳои хонанда; раванди системаноки муайян намудани сатҳи мувофиқати натиҷаҳои бадастовардаи таълим бо натиҷаҳои банақшагирифташуда.

1 Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди I. Душанбе. 2008. саҳ. 76

**Ба**ҳо – нишондиҳандаи сифати дараҷаи салоҳиятҳои хонанда дар самти дониш, маҳорат ва малакаҳо.

**Ба**ҳо (хол) – дараҷаи миқдории арзёбӣ.

**Принсипҳои асосии арзёбӣ**

Арзанда. Диққат ба арзёбии натиҷаҳои таълимӣ ва фаъолияти намоёни хонандагон равона мегардад;

Мутобиқат. Мувофиқати арзёбии дониш, малака, маҳорат, арзишҳо, салоҳиятҳо ба мақсад ва натиҷаҳои таълим;

Бағараз (воқеӣ) ва адолат. Татбиқи интихоби мушаххаси меъёрҳои арзёбӣ. Арзёбӣ набояд восита (натиҷа)-и фишор бошад;

Ҳамгироӣ. Арзёбӣ ҳамчун қисми таркибии раванди таълим аст;

Шаффоф. Меъёр ва стратегияҳои арзёбӣ пешакӣ ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд. Хонандагон дар ҷараёни таҳияи меъёрҳо иштирок мекунанд;

Дастрасӣ. Қолабҳои арзёбӣ, мақсад ва ҷараёни он сода ва барои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим фаҳмоянд;

Системанокӣ. Раванди арзёбӣ батартиб ва доимо ба сомон расонида мешавад;

Хайрхоҳӣ. Фароҳам овардани фазои хайрхоҳона байни омӯзгор ва хонандагон, ки ба инкишофи дастовардҳо мусоидат менамояд. Ба инкишоф ва дастгирии хонандагон равона мешавад .

Мақ***сад***ҳ***ои арзёб***ӣ

Мақсади арзёбӣ муайян намудани сатҳи мувофиқати натиҷаҳои бадастовардаи дониш бо корҳои таълимии банақшагирифташуда аст.

Арзёбӣ барои он гузаронида мешавад, то:

- Диққати хонандаро ба мақсади таълим ва нишонаҳои муваффақият равона гардад;
- Раванди таълим ба сиёсати мамлакат ва сатҳи мактаб мувофиқат намояд;
- Ба хонанда оид ба сифати кораш маълумот пешниҳод карда шавад; ба омӯзгорон маълумот оид ба инкишофи хонандагон; ба волидайн ва ҷомеа маълумот оид ба сатҳи

бадастоварии натиҷаҳои таълим пешниҳод карда шавад;

- Технологияҳои таълим ва худи арзёбӣ низ такмил ёбанд;
- Самаранокии барномаҳои таълим таъмин гардад.

Фаъолияти омӯзгор ба самти такмил додани технологияҳои инкишофи фардии хонандагон равона гардад, махсусан дар самтҳои зерин:

- Пешниҳоди ахбор оид ба такмили минбаъдаи раванди таълими хонандагон;
- Такмили малакаи худбаҳодиҳии хонандагон, дастгирии интихоби минбаъдаи самти таълим;
- Ба хонанда фароҳам овардани имконияти ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан;
- Мунтазам ба роҳ мондани робитаи мутақобила бо хонандагон;
- Ҳидоят намудани хонанда ба таълими мақсаднок.

**Вазифаҳои арзёбӣ**

- Вазифаи ташхисии арзёбӣ барои муайян намудани сатҳи базавии дониш ва маҳорати хонандагон ва инчунин сатҳи омодагии салоҳиятҳо хизмат мекунад;
- Вазифаи ахбории арзёбӣ барои хонандагон чун воситаи гирифтани ахбор оид ба сифати корашон хизмат карда, барои омӯзгорон, волидайн ва ҷомеа барои муайян кардани сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагон хизмат мекунад;
- Вазифаи дастурдиҳандаи арзёбӣ самтҳои такмилталаби натиҷаҳоро муайян месозад;
- Вазифаи ҳавасмандагардонии арзёбӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар кӯшиш намоянд;
- Вазифаи назоратии арзёбӣ имконият медиҳад, ки сатҳи миқдорӣ ва сифатии иҷрои кор санҷида шавад.

Проблемаҳои системаи арзёбии анъанавӣ

Тӯли даҳсолаи охир дар мундариҷаи таълим тағйироти сифатӣ ба вуҷуд омаданд: диққат аз дониш, маҳорат ва малакаи фаннӣ ҳамчун мақсади таълим ба ташаккули салоҳиятҳои умумитаълимии хонандагон равона шуд.

Дар навбати худ ин омил ба тағйироти системаи арзёбӣ мусоидат намуд. Дар ин ҳолат системаи анъанавии арзёбӣ як қатор проблемаҳоро пеш меорад:

- Системаи маъмули «арзёбӣ» вазифаи назорати берунии муваффақияти таълимии хонандагонро иҷро карда, аз тарафи омӯзгор ва мактаб ба роҳ монда мешавад;
- Ба хонандагон имконияти васеи ташаккули малакаи арзёбии мустақилонаро фароҳам намеорад;
- Барои фардикунонии таълим монеа мешавад. Ба омӯзгор мушоҳида ва қайди дастовардҳои ҳаққонии ҳар як хонанда ва муқоисаи ин дастовардҳо бо натиҷаҳои пешинаи ӯ мушкил мегардад;
- Ахбори кам пешниҳод мекунад. Бо сабаби хусусияти расмӣ ва махфӣ доштани меъёрҳои арзёбӣ, одатан сатҳи аслии дониши хонандагонро муайян ва таҳлил кардан ғайриимкон буда, инчунин муайянкунии самти такмили минбаъда, яъне чиро бояд беҳтар омӯхт, чӣ ба хонандаи мазкур лозим хеле мушкил аст.
- Одатан хусусияти «маҷрӯҳ» кардан дорад. Бо сабаби пура дар дасти омӯзгор будани системаи «арзёбӣ», аслан ҳамчун воситаи фишори равонӣ ва сарсон гардонидани хонандагон ва волидайн истифода мешавад. Робитаи мутақобилаи омӯзгор ва хонанда бо мақсади иҷтимоӣ ва идоракунӣ истифода шуда, барои ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштани хонанда ёрӣ намерасонанд;
- Омӯзгорон одат кардаанд, ки андоза ва шакли кори иҷрошударо баҳо диҳанд, на сифати дастовардҳои хонандагонро;
- Диққати асосӣ ба муқоисаи хонандагон байни худ равона шуда, фаъолият ва ваҷҳиёти хонандагони сустхонро паст карда, хонандагони аълохонро ба инкишофи минбаъда монеа мешавад.

**Навъҳои арзёбӣ**

**1.** <u>Арзёбии ташхисӣ</u> – раванди таълимро барои муайян намудани тарзи дастгирии хонандагоне, ки дар таълим гирифтан мушкилӣ мекашанд, таҳқиқ мекунад (муносибати тафриқавӣ ба таълим).

**2.** Арзёбии ҷамъбастӣ барои муайян намудани сатҳи ташаккули дониш, малакаву маҳорати хонанда пас аз омӯхтани мавзӯъ, боб ва ё марҳалаи муайяни вақт истифода мешавад. Арзёбии ҷамъбастӣ дар асоси натиҷаи иҷрои навъҳои гуногуни корҳои санҷишӣ (тест, корҳои назоратӣ, *амалӣ*, лабораторӣ, *таҳқиқотӣ*, *лоиҳа*, имтиҳони шифоҳӣ, эҷодӣ ва ғайра) гузаронида мешавад. Баҳои корҳои санҷишӣ барои муайян намудани баҳои ҷамъбастӣ асос мегарданд. Арзёбии ҷамъбастӣ баҳоҳои ҷорӣ, чорякӣ, нимсола ва солонаро фаро мегирад.

Мақсади арзёбии ҷамъбастӣ-тасдиқи сатҳи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаи хонандагон дар марҳалаи муайяни вақт ва муайян намудани мувофиқати натиҷаҳо бо талаботи стандарт.

**3.**Арзёбии ташаккулдиҳанда-ин раванди мақсадноки доимии мушоҳидаи фаъолияти таълимии хонанда аст. Арзёбии ташаккулдиҳанда ғайрирасмӣ (бе гузоштани баҳо) буда, дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шуда, бо робитаи мутақобила таъмин карда мешавад.

Мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда – ислоҳ кардани фаъолияти омӯзгору хонанда. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии маводи таълимро дар марҳилаҳои барвақтӣ ташхис карда, раванди таълимро мутобиқ созад, ба хонандагон ин навъи арзёбӣ имконият медиҳад, ки сатҳи баланди масъулиятро нисбат ба таълим дарк намоянд.

Дар таълими салоҳиятнокӣ арзёбӣ **барои беҳбудии таълим ва баландшавии маърифати хонанда ёрӣ мерасонад**. **Он имкон медиҳад, ки дастоварди хонандагон таҳти назорат бошад**. **Арзёбии дар** таълими салоҳ**иятнок**ӣ аз методҳ**ои баҳодиҳии мавҷуда фар**қ **мекунад**. Пеш аз ҳ**ама**, **дар ин низом омӯзгор имконияти бо хонанда ба таври инфиродӣ кор карданро дорад**. **Омӯзгор метавонад**, **дар асоси чунин арзёб**ӣ малакаи азхудкардаи хонандагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ **расонад ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монад**. **Хонанда дар ин маврид масъулияти худро барои таҳсил бештар ҳис мекунад**.

## §4.2. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим

**Супориш:**

1.Зарурати арзёбии раванди таълими дарсҳои технология (таълими меҳнат)

2.Арзёбиро аз чӣ шуруъ мекунем?

3.Оё Шумо ягон намунаи арзёбиро пешниҳод карда метавонед?

➢ Арзёбӣ ҷузъи таркибии раванди таълим ба шумор меравад. Ҳанӯз дар марҳалаи банақшагирӣ роҳу усули арзёбӣ муайян карда мешаванд. Усули арзёбӣ пас аз муайян кардани натиҷа ё мақсадҳои таълимии дарс интихоб мегарданд. Пас аз иҷрои фаъолиятҳои таълимие, ки барои расидан ба мақсадҳои таълим ба роҳ монда мешаванд, арзёбӣ гузаронда мешавад. Дар ин марҳала арзёбӣ имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии хонандагон санҷида шавад ва дар ҳолати номувофиқатии натиҷаҳои арзёбӣ ба мақсадҳои гузошташуда, омӯзгор роҳу воситаҳои дигари таълимро барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда интихоб намояд.

➢ Дар асоси натиҷаҳои арзёбӣ банақшагирии раванди минбаъдаи таълим ба роҳ монда мешавад. Вақте омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон ин ё он малакаро аз худ кардаанд ё не (инро танҳо натиҷаи арзёбӣ таъмин карда метавонад) раванди таълимро мутобиқан ба нақша мегирад.

➢ Қадами якум: Муайян кардани салоҳиятҳо аз стандартҳои фаннӣ;

➢ Қадами дуюм: Интихоби маводи таълим;

➢ Қадами сеюм: Интихоби методҳои таълим;

➢ Қадами чорум: Интихоб ва мутобиқ сохтани воситаҳои арзёбӣ.

Барои осон шудани кори омӯзгорон дар стандартҳои фаннӣ намунаи нишондиҳандаҳо барои ҳар як салоҳият оварда мешавад. Ин ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи ноил гаштан ба салоҳият ва азхудкунии малакаҳоро арзёбӣ кунад.

## §4.3. Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ. Тартиби таҳия ва гузарондани арзёбии ҷамъбастӣ. Қоидаҳои асосии *та*ҳияи тест. Намунаҳои супоришҳои тестӣ. Меъёрҳои арзёбӣ. Меъёрҳои арзёбиро чӣ тавр таҳияи намунаҳои меъёрҳои арзёбӣ ба навъҳои асосии фаъолияти таълим. Алоқаи арзёбӣ ва раванди таълим

**Супориш:**

1.Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастиро аз нигоҳи худ шарҳ диҳед.

2.Оё Шумо барои арзёбӣ аз усули тестӣ истифода бурдаед?

3.Матни поёнро хонед ва андешаҳоятонро оид ба фарқи арзёбӣ ва баҳогузории анъанавӣ баён кунед.

Арзёбии ташаккулдиҳанда усули баҳодиҳиест, ки тавассути он омӯзгору хонанда раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро мушоҳида карда, бо маслиҳату машварат фаъолиятро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созад. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофашонро муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигар шароит фароҳам оранд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда усули баҳодиҳиест, ки тавассути он омӯзгору хонанда раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро мушоҳида карда, бо маслиҳату машварат фаъолиятро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созад. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофашонро муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигар шароит фароҳам оранд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ҷузъи асосии банақшагирии дарс. Омӯзгор ҳангоми банақшагирии дарс фаъолиятҳоеро бояд ба нақша гирад, ки ҳам ба ӯ ва ҳам ба хонанда имконияти назорати раванди таълимро таъмин намояд. Мувофиқи принсипи мазкур восита ва усулҳои арзёбӣ

баъди муайян кардани мақсад ва фаъолияти таълим тарҳрезӣ карда мешавад. Мақсад он аст, ки дар марҳилаи банақшагирӣ роҳу воситаҳои арзёбӣ муайян карда шуда, дараҷаи эътимоднокии онҳо таҳлил гарданд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронидашуда. Ҳангоми арзёбӣ хонандагон бояд ба саволи чӣ тарз ба ин натиҷа ноил гаштанд, чӣ душворӣ кашиданд ва барои чӣ муваффақ шуданд, ҷавоб диҳанд. Ин хонандагонро водор месозад, ки раванди таълимро таҳлил карда, боварӣ ҳосил намоянд. Пас аз иҷрои ҳар як фаъолияти таълим омӯзгор тавассути воситаҳои арзёбӣ хонандагонро муваззаф менамояд, то раванди иҷрои фаъолиятро таҳлил намуда, хулоса бароранд ва фаолияти минбаъдаро мушаххас муайян намоянд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун меҳвари дарс. Аксари фаъолияти таълимӣ, ки дар дарс иҷро карда мешаванд, бояд хусусияти арзёбӣ (таҳлилӣ) дошта бошанд. Супоришҳои амалӣ, савол ва дигар фаъолиятҳои раванди таълим тарзе тарҳрезӣ карда шавад, ки ба хонанда имконияти таҳлили раванди омӯзишро фароҳам оранд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор. Омӯзгор бояд малакаву маҳорати истифодаи воситаҳои арзёбиро дошта бошад. Ин малакаву маҳорат дар донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва курсҳои такмили ихтисос ва ё ба таври худомӯзӣ ҳосил карда мешаванд. Омӯзгор бояд тарзи банақшагирӣ, ташкил ва таҳлили воситаҳои арзёбӣ, пешниҳоди тавсияҳо, саволу масъалаҳоро дуруст ба роҳ монад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда: асоснок ва қобили қабулгашта. Ҳангоми пешниҳоди тавсияву натиҷаҳои арзёбӣ омӯзгор бояд чӣ гуна таъсир доштани онро ба ҳисоб бигирад. Яъне, то кадом андоза тавсияҳо ба хонанда таъсири манфӣ ва ё мусбӣ мерасонанд. Тавсия, шарҳу эзоҳҳо бояд ба фаъолияти таълимии хонанда нигаронида шуда бошанд, на ба шахсияти ӯ. Тавсияву тақризҳо бояд асоснок бошанд, то барои зинаҳои дигари инкишоф ноил гаштани хонанда мусоидат кунанд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда: ба шавқу ҳаваси (ваҷҳиёти)

хонандагон нигаронидашуда. Барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон арзёбӣ нақши назаррас дорад. Муҳим аст, ки аввал ба дастовардҳои хуби хонанда диққат дода, сипас фаъолиятҳои дигар, аз ҷумла ислоҳи ғалатҳо ва ғайра таҳлил карда шавад. Тавсия карда мешавад, ки омӯзгор ҳангоми муошират таҳлили фаъолияти хонанда дар қадами аввал ақалан се ҷиҳати хуби корро баррасӣ мекунад, сипас роҳу усулҳои такмилдиҳӣ пешниҳод мешаванд. Дар ин ҳолат хонанда ҳавасмандии омӯзишро гум намекунад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда**:** мақсади таълим ва меъёрҳои он. Хонанда бояд аз мақсади дарс огаҳ бошад, моҳияти онро дарк карда тавонанд, ки мақсади таълимиро дарк намуда, дар бораи таълим гирифтани таълим масъулият ҳис намояд. Омӯзгор дар оғози дарс ба хонандагон мақсадҳоро муаррифӣ карда, натиҷаи ниҳоии таълимро муҳокима мекунад. Хонанда масъалаи мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтани ҳар-рӯзаро бояд донад ва дарк кунад, ки он ба донишу малакаҳои пешинааш чӣ алоқа-мандӣ дорад. Донистани меъёрҳои арзёбӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки тамоми фаъолияти таълимиашро ба тартиб дарорад ва онро барои ба даст овардани мақсаду натиҷаҳои муайян равона созад. Ҳангоми баррасии меъёрҳои арзёбӣ иштироки хонандагон ҳатмист.

Арзёбии ташаккулдиҳанда**: ба рушди минбаъдаи хонанда таъсиррасонанда** ва ин тавсияҳо самтҳои рушди минбаъдаи хонандаро фаро бигирад. Тавсияҳо дар навбати худ бояд мушаххас, иҷрошаванда, мувофиқ ва саривақтӣ бошанд. Тавсияҳо ҳамчун дастур пешниҳод карда мешаванд, то хонанда самти такмилталабро пура дарк кунад.

Арзёбии худбаҳодиҳии хонандагон**.** Омӯзгор дар ниҳоди хонанда малакаи назорат кардани фаъолияти таълимии худро тарбият мекунад. Хонанда объекти асосии раванди таълим маҳсуб ёфта, омӯзгор ба ӯ дар ин самт роҳнамоӣ мекунад. Таълим гирифтан ва маърифатноку лаёқатманд шудан, асосан ба худи хонанда вобаста аст. Инро метавон тавассути ба таҳлили раванди иҷрои масъалаи таълим ҷалб намудан муайян кард. Чӣ тарз? Кадом воситаҳо ҳангоми иҷрои амалҳо истифода шудаанд? Ба кадом мушкилот дучор шуданд? Чӣ гуна он мушкилотро паси сар карданд? Ин саволҳо хонандагонро водор менамоянд, ки раванди

таълимро таҳлил кунанд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда: ба дастовардҳои таълимии хонанда равона шуда. Омӯзгор ҳангоми арзёбӣ бояд тамоми дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирифта, онро қадрдонӣ кунад. Ҳар як хонанда бояд имконияти гирифтани тавсия, тақриз ва таҳлили фаъолияти таълимии худро дошта бошад. Аз эътибор дур сохтани дастовардҳои таълимии хонандагон ҳавасмандии маърифатҷӯйии ӯро паст мегардонад. Аз ин лиҳоз тавсия мешавад, ки ҳар як дастоварди ӯ дар доираи имкон қадрдонӣ гардад.

Дар поён якчанд усул ва методҳои арзёбии ташаккулдиҳанда оварда мешаванд, шумо метавонед, онҳоро ба салоҳиятҳо ва натиҷаҳои таълимии интихобкардаатон мутобиқ сохта истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим**

Муаррифӣ **ва муҳокимаи мақсадҳои таълим ҷузъи асосии ра**ванди таълим ба шумор меравад. Он имконият медиҳ**ад**, ки хонандагон дарк кунанд, ки дар раванди таълим аз онҳ**о** чӣ талаб карда мешавад.

Мақсадҳои дарсро дар тахтаи синф (ё дар гӯшаи «Мақсади таълимии дарси мо») нависед;

Мақсадҳои таълимро ба хонандагон хонед ва аз онҳо пурсед, ки ноил гаштан ба ин мақсадҳо чӣ аҳамият дорад?

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаашонро аввал бо рафиқашон (дунафарӣ) муҳокима карда, сипас, ба аҳли синф гӯянд;

Шумо метавонед, якчанд ақидаҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро тақвият диҳед, то аҳли синф ба дарс шавқ пайдо кунад. Шумо метавонед, аз ҳаёти худатон ё ягон нафари дигар мисол оред, яъне ҳамин гуна малакаҳо ба шумо дар ҳаёти ҳаррӯзаатон чӣ гуна ёрӣ мерасонад.

Диққат! Барои ба савол посух додан ба хонандагон вақт диҳед, кӯшиш кунед, ки ҳамаи хонандагон дар муҳокимаи масъалаҳо иштирок кунанд.

**Робитаи мутақобила**

Курси элективӣ (фанни интихобӣ) истифодаи фаъоли технологияҳои интерактивии таълимро, ки барои ҳамкории самараноки омӯзгор ва донишҷӯ, хонандагон байни ҳам мусоидат менамояд, пешбинӣ месозад. Ин гуна фаъолияти

якҷоя онҳоро ба худтаҳлил ва худбаҳодиҳии доимии фаъолияти худ бурда мерасонад: дониш-ҷӯ сифати кори худро бо сифати кори ҳамсабақонаш муқоиса мекунад, баҳо медиҳад, ба қароре меояд, ки чиро беҳтар кардан лозим аст. Бо вуҷуди он ки робитаи мутақобила барои донишҷӯ асосан аз ҷониби омӯзгор ташкил карда мешавад, нақши донишҷӯ дар арзёбии ташаккулдиҳанда хеле баланд арзёбӣ мешавад, ки ин дар ҷараёни худбаҳодиҳӣ аён мегардад. Хонандагон бояд худбаҳодиҳиро омӯзанд, то ки мақсади омӯзиш ва роҳҳои ба даст овардани муваффақиятро фаҳманд. Ин малака дар фаъолияти ояндаи онҳо ба кор хоҳад рафт. Барои ин, дар охири ҳар як дарс супориши кӯтоҳ пешниҳод карда мешавад, ки хонандагонро ба рефлексия оид ба фаъолияти худ омода менамояд.

Инро дар шакли харитаи баромад ташкил кардан мумкин аст. Харитаи баромад – шакли навиштаҷотие, ки дар он хонандагон бо анҷоми мавзӯъ фаҳмиши худро аз рӯйи се нишондод менависанд:

1. Қисмати аз ҳама муҳими дарс;
2.Як савол оид ба мавзӯи дарс;
3.Шарҳи умумӣ оид ба маводи дарс.

Дар намунаҳои харитаи баромад, ки истифодаашон дар дарсҳо тавсия дода мешавад, оварда шудаанд. Андешаҳои гуфташуда имконият медиҳанд, ки боз як шарти арзёбии ташаккулдиҳандаи самаранок – иштироки фаъоли хонандагон дар ҷараёни омӯзиши худашон, татбиқ карда шавад.

Тартиб:

- Кори хонандагонро ҷамъ оваред;
- Нишондиҳандаҳои муваффақият ё меъёрҳои арзёбиро шарҳ диҳед;
- Аввал объекти меҳнатро интихоб кунед, ки он аз чанд қисмат иборат бошад (метавонед зери ин қисмҳо хат кашед ё бо ранг ишора кунед);
- Иҷроиши кори амалиро мувофиқи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳо арзёбӣ кунед;
- Ҷиҳатҳои такмилталаби кори амалиро муайян намоед ва ба дафтари кории хонанда қайд намуда онро фаҳмонед.

Қайдҳои шумо бояд мисли дастурҳо бошанд, то хонанда онро иҷро намояд ва сифати корашро беҳтар гардонад;

➢ Дар ин марҳала ба дастхати хонанда баҳо гузошта намешавад;

➢ Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳамаи тавсияҳоро иҷро кунанд. Назорат кунед, пурсон шавед.

Диққат! Ба робитаи мутақобила тақризу тавсияи ба корҳои амалию шифоҳӣ навишташудае шомил мегарданд, ки дар онҳо муваффақиятҳо ва амалҳои такмилшаванда зикр шудаанд.

**Намуна: Харитаи баромад**

| Ман аз машғулият чиро ба хотир гирифтам | Ман чиро фаҳмидам, ба чӣ сарфаҳм рафтам | Чӣ ба ман писанд омад, рағбати маро овард |
|---|---|---|
| (ахборе, ки ба хотираи оперативии пассив гузашт) | (ахборе, ки равандҳои фикриро такон дод) | (ахборе, ки фазои ҳиссию маърифатии шахсиятро такон дод) |

**Харитаи баромад**

| | |
|---|---|
| Шумо чиро донистед? | |
| Чӣ ба шумо писанд омад? | |
| Ба кадом саволҳоятон шумо ҷавоб нагирифтед? | |
| Шумо инро дар таҷрибаи худ чӣ гуна истифода мекунед? | |

Худбаҳодиҳӣ

Иттилооте, ки дар ҷараёни арзёбии ташаккулдиҳанда гирифта мешавад, барои гуфтугӯйи муттасили хонандагон ва омӯзгор дар мавриди андешаҳо ва маҳоратҳо, ки донишҷӯ

дар худ ривоҷ дод ё надод, асос ба шумор мераванд. Ба ин мақсад дар таҳияи методии дарсҳо ба ғайр аз харитаи баромад истифодаи саволҳо оид ба рефлексия дар сатҳҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд.

Саволҳо барои мулоҳизаи мундариҷаи маводи таълим
Тартиб:

- Аз ин мавод шумо чӣ чизи навро донистед?
- Аҳамияти ин мавзӯъ дар чист?
- Дар маҷмӯъ шумо проблемаро дар чӣ мебинед?
- Ин иттилоъ бо он чизе, ки шумо дар ин бора аллакай медонед, чӣ алоқамандӣ дорад?
- Ба андешаи шумо, инкишофи ҳодисаҳо чӣ гуна сурат мегирад?
- Андешаҳои шумо дар зери таъсири ин ақидаҳо чӣ гуна дигаргун шуданд?
- Шумо аз ин  чӣ натиҷа (хулоса) гирифтед?
- Кадом назарияҳо асоси ин мавзӯъро ташкил медиҳанд?
- Ин донишҳоро шумо дар куҷо истифода мекунед?
- Чиро илова кардан, кам кардан мумкин буд?
- Шумо чӣ гуна хулоса карда метавонед?

Саволҳо оид ба дарки раванди иҷрои кор
Тартиб:

- Фаъолияти мазкур аз кадом зинаҳо иборат буд?
- Кадом навъҳои фаъолиятро, ба назари худатон, шумо беҳтар иҷро кардед? Ба ин чӣ таъсир расонид?
- Кадом навъҳои фаъолият оид ба мавзӯъ барои шумо мушкилтар буд? Ба фикри шумо ин ба кадом сабаб буд?
- Мақсади ҳамкорӣ дар чӣ буд...?
- Дар зинаҳои иҷрои кор шумо кадом дигаргуниҳоро ворид кардан мехостед?
- Кор кадом навъи малакаю маҳоратҳоро рушд медиҳад?
- Ҳангоми чӣ чиро ба назар гирифтан зарур аст?

- ➢ Чиро аз чӣ оғоз кардан лозим аст?

Саволҳо оид ба дарк ва фаҳмидани худ дар раванди кор
Тартиб:

- ➢ То кадом лаҳза шумо аз кор ҳаловат бурдед? Инҳо чӣ гуна эҳсосот буданд?
- ➢ Дар кадом лаҳза шумо бо мушкилот рӯ ба рӯ шудед? Шумо дар ин маврид чӣ эҳсос кардед?
- ➢ Барои бартараф кардани мушкилоти пешомада шумо чӣ кӯшиш кардед? Ба бартараф кардан муяссар шудед ё не? Дар ин ҳол чӣ эҳсос кардед?
- ➢ Дар чунин ҳолат ба ҳамсабақатон чӣ тавсия медодед?
- ➢ Оё мумкин аст, ки ҳамин гуна ҳолат пешгирӣ карда шавад?
- ➢ Ҳис ва эҳсосоти шумо ба коратон чӣ таъсир расониданд? Оё ба шумо муяссар шуд, ки эҳсосоти худро идора кунед? Дар куҷо ва дар кадом зинаҳои кор?
- ➢ Оё мумкин аст, ки идораи эҳсосотро омӯхт? Кадом усулҳо дар ин маврид метавонанд ба шумо ёрӣ диҳанд?

Пас аз мустаҳкамкунии маводи таълим ба хонандагон саволҳоро пешниҳод кунед.

Ҷавоби онҳоро гӯш карда, фикри хонандагони дигарро оид ба масъалаи мазкур пурсон шавед. Ин саволҳоро вобаста ба мақсади дарс иваз карда метавонед. Ҳангоми гузаронидани фаъолияти худбаҳодиҳӣ як ва ё ду саволро ба хонандагон пешкаш кунед. Ҷавобро бо хонандагон муҳокима намоед, то онҳо роҳу усули расидан ба мақсадро муайян кунанд.

Диққат! Хонандагон бояд барои таҳсили худ масъулият ҳис кунанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки хонандагон ҳамон вақт масъулият ҳис мекунанд, ки ба фаъолияти хеш баҳо диҳанд. Асосан ҳангоми шунидани мафҳуми худбаҳодиҳӣ мо муаррифии кори хонандагонро мефаҳмем, лекин худбаҳодиҳӣ чандин паҳлу дорад.

Воситаҳои худбаҳодиҳӣ аслан дар ҳама зинаҳои дарс истифода бурда мешаванд, лекин тавсия дода мешавад, ки баъд аз муаррифӣ ва муҳокимаи мақсади таълим ва

ичрои фаъолиятҳои таълим (барои расидан ба он мақсад) худбаҳодиҳӣ гузаронда шавад.

Арзёбии ҷамъбастӣ

Ин усули арзёбӣ барои муайян кардани натиҷаҳои таълим ва дастовардҳои хонандагон истифода гардида, ба ин васила оид ба дараҷаи фарогирии муҳтавои матн, дониш ва ё малака ахбор ҷамъ оварда мешавад, ки он дар асноди гуногун, аз ҷумла дафтари синф, варақаҳои пешрафти хонанда, шаҳодатномаи хатми муассисаи таълимӣ бо холҳо/баллҳо ҷамъбаст карда мешавад. Вобаста ба мақсад, арзёбии ҷамъбастиро метавон ба воситаи тестҳои омодакардаи омӯзгор, санҷиши кори амалӣ, имтиҳони шифоҳӣ, ҷамъбасти марҳилаҳо ва рейтингҳо ба роҳ монд.

Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ ба мақсади тасдиқ кардан ё расман шинохтану ба қайд гирифтани дастовардҳои таълимии хонандагон истифода мешаванд. Новобаста аз навъи воситаи арзёбӣ, хоҳ варақаҳои санҷишӣ, корҳои лоиҳа-вӣ ё тестҳо, арзёбии ҷамъбастӣ барои муайян кардани натиҷаҳои таълим хеле муҳим аст. Ҳангоми татбиқи арзёбии ҷамъбастӣ якчанд омилро бояд ба эътибор гирифт. Аз ҷумла:

Арзёбии ҷамъбастӣ бояд асоснок бошад. Асоснокии арзёбӣ маънои онро дорад, ки саволу супоришҳо ва меъёрҳои арзёбӣ барои санҷиши самараноки салоҳиятҳои хонандагон мувофиқи стандартҳо таҳия шудаанд.

Арзёбии ҷамъбастӣ бояд эътимоднок бошад. Эътимоднокии арзёбӣ талаб мекунад, ки раванди таҳия, баҳодиҳӣ, дараҷабандии саволу супоришҳои санҷишӣ равшан ва мураттаб (мантиқан алоқаманд) бошад.

Маълумот оид ба арзёбӣ бояд дақиқ, дастрас ва шаффоф бошад. Ахбори мушаххас, дуруст, мураттаб ва саривақтӣ оид ба саволу супоришҳо ва тартиби арзёбӣ бояд ба хонандагон, омӯзгорон ва дигар санҷишгарони беруна дастрас бошад.

Арзёбии ҷамъбастӣ бояд фарогир ва одилона бошад. Тибқи талаботи стандартҳо арзёбӣ бояд фарогир ва одилона бошад ва супоришҳо ва тартиби арзёбӣ набояд гурӯҳе ё

шахсеро ба вазъияти ногувор рӯ ба рӯ кунад.
Арзёбии ҷамъбастӣ бояд қисми таркибии таҳияи барномаи таълимӣ буда, ба мақсад ва натиҷаҳои таълим бевосита алоқаманд бошад. Саволу супоришҳои арзёбӣ бояд сараввал моҳияти фанро инъикос кунанд. Илова бар ин арзёбӣ барои ташаккули малака ва қобилиятҳои асосӣ/умумӣ бояд мусоидат намояд.
Миқдори умумии саволу супоришҳои арзёбии ҷамъбастӣ бояд мувофиқ бошад. Тартиби гузаронидани арзёбӣ ва маҷмӯи супоришҳои санҷишӣ бояд натиҷаҳои дуруст ва эътимоднокро пешниҳод кунанд. Арзёбӣ ба сарбории омӯзгор ва фаъолияти таълимии хонанда бояд халал ворид насозад.

Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ ба мақсади тасдиқ кардан ё расман шинохтану ба қайд гирифтани дастовардҳои таълимии хонандагон истифода мешаванд. Новобаста аз навъи воситаи арзёбӣ, хоҳ варақаҳои санҷишӣ, натиҷаи корҳои амалӣ, корҳои лоиҳавӣ ё тестҳо, арзёбии ҷамъбастӣ барои муайян кардани натиҷаҳои таълим хеле муҳим аст.

Тартиби таҳ***ия ва гуз***арондани арзёбии ҷ***амъбаст***ӣ

Пас аз муайян кардани натиҷаҳои таълим (салоҳиятҳо) ва нишондиҳандаҳои он шумо воситаҳои арзёбиро интихоб мекунед. Раванди таҳия ва гузаронидани арзёбии ҷамъбастӣ тартиби муайян дорад. Дар ин фасли дастурамал оид ба тартиби таҳия ва гузаронидани арзёбии ҷамъбастӣ маълумот пешниҳод мекунем. Дар хотир дошта бошед, ки тартиби зеринро новобаста аз навъи воситаи санҷиш (тест, портфолио, кори лоиҳавӣ ва ғайра) ҳангоми таҳия ва гузаронидани арзёбии ҷамъбастӣ истифода бурда метавонед. Дар ин ҷо мо тестро, ки айни замон дар ҷумҳурии мо маъмулан истифода мешавад, ҳамчун намуна интихоб мекунем ва дар асоси он тартиби таҳия ва гузаронидани арзёбии ҷамъбастиро таҳлил хоҳем кард. Пеш аз таҳияи сохтори тест ва саволу супоришҳои он боварӣ ҳосил намоед, ки амалҳои зеринро иҷро мекунед. Дар поён якчанд қадами (амали) таҳия ва гузаронидани арзёбӣ пешниҳод мегарданд,

онҳоро аз назар гузаронед ва ҳангоми тарҳрезии тестҳо мутобиқ созед.

1.Ҳамчун омӯзгор сараввал муайян кунед, ки бо гузаронидани арзёбии ҷамъбастӣ чиро санҷидан мехоҳед ва инро бояд ба хонандагонатон фаҳмонед. Шумо бояд боварӣ ҳосил намоед, ки саволу супоришҳои санҷишӣ новобаста аз навъ (масалан, кори амалӣ, иҷрои корҳои лоиҳавӣ, интихоби ҷавобҳои зиёд, варақаҳои санҷишӣ) ба мақсадҳои таълимии дарсҳо, бобҳои таълим, салоҳиятҳои фанниро фаро мегиранд. Ҳамагуна воситаҳои арзёбие, ки ҳангоми санҷиш интихоб менамоед бояд ҳатман ба талаботи стандарт ва барномаи таълим, натиҷаҳои таълим (салоҳиятҳо, мақсадҳои дарс) мувофиқ бошанд. Яъне шумо он чиро месанҷед, ки таълим додаед!

2.Дараҷаи малака ва салоҳият (Нигаред таксономияи қобилиятҳои маърифатии Блум), ки тавассути арзёбии ҷамъбастӣ санҷида мешавад, бояд пеш аз гузаронидани арзёбӣ муқаррар карда шавад. Дар ин ҷо, бояд дараҷаи дониш ва малакаи хонандагон муайян карда шавад. Дар хотир дошта бошед, ки дараҷаи дониш ва қобилиятҳои маърифатӣ бояд ба фаъолиятҳое, ки дар раванди дарс хонандагон ташаккул додаанд мутобиқат намояд. Яъне, шумо агар дар раванди таълим саволу машқҳои таълимиро дар сатҳи дар хотир гирифтан, фаҳмидан ва истифода бурдан пешниҳод карда бошед, шумо наметавонед, ки саволу супоришҳои тестро барои санҷидани малакаҳои зинаҳои баландтар (таҳлил, арзёбӣ ва эҷод) таҳия намоед. Ин маънои онро дорад, ки дараҷаи мураккабии фаъолиятҳои раванди таълим бояд ба дараҷаи мураккабии саволу масъалаҳои тест мувофиқат кунад. Бо вуҷуди ин шумо бояд ин қобилиятҳои маърифатии сатҳи баландро низ санҷед, зеро баъзан инкишофи фикрии хонандагон новобаста аз фаъолиятҳои таълим ба вуҷуд меояд.

3.Гуногунии навъи саволу супоришҳо ба мақсади арзёбӣ бояд мутобиқат кунад (яъне арзёбии ҷамъбастӣ). Агар мақсадҳои таълим қобилияти баланди фикррониро талаб кунад, он гоҳ саволу супоришҳои тест бояд ҳамин сатҳи қобилиятҳоро санҷанд (масалан, саволҳо барои навиштани

фикру ақида дар шакли шифоҳӣ ё супоришҳое, ки иҷрои ягон амалро талаб мекунанд). Агар мақсади арзёбӣ санҷидан, шинохтан ё ба хотир овардану фаҳмидани маълумот бошад, он гоҳ воситаи интихоб аз якчанд ҷавоб хеле мувофиқ мебошад. Ин воситаи арзёбӣ имконият медиҳад, ки мундариҷаи васеи таълим санҷида шавад. Таъкид менамоем, ки тести таҳиякардаи шумо бояд воситаҳои гуногунро фаро гирад, дар ин ҳолат шумо дурустии/эътимоднокии натиҷаҳои тестро таъмин карда метавонед.

4.Фаҳмо ва мушаххас будани саволу супоришҳои тест бояд таъмин карда шавад. Илова ба фаҳмо ва мушаххас будан, вақти иҷрои саволу супориши тест бояд ба эътибор гирифта шавад. Агар барои гузаронидани санҷиш вақт маҳдуд бошад, бояд шумо миқдор ва навъи саволу супоришро мутобиқ созед, то хонандагон тавонанд дар вақти муайяншуда тестро иҷро карда тавонанд.

5.Ҳамчун омӯзгор шумо бояд дар хотир дошта бошед, ки таҳияи тест ва дигар воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ вақт ва нерӯи зиёдро талаб мекунад. Инчунин, ҳар як воситаи арзёбиро ҳамеша такмил додан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, доимо саволу супоришҳои санҷиширо таҳлил кунед ва онҳоро такмил диҳед.

Қ***оида***ҳои асосии тах***ияи тест***

Ҳангоми тарҳрезии тестҳо ба интихоби навъи супоришҳои тестӣ бояд диққати махсус дода шавад. Новобаста аз интихоби навъҳои супоришҳои тестӣ қоидаҳои зерин бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Қоидаҳои таҳияи тест:

- Боварӣ ҳосил намоед, ки супоришҳои тестӣ мақсад ва натиҷаҳои таълиме, ки дар раванди таълим аз худ шудаанд, фаро мегиранд;
- Барои таҳияи супоришҳои тестӣ нишондиҳандаҳои салоҳиятнокиро, ки дар стандартҳои фаннӣ оварда шудаанд ба эътибор гиред;
- Аз истифодаи қолабҳои супоришҳои тестие, ки хонандагон ягон маротиба истифода набурдаанд, худдорӣ кунед. Хонандагон бояд бо ҳамаи қолабҳои супоришҳои

тестие, ки шумо истифода бурданӣ ҳастед, шинос бошанд. Шумо метавонед ин воситаҳоро дар раванди таълим ҳамчун машқҳои мустаҳкамкунии дониш, малака ва маҳорат истифода баред. Инчунин ин воситаҳоро ба мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда истифода баред, ин имконият медиҳад, ки хонандагон бо шакли супориш шинос шаванд ва онро пешакӣ машқ кунанд;

➢ Баъд аз додани дастурҳо оид ба пур кардани тест, як маротиба бо хонандагон супоришҳои тестиро аз назар гузаронед. Талаботи супоришҳоро муҳокима кунед. Инчунин холҳое, ки дар натиҷаи дуруст иҷро кардани ҳар як навъи супориш дода мешаванд, бо хонандагон муҳокима намоед.

*Қоидаҳои* сохтани тест

➢ Ҳамаи супоришҳои тестӣ бояд фаҳмо ва мушаххас бошанд. Калима ва ибораҳои мураккабро истифода набаред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳар як супориши тест як ақидаи пурраро фаро гирифта, як ҷавоби дурустро талаб мекунад. Ҳар як супориши тест бояд пурра фаҳмо ва аз дигар супоришҳои тест вобаста набошад;

➢ Боварӣ ҳосил намоед, ки тести шумо дар маҷмӯъ навъҳои гуногуни супоришҳои тестиро (масалан, интихоби озод, мувофиқгузорӣ, дуруст ё нодуруст) фаро мегирад. Ин имконият медиҳад, ки тести таҳиякардаи шумо эътимоднок гардад;

➢ Барои иҷрои тест ба хонандагон дастури мушаххас ва фаҳмо дода шавад;

➢ Саволҳо бояд барои инъикоси як ақида ё мавзӯъ нигаронда шуда бошанд. Саволҳои тестӣ бояд барои муайян кардани он ки хонанда ахбори мушаххасро медонад ё амали муайянро иҷро карда метавонад таҳия карда шаванд;

➢ Агар шумо супоришҳои тестие, ки интихоби ҷавоби дурустро талаб мекунанд таҳия кардан хоҳед, он гоҳ боварӣ ҳосил намоед, ки ҷавобҳои нодуруст ба ҷавоби дуруст аз ягон ҷиҳат монандӣ доранд ва ин ба хонандагон имконияти фикр карданро фароҳам меорад. Ҷавобҳои

нодурусте, ки ба мавзӯи санҷидашаванда мувофиқ нестанд истифода набаред;

- Миқдори саволу супоришҳои тестиро пешниҳод кунед, ки ба вақти барои хонандагон ҷудошуда мувофиқ бошад. Одатан барои як саволу супориши тестӣ 2-3 дақиқа вақт барои хондан, фаҳмидан ва иҷро кардан тавсия мешавад;
- Агар миқдори холҳои саволҳое, ки навиштани ҷавобро талаб мекунанд назар ба дигар саволу супоришҳо зиёдтаранд, пас ин холҳоро дар бари саволу супоришҳо нависед.

Қоидаҳои гузаронидани тест

- Гузаронидани тест дарҳол пас аз тамом шудани марҳалаи муайяни таълимие (боби таълим, силсилаи дарсҳо), ки барои ташаккули малакаҳои санҷидашаванда бахшида шудаанд, хуб аст. Агар аз замони ба охир расидани марҳала вақти зиёд гузарад имконияти ба таври самаранок гузаронидани санҷиш аз даст меравад.
- Чуноне ки қайд шуда буд, барои иҷрои тест ба хонандагон вақти кофӣ пешниҳод намоед. Барои раҳнамоӣ ва фаҳмондани супоришҳои тест омода бошед.
- Барои гузаронидани тест дар синф фазои ором ташкил намоед, то ҳамаи хонандагон ба иҷрои тест озодона машғул шаванд.

Қ*оида*ҳ*ои* таҳ*лили* (*аз*назаргузаронии) тест**:**

- Иҷрои умумии супоришҳои тестиро таҳлил намоед, яъне кадом самтҳо ё мундарифа барои хонандагон осон ва кадом унсурҳо барои хонандагон мушкил буд.
- Ҳар як супориши тестиро дар алоҳидагӣ таҳлил намоед: чанд нафар хонанда онро иҷро карда тавонистанд, миқдори холҳои гирифаи хонандагон, супориш. Ин имконият медиҳад, ки дурустӣ, эътимоднокӣ ва мутобиқ будани супориши тестиро санҷед.
- Пас аз ҳар марҳалаи гузаронидани тест супоришҳои тестиро таҳлил ва такмил диҳед.

➢ Дар хотир дошта бошед, ки саволу супоришҳои тестии хубтарҳрезишуда эътимоднокии арзёбии шуморо таъмин намуда, ба самаранокии қарорҳое, ки дар асоси он қабул карда мешаванд, мусоидат мекунанд.

Намунаҳ***ои супориш***ҳ***ои тест***ӣ

Интихоби як ҷавоби дуруст

Ин навъи супориши тест маъмулан хеле зиёд истифода мешавад. Тавассути навъи супориши мазкур дараҷаҳои гуногуни дониши хонандагонро санҷидан мумкин аст.

Тартиб:

➢ Мақсади таълимие, ки санҷиданӣ ҳастед муайян кунед.

➢ Ақида ё саволи асосӣ таҳия намоед.

➢ Чор ҷавоб, ки яке аз онҳо дуруст аст, тартиб диҳед. Ҷавобҳои нодуруст бояд ба
ҷавоби дуруст хеле наздик бошанд.

Намуна:

1. Амалиёти пайдарҳамии коркарди масолеҳи хӯрокро чӣ меноманд?

а) раванди технологӣ;
б) раванди иқтисодӣ;
в) раванди хӯрока;
г) раванди коркард.

**2. Кунҷакҳо аз чӣ иборатанд?**

а) аз ду пластинкаи ҷудонашавандаи филизӣ;
б) аз ду тахтача;
в) аз тунукаи ғавс;
г) аз пластмасса.

**Дуруст ё нодуруст**

Чунин супориши тестӣ ба мақсади муайян кардани дарки маънии ахбори шунида ё матни хонда дода мешавад. Дар он як ақидаи дуруст ё нодуруст пешниҳод шуда, аз хонанда хоҳиш карда мешавад, ки онро муайян намоянд.

**Тартиб:**

➢ Мақсад ва натиҷаҳои таълимие, ки санҷиданӣ ҳастед,

муайян кунед;

- ➢ Ба кадом салоҳият ва нишондиҳандаҳои стандарти фанни мувофиқ будани мақсадҳои таълимро муқаррар намоед;
- ➢ Дараҷаи қобилияти маърифатие, ки саволу супоришҳоро таҳия карда мешавад, муайян намоед;
- ➢ Доир ба мавзӯъ (матни хонда, ахбори шунида ва ё амалиёти иҷрокарда) якчанд ақида баён намоед, ки дуруст ва нодуруст бошанд;
- ➢ Онҳоро таги ҳам нависед ва дар бари ҳар яки онҳо катакча кашед ва калимаҳои дуруст ва нодурустро нависед;
- ➢ Хонандагон пас аз хондани матн дуруст ё нодуруст будани ақидаҳоро муайян менамоянд.

**Намуна:**

1) Дуруст ё нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунед.

а. Навдаҳои дарахтон хосиятҳои физикӣ-механикӣ доранд. ☐ дуруст; ☐ нодуруст

б. Масолеҳи бофташаванда нуқсон доранд. ☐ дуруст; ☐ нодуруст

в. Масолеҳро барои бофтан аз кӯҳ дарёфтан мумкин аст. ☐ дуруст; ☐ нодуруст

г. Навдаҳои бедро тамоми сол мегундоранд. ☐ дуруст; ☐ нодуруст

2) Дуруст ё нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунед.

а. Интерери ошхона фазои ошхона буда, бо асбобу анҷоми мураттаб оро дода шудааст

☐ дуруст; ☐ нодуруст

б. Консервонии маҳсулоти хӯроквори дар асри XVII пайдо шудааст.

☐ дуруст; ☐ нодуруст

в. Либосҳои аз абрешими сунъӣ дӯхташударо дар $150^0$ C дарзмол мекунанд.

☐ дуруст; ☐ нодуруст

г. Андозагириро аз рӯ ба рӯи тарафи ҷусса мегиранд.

☐ дуруст; ☐ нодуруст

**Мувофиқгузорӣ**. Тавассути супориши тестии мазкур хонандагон ду қисми як масъала (калима, ибора, ҷумла, мафҳум, алоқамандии мантиқӣ)-ро ба ҳам мувофиқ мегузоранд.

**Тартиб:**

- Мақсад ва натиҷаҳои таълимие, ки санҷиданӣ ҳастед муайян кунед;
- Ба кадом салоҳият ва нишондиҳандаҳои стандарти фаннӣ мувофиқ будани мақсадҳои таълимро муқаррар намоед;
- Дараҷаи қобилияти маърифатие, ки саволу супоришҳоро таҳия карданиед муайян намоед;
- Як қисми калима, ибора, мафҳум, ифодаҳоро дар сутуни А ва қисми дигари онҳоро дар сутуни Б нависед;
- Тартиби пайиҳамии сутуни А ба сутуни Б бояд мувофиқ набошад;
- Сатрҳои сутуни А-ро бо рақам ишора карда, дар бари рақамҳо хати кӯтоҳ кашед;
- Сатрҳои сутуни Б-ро бо ҳарфҳо ишора намоед;
- Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки мафҳумҳои сутуни А-ро бо сутуни Б мувофиқ гузоранд. Хонандагон танҳо ҳарфҳои тартибии мафҳумҳои сутуни Б-ро дар бари мафҳумҳои мувофиқи сутуни А менависанд.

**Намуна:**

1) Калимаҳои сутуни А-ро бо калимаҳои сутуни Б мувофиқ гузоред.

| **Сутуни А** | **Сутуни Б** |
|---|---|
| ___ 1. Кулолгарӣ | а. навдаҳо |
| ___ 2. Сикказанӣ | б. гаҷ |
| ___ 3. Гаҷкорӣ | в. металлтахта |
| ___ 4. Сабадбофӣ | г. тахта |
| ___ 5. Кандакорӣ | д. гил |

1) Калимаҳои сутуни А-ро бо калимаҳои сутуни Б мувофиқ гузоред.

| Сутуни А | Сутуни Б |
|---|---|
| ___ 1. Хӯроки миллӣ | а. Ҷигар |
| ___ 2. Маҳсулоти гӯштӣ | б. Оши палав |
| ___ 3. Сабзавот | в. Пиёз |
| ___ 4. Касбу ҳунари миллӣ | г. Кашидадӯзӣ |
| ___ 5. Консервонӣ | д. Ҷем ва мураббо |

Пур кардани ҷойҳои холӣ

Супориши тестии мазкур аз хонандагон талаб менамояд, ки калимаи дурустро ба ҷойи холии ҷумла гузоранд.

**Тартиб:**

- Мақсад ва натиҷаҳои таълимие, ки санҷиданӣ ҳастед, муайян кунед;
- Ба кадом салоҳият ва нишондиҳандаҳои стандарти фаннӣ мувофиқ будани мақсадҳои таълимро муқарар намоед;
- Дараҷаи қобилияти маърифатие, ки саволу супоришҳоро таҳия карданиед муайян намоед;
- Доир ба мавзӯи интихобкардаатон ҷумла ё ақидае таҳия намоед. Як калимаи асосӣ ё калидиро аз ҷумлаи навиштаатон тоза кунед. Ба ҷойи калима хат кашед;
- Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷойи холӣ калимаи мувофиқ ёбанд.

Намуна:

**1.Ҷумларо** хонед ва ба ҷ**ойи хол**ӣ калимаи мувофиқ **гузоред.**

Матоъҳо ду тараф доранд: тарафи ________ ва чаппа.

**Меъёрҳои арзёбӣ**

Меъёрҳо барои фанҳои гуногун, ба монанди риёзӣ, таърих, забон, забонҳои хориҷӣ, мусиқӣ ва ҳатто ҳунари пухту паз низ кор карда баромада мешаванд. Меъёрҳо кӯмак мекунанд, ки омӯзиш ба фаҳмишҳо ва стандартҳои асосие, ки аз тарафи хонандагон бояд аз худ шаванд, муттамарказ

ва равона шаванд. Пас аз тайёр кардани он меъёрҳо онҳоро ба осонӣ тағйир дода, ба синфҳо ва сатҳи гуногуни дониши хонандагон мутобиқ сохтан мумкин аст. Дар давоми соли хониш меъёрҳои арзёбӣ бетағйир монда, танҳо малакаю қобилияти хонандагон ва инчунин роҳу воситаҳои таълимдиҳии шумо дигаргун шуда метавонанд.

Меъёрҳои арзёбиро чӣ тавр таҳия кардан мумкин аст?

Таҳияи меъёрҳои арзёбӣ дар зинаҳои аввал вақти муайянеро талаб менамояд. Танҳо ҳамон вақт ба ҳукми анъана медарояд, ки шумо барои тайёр кардани маводи сифатан баланд вақти кам сарф менамоед. Намунаи дар зер овардашуда ба шумо барои оғоз намудани кор кӯмак мерасонад:

Ба қароре оед, ки шумо чиро таълим доданӣ ҳастед. Вазифаҳои асосии омӯзиш кадомҳоянд?

Меъёрҳои арзёбиро муайян кунед. Натиҷаҳои интизоршавандаро номбар кунед.

Ҷадвалро тайёр кунед. Ба он мафҳум ва меъёрҳоро дохил намоед.

Пеш аз ба кор шурӯъ кардани хонандагон бо онҳо меъёрҳоро муҳокима кунед.

Натиҷаи ниҳоиро баҳо диҳед. Барои муайян кардани сатҳи азхудкунии хонандагон посухҳои инфиродии хонандагонро бо меъёрҳои баҳодиҳӣ муқоиса кунед.

Мисол, агар Шумо пешрафти корро дар гурӯҳҳои хурд баҳо додан хоҳед, пас ҳангоми муайян намудани меъёрҳо Шумо бояд ба масъалаҳои зерин аҳамият диҳед:

- барои ҳалли мушкилот ақидаҳо чӣ тавр пешниҳод карда мешаванд;
- муҳокима ва қабули қарор чӣ гуна сурат мегирад;
- оё хонандагон ба якдигар мадад мекунанд;
- ба баҳои умумии кори гурӯҳи худ хонандагон чӣ гуна муносибат доранд (оё онҳо ин баҳоро ҳақ мешуморанд, оё хонандагон он меъёрҳоро медонанд, ки аз рӯйи онҳо баҳо мегиранд ва ғ.);
- хонандагон худбаҳодиҳӣ ва ҳамбаҳодиҳии

самаранокии кори гурӯҳиро чӣ тавр мегузаронанд.

Дар ин ҳолат таҳияи чунин меъёрҳо дар якҷоягӣ бо хонандагон мувофиқи мақсад аст. Аввал ин, ки чунин кор раванди арзёбиро барои ҳама шаффоф ва фаҳмо мекунад; дуюм, таҳияи якҷояи меъёрҳо имкон медиҳад, ки муносибат ба арзёбӣ ба таври мусбат ташаккул ёбад; сеюм ин аст, ки қобилияти арзёбӣ кардан аз рӯйи меъёрҳо барои одам тамоми ҳаёт боқӣ мемонанд.

Дар ҳар сурат, агар шумо худатон меъёрҳоро таҳия карда бошед ҳам, онҳоро бо хонандагон муҳокима кардан зарур аст. Пас аз муҳокимаи меъёрҳои арзёбӣ бо хонандагон натиҷаи онҳо дар ҷойи намоён, ба монанди тахтаи синф овехта ва ё ба шакли мавод тақсим карда мешаванд.

Намунаҳои меъёрҳои арзёбӣ ба навъҳои асосии фаъолияти таълим

Дар поён вариантҳои меъёрҳои арзёбӣ ба навъҳои асосии фаъолияти мустақилонаи дар курси элективӣ (фанни интихобӣ) пешбинишуда оварда мешаванд.

Кори гурӯҳиро чӣ гуна арзёбӣ бояд кард?

Курси элективии пешниҳодшаванда шаклҳои гурӯҳии корро дар бар мегирад. Чунин шакли ҳамкории хонандагон арзёбиро мушкил мегардонад. Дар поён барои арзёбӣ ба кори гурӯҳии хонандагон мисол оварда мешавад.

Мисолҳои меъёри арзёбии кори гурӯҳӣ:

**1. Ба кор маш**ғул будани аъзоёни гурӯҳ. Гурӯҳ кори худро ба нақша мегирад ва нақшҳоро тақсим мекунад. Танҳо дар ҳамин ҳолат аз лаҳзаи нобоб, ки 1-2 нафар кор мекунанд, дигарон пассивона мушоҳида менамоянд, халос шудан мумкин. Гурӯҳ метавонад ба холи баланд умедвор шавад, ки ҳамаи аъзоёни гурӯҳ дар кор ва муҳокима иштирок кунанд.

**2. Ба** ҷараёни муаррифии натиҷаи кори гурӯҳ машғул будани аъзоёни гурӯҳ. Мумкин аст, ки аъзоёни фаъол ва серҳаракати гурӯҳ нисбат ба дигарон бештар баромади яккахонӣ мекунанд, аммо театри як актёр ба кӣ даркор аст?! Аз гурӯҳ бояд намояндагони гуногун баромад кунанд, ки ин бевосита ба нишондиҳандаҳои холҳои гурӯҳ таъсир мерасонад.

**3. Ёрии байни**ҳамдигарӣ. Ҳангоми баромадҳо/маърӯзаҳо ҳамаи аъзоёни гурӯҳ ба ҳам ёрӣ мерасонанд, ҷавоби ҳамдигарро пурра месозанд. Ҳар як нафар бояд эҳсос кунад, ки аз ҷониби ҳамгурӯҳҳо дастгирӣ меёбад ва бояд чун як даста амал кард.

**4. Ва**қт. Агар гурӯҳ метавонад, ки дар вақти барои супориш ҷудошуда аз ӯҳдаи кор барояд, ин ҳам ба нишондиҳандаи хол таъсири мусбат мерасонад.

**Меъёрҳои арзёбӣ ба реферати таълимӣ**[2]

| Нишондиҳандаҳои арзёбӣ | Меъёрҳо |
|---|---|
| Мувофиқати мазмуни реферат ба мавзӯъ | ➢ ҳамаи фикрҳои дар реферат овардашуда ба мавзӯъ мувофиқанд;<br>➢ фикрҳои дар реферат пешниҳодшуда дурустанд; |
| Амиқии таҳлили мавод | ➢ дар реферат ақидаҳои асосии сарчашмаи рефератшаванда баён шудаанд;<br>➢ фикрҳои асосӣ равшан ва асоснок зикр шудаанд; |
| Дурустӣ ва пуррагии истифодаи сарчашмаҳо | ➢ сарчашмаҳои интихобшуда ба мавзӯи реферат мувофиқат мекунанд;<br>➢ дар реферат шарҳи адабиёти истифодашуда оварда шудаанд;<br>➢ дар реферат фикрҳо иқтибос шуда ва сарчашамаҳо дуруст сабт гардидаанд |

2 Меъёрҳо дар асоси маводи китоби: Кулҳтура устной и писҳменной речи делового человека: Справочник. Практикум. – 15-е изд. – М.: Флинта: Наука, 2009. – С. 76-77., таҳия гардидаанд

| | |
|---|---|
| Мувофиқати ороиши реферат ба меъёрҳо | ➢ реферат аз муқаддима, қисми асосӣ ва хулоса таркиб ёфтааст;<br>➢ рӯйхати адабиёт дорад. |

Аннотатсия – навъи кори мустақилонаи хонанда, ки барои баёни мухтасари сарчашмаи аввалӣ равона шуда, дар бораи мавзӯъ тасаввуроти умумӣ медиҳад.

Ҷамъбастии таҳлилӣ - навъи реферати мустақилонаи сарчашмаи аввалияи иттилоъ, ки пеш аз ҳама ба таҳлили ахбор равона шудааст.

**Меъёрҳои арзёбӣ ба ҷамъбасти таҳлилӣ[3]**

| Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|
| Таҳияи андешаҳо | ➢ андеша мустақилона дар шакли ҷамъбастӣ таҳия шудааст; |
| Асосӣ | ➢ ақидаи асосӣ ба андешае, ки дар матн ифода шудааст, мувофиқат мекунад; |
| Дақиқии ҷудо кардани ҳолатҳои асосии матн ва баёни хаттии онҳо | ➢ ақидаҳо ғояҳои асосии матнро ифода мекунанд;<br>➢ ҳолатҳо ба ақидаи асосии матн мувофиқанд, онро кушода медиҳанд;<br>➢ ақидаҳо дар матн саҳеҳ пешниҳод шудаанд (иқтибос шудаанд). |

3 Меъёрҳои мазкур аз китоби: Задорoчная Н.П., Низовская И.А. От педагогического опкта к педагогической рефлексии: Методические рекомендайии по организайии и проведению педагогических мастерских. – Бишкек: Maxpқint, 2011. – Саҳ. 55. гирифта шудаанд.

| | |
|---|---|
| Мӯъҷазии интиқоли мисолҳо, далелҳо, андешаҳои маъруф | ➢ ҷумлаҳо, матнҳои хурд босаводона сохта шудаанд;<br>➢ мисолҳо, далелҳо, ақидаҳои маъруфи овардашуда ба андешаҳои таъкидшуда мувофиқат мекунанд;<br>➢ дар матни реферат ифодаҳое ворид карда шудаанд, ки андешаҳо ва шарҳи онҳо, бо далелҳо алоқамандand. |
| Риояи сохтори умумии кор | ➢ дар матн муқаддима, қисмати асосӣ, хулоса ҳаст;<br>➢ дар байни ҳамаи қисмҳо алоқаи мантиқӣ мавҷуд аст;<br>➢ дар матн ишораҳои забоние мавҷуданд, ки ҳар як қисмати сохториро ифода мекунанд. |
| Ба меъёрҳо мувофиқат кардани ороиши навиштаҷоти академӣ | ➢ ишораҳо босаводона сабт ёфтаанд;<br>➢ иқтибоси босаводонаи ақидаҳои асосӣ;<br>➢ принсипи поквиҷдонии академӣ риоя шудааст. |

**Меъёрҳои арзёбӣ ба эссе-рефлексия**[4]

| Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|
| 1.Шарҳи босаводонаи матн (сатҳи фаҳмиши ғояҳо, мафҳумҳо, зуҳурот, ки дар матн инъикос ёфтаанд, таассуроти хонандагӣ) | ➢ дар эссе ғояҳои ҷудокардашуда фаҳмоянд, дар навишт босаводона ифода ёфтаанд. |
| 2.Босаводона иқтибос ва ишора кардан | ➢ дар эссе усули гуногуни иқтибосоварӣ истифода шудаанд;<br>➢ иқтибосҳо босаводона сабт шудаанд;<br>➢ дар матн ишораҳо босаводона сабт шудаанд. |
| 3.Пуррагии мазмун ва таркиби эссе (муқаддима, қисмати асосӣ, хулоса, ороиши сархат, гузариш аз як фикр ба фикри дигар) | ➢ дар матн муқаддима, қисми асосӣ ва хулоса мавҷуд аст;<br>➢ қисмҳои сохторӣ ба сархатҳо ҷудо карда шудаанд;<br>➢ муаллиф барои ифодаи қисматҳои таркиби воситаҳои забониро истифода бурдааст. |
| 4.Саводнокӣ дар саҳифабандии компютерӣ | ➢ кор мувофиқи талабот бо саҳифабандии компютерӣ ороиш ёфтааст. |

4 ***Задорожная Н.П., Абдуллоев И., Гулов А. «Таълими кӯдакони шашсола» Душанбе 2012.***

**Меъёрҳои арзёбии муаррифии гурӯҳӣ**[5]

| № | Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1 | Сифати ороиши аёният | ➢ сабтҳо тоза анҷом дода шудаанд;<br>➢ андозаи ҳарфҳо имкон медиҳанд, ки ороиш аз 4-6 метр хонда шавад. |
| 2 | Сохтор ва мундарица | ➢ фикрҳои асосӣ ишора карда шудаанд (бо ранг, курсив, рамз);<br>➢ муаррифӣ холӣ аз маълумоти дуюмдарачаи зиёдатӣ аст;<br>➢ қолаби сохтор имконият медиҳад, ки маънӣ бе шарҳи иловагӣ дарк карда шавад. |
| 3 | Сифати маърӯза | ➢ муаррифӣ дар вақти муқарраршуда анҷом ёфт;<br>➢ дар мундарица ҳамаи фикрҳои асосӣ таҳлил шудаанд;<br>➢ нутқи маърӯзачиён босаводона, таъсирбахш буд. |

5 Меъёрҳои мазкур аз Дастури Сафин Д, Мусина Р, Гулов ва дигарон «Роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон» Душанбе 2009. гирифта шудаанд

**Меъёрҳои арзёбии коркарди сенарияи дарс**[6]

| № | Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1 | Сохтор ва ҷобаҷогузорӣ | ➢ мақсад дақиқ таҳия гардида, ба натиҷа нигаронида шудааст;<br>➢ вазифаҳои таҳияшуда барои муваффақ шудан ба натиҷаҳои интизоршаванда мусоидат мекунанд;<br>➢ методҳои истифодашаванда ба мақсад ва вазифаҳои дарс мувофиқат мекунанд;<br>➢ фаъолияти омӯзгор ва хонандагон зикр карда шудааст;<br>➢ шакли робитаи мутақобил ба нақша гирифта шудааст;<br>➢ вақт барои ҳар як лаҳзаи дарс нишон дода шудааст. |
| 2 | Далеловарӣ | ➢ хонанда мақсад ва вазифаҳоро барои дарс асоснок карда метавонад;<br>➢ технологияи истифодаи метод, вазифаҳо ва шаклҳои фаъолияти хонандагонро барои ба даст овардани натиҷаҳои интизоршаванда дақиқ фаҳмонда метавонад. |

6 Адабиёти зикршуда

**Меъёрҳои арзёбии кластер**[7]

| № | Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1 | Пуррагии мафҳумҳои асосии ҷудошуда | ➢ мафҳумҳои асосӣ мундариҷаи асосии сарчашмаро инъикос мекунанд;<br><br>➢ мафҳумҳои асосӣ ба воситаи калимаҳо, ифодаҳо пешниҳод шудаанд. |
| 2 | Дурустии баёни робитаҳои мантиқӣ | ➢ робитаҳои мантиқӣ байни мафҳумҳо вобаста ба мундариҷаи матн нишон дода шудаанд;<br><br>➢ аз рӯйи робитаҳо муайян кардан мумкин аст, ки фикрҳои асосӣ кадоманд ва фикрҳои дуюмдараҷа кадоманд. |
| 3 | Сифати ороиш | ➢ имконият медиҳад, ки сохтори мантиқӣ бе шарҳ фаҳмида шавад;<br><br>➢ қайдҳо ва аломатҳои шартӣ хоно пешниҳод шудаанд ва барои дарки биноӣ мувофиқанд. |

7 Меъёрњои овардашуда дар чањорчўбаи тренинг барои омўзгорони коллељњои омўзгорї,ки бо дастгирии Лоињаи ЮСАИД оид ба таълими босифат (QLP) ташкил шуда буд тањия шудаанд.

**Меъёрҳои арзёбии Диаграммаи Венн**

| № | Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1 | Интихоби оқилонаи нишондиҳандаҳо барои муқоиса | ➢ нишондиҳандаҳои муқоиса хоси объектҳои қиёсшаванда ҳастанд;<br>➢ нишондиҳандаҳо бо мақсади дар пешгузоштаи муқоиса мувофиқат мекунанд. |
| 2 | Мувофиқати мақсад ба хусусиятҳо, нишондиҳандаҳои ҷудокардашуда | ➢ хусусиятҳо / нишондиҳандаҳои муқоиса ба мақсади муқоиса мувофиқанд;<br>➢ хусусиятҳо/нишондиҳандаҳо бо ҳам мутаносибанд, такрор намешаванд. |
| 3 | Мантиқӣ ва дақиқ будани хулосаҳо | ➢ хулоса ба мақсади муқоиса мувофиқ аст;<br>➢ хулоса аз муқоиса баровarда мешавад. |

Меъёрҳои арзёбии ҷадвали ИНСЕРТ

| № | Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1. | Саводнокӣ дар аломатгу-зорӣ ба матн | ➢ аломатгузориҳо ба чигунагии қабули ахбор аз ҷониби хонанда мувофиқат мекунанд;<br>➢ ахбори асосӣ бо ин ё он аломат ишора карда шудааст. |

| | | |
|---|---|---|
| 2 | Саводнокӣ дар таҳияи саволҳо | ➢ савол аз нигоҳи грамматикӣ дуруст гузошта шудааст;<br>➢ савол ба ахбори маълум ва нав мувофиқат мекунад. |
| 3 | Сифати пур кардани ҷадвал | ➢ навиштаҷот босаводона ва мухтасар анҷом шудаанд;<br>➢ дар ҳар як сутунчаи ҷадвал камаш 3 фикр зикр шудааст. |

**Меъёрҳои арзёбии ҷадвали ММД**

| № | Нишондиҳандаҳо | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми донишҳо оид ба мавзӯъ | ➢ маълумоти пешина бо ифодаҳои дақиқ ва мухтасар сабт шудааст;<br>➢ маълумоти пешина бевосита ба мавзӯи омӯхташаванда алоқамандӣ дорад. |
| 2 | Саводнокӣ дар гузоштан ва таҳияи саволҳо | ➢ саволҳо дақиқ ва босаводона гузошта шудаанд;<br>➢ саволҳо ба ахбори маълум мутаносибанд. |
| 3 | Миқдори тасаввуроти ҷамъшуда оид ба мавзӯъ | ➢ як қисми саволҳои пеш аз хондани матн гузошташуда бо ифодаҳои дақиқ ва мухтасар ошкор шудаанд;<br>➢ ахбори нав сабт ва саволҳо гузошта шудаанд. |

| | | |
|---|---|---|
| 4 | Маданияти сабткунӣ | ➢ навиштаҳо бо сутунчаи ҷадвал мувофиқат мекунанд;<br>➢ қайдҳо бо ҳам мувофиқат мекунанд (савол - ҷавоб; нав ва ғ.) |

**Портфолио чӣ** гуна арзёб**ӣ** карда **мешавад?**[8]

Яке аз талаботи муносибати салоҳиятнок ба таълим ташкил намудани шароит барои худбаҳодиҳӣ ва худназоратии хонандагон аст. Барои ташаккули малакаҳои мазкур машғулияти махсусе пешбинӣ шудааст, ки хонандагон имконияти аз худ кардани технологияи ташкили портфолиоро меомӯзанд. Меъёрҳои арзёбӣ ба кори хонанда дар ин самт, чун қоида, якҷоя бо хонанда муайян карда мешавад, аммо аз ҷониби омӯзгор низ пешниҳод шуданаш ҳам мумкин аст. Дар ҳар сурат тавсия дода мешавад, ки ба сифати меъёрҳо нуктаҳои зерин ба назар гирифта шаванд: мавҷудияти фасл ва хулосаҳои ҳатмӣ; истифодаи методҳои таҳқиқотии кор; хусусияти лоиҳавии портфолио; «таассуроти шахсӣ» ба мазмун; сифати ороиш; таҳлили манфиатбахшии портфолио барои худи хонанда.

Вариантҳ**ои арзёбии портфолио:**

- танҳо ҷараён ва хусусияти кор аз рӯйи портфолио арзёбӣ карда мешавад;
- бо меъёрҳои додашуда танҳо қисмҳои ҷудогонаи портфолио (масалан, фаслҳои ҳатмӣ) арзёбӣ карда мешаванд;
- ҳамаи фаслҳо арзёбӣ мегарданд, баҳои умумӣ ба ҳисоби

8 Сафин Д., Мусина Р., Гулов А. ва диг. Ташхиси педагогӣ, дастури таълимӣ, 2009

миёнаи арифметикӣ бароварда мешавад;

- вариантҳи ниҳоии портфолио аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ таҳияшуда арзёбӣ мегардад;
- на танҳо худи портфолио, инчунин сифати муаррифии он арзёбӣ карда мешавад;
- портфолио арзёбӣ карда намешавад, балки хонанда дар дарси ҷамъбастӣ ё назоратӣ барои муаррифӣ қисмҳои ҷудогонаи онро ҷудо мекунад.

Мо пешниҳод мекунем, ки дар доираи курси элективӣ усулҳои зерини арзёбии портфолиоро истифода кунед:

Яке аз усулҳои арзёбӣ ҷадвали «**ҚАДР**» ба ҳисоб меравад.

| | |
|---|---|
| Қ | Қисми ҷолиби портфолио. Кадом ҷиҳатҳояш бештар маъқул буданд? |
| **А** | Аз ҳама беҳтар ва хубтар кадом мавзӯъҳо кушода дода шуданд<br><br>(пурратар, бо далелҳо исбот шуда, амиқтар ва чуқуртар) |
| **Д** | Дар асоси меъёрҳои шахсӣ арзёбӣ кардан ба портфолио |
| **Р** | Равшантарин хулоса оид ба тамоми ҷабҳаҳои портфолио |

Нақшаи мазкур ҳам инфиродӣ ва ҳам дар гурӯҳ пур карда мешавад.

**Алоқ***аи арзёб***ӣ** *ва раванди таълим*

Қайд кардан зарур аст, ки арзёбии ташаккулдиҳанда ва таълим аз ҳам ҷудонашавандаанд. Истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда моҳияти таълими самаранок аст, он метавонад асбоби пурқуввати беҳтарсозандаи таълим гардад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор ҳангоми пайдо шудани проблемаҳо барои ислоҳ кардани раҳёфти худ ба таълим ёрӣ мерасонад. Барои он ки арзёбӣ ташаккулдиҳанда бошад, натиҷаҳо бояд ҳангоми ислоҳи ҷараёни таълим ва омӯзиш истифода карда шаванд; бинобар ин, усулҳое, ки омӯзгорон бо ёрии онҳ**о чунин ислоҳот мегузаронанд, ҷанбаҳои муҳими ҳама гуна барномаи арзёб**ӣ **ба ҳисоб** мераванд. Роҳ**и ягонаи донистани он, ки оё зарурати тағйир додани раҳёфт ва методҳои таълим мавҷуданд ё не, дар мониторинги ҷараёни таълим бо истифодаи мунтазами стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда (формативӣ**) меистад.

Омӯз**горони дорои категорияҳои гуно**гуни тахассусӣ **метавонанд дар синфҳои компонентҳои асосии арзёбии формативиро истифода кунанд. Аммо ин аз баъзе омӯзгорон дар масъалаи тарзи тафаккури онҳо пешравиро талаб мекунад. Омӯзгорон ду масъалаи асосиеро бояд ҳал кунанд, ки бо сарчашмаи бисёр пробле**ма**ҳои гузариш ба баҳодиҳии ташаккулдиҳанда алоқамандбуда ба ҳисоб мераванд.**

Масъалаи якум дар табиати тасаввуроти ҳ**ар як омӯзгор доир ба таълим зоҳир мешавад. Агар омӯзгор фикр кунад, ки дониш дода ва азхуд карда шавад, фаҳмиш баъдтар пайдо мешавад ва** фаҳ**мо шарҳ додан шарти асосии таълими сифатнок аст, арзёбии ташаккулдиҳанда барои ӯ лозим ҳам нест. Ин ҷо масъалаи тағйир додани назари омӯзгор ба самаранокии арзёбии ташаккулдиҳанда тавассути далелҳои амалӣ ба миён меояд. Агар дар мактаб истифодаи страте**гия**ҳои нави таълим ва омӯзиш қадрдонӣ карда мешавад, бо мурури вақт назари омӯзгорон оҳиста-оҳиста тағйир меёбад.**

Дуюм – омӯз**горон бояд фаҳманд, ки арзёбии ташаккулдиҳанда ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи таълими интерактивӣ аст.**

Дар чунин тарзи таълим:

➢ маданияти муҳокимаи якҷояи омӯзгор ва хонанда

дар синф татбиқ карда мешавад;

- усулҳои рушди тафаккури интиқодӣ истифода карда мешаванд;
- муҳити ҳавасмандкунандаи саволҳои хонандагон ташкил карда мешавад;
- хонандагон аз мақсади таълим огоҳ карда мешаванд;
- хонандагон ба ҷараёни худбаҳодиҳӣ ҷалб карда мешаванд;
- робитаи мутақобиле таъмин карда мешавад, ки барои муайян кардани қадамҳои минбаъдаи рушди хонандагон ба онҳо ёрӣ мерасонад;
- боварии хонандагон ба он, ки ҳар кадоми онҳо барои беҳтар кардани натиҷаҳои худ қобилият доранд, дастгирӣ карда мешавад;
- ба хонандагон намунаҳое пешниҳод карда мешавад, ки онҳо интизоранд.

Арзёбии ташаккулдиҳ**анда бояд ба омӯзгор чунон пешниҳод карда шавад, ки омӯзгор онҳоро ба метод ва таҷрибаи шахсии таълимии худ дар син**ф бо назардошти меъёрҳ**ои ахлоқӣ ва ҷамоаи муассисаи таълимӣ мутобиқ созад. Типҳо ва стратегияҳои гуногуни баҳодиҳии ташаккулдиҳанда мавҷуданд, ки муваффақияти онҳо аз омӯзгори ҷудогона ва омодагии ӯ барои бунёди муҳити таълимии самаранок барои хонандагон вобастаанд.**

Дар рафти омӯ**зиш шумо силсилаи стратегияҳо, методу усулҳои интерактивиро азхуд мекунед. Омӯзиши мунтазам ва бамулоҳизаи шаклҳои фаъоли таълим ва методҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба шумо имкон медиҳанд, ки ба ислоҳи стратегияҳои таълим имкон пайдо кунед.**

Монеаҳ**о дар роҳи арзёбии ташаккулдиҳанда:**

Тасаввурот дар бораи он, ки хонанда дар ҷойи намедонистааш «дастгир» карда шавад;

Надонистани барномаи таълимӣ ва фарқи миёни мақсадҳои таълимӣ ва натиҷаҳои интизоршаванда аз

таълим;

Надонистани принсип ва методҳои замонавии арзёбӣ дар қабули қарор дар мавриди чӣ гуна арзёбӣ кардан;

Баҳодиҳӣ ба рафтор, ба ҷойи баҳодиҳӣ ба дастовардҳои таълимӣ;

Нофаҳмӣ дар байни хударзёбии хонанда ва арзёбии омӯзгор;

Мунтазир будан, ки хонандагон хударзёбиро худашон мефаҳманд;

Бовар доштан ба он, ки системаи назорат танҳо барои арзёбии ҷамъбастӣ равона шудааст.

## Адабиёт

### Бо забони тоҷикӣ

1.Азизов А.А., Иргашова М.У. Технология: таълим бо усулҳ**ои нав/**дастури методӣ **барои омӯзгорони фанни технология** (таълими меҳ**нат)**.-Душанбе, 2016.-76 с.

2.Азизов А.А., Ашӯ**роваТ.А. Ташкили фаъолияти лоиҳавии мутахассисони** оянда ва истифодаи методҳ**о дар дарсҳои технология. Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.**-116 с.

3.Алиев А.Б., Зиёев М. Н., Олимова Ф. К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳ**ои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидо**ӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2010.

4.Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ оид ба татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 65 саҳ.

5.Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Алиев А.Б., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараён таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2009.

6.Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Роҳ**намои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум” барои омӯзгорони синфҳои** ибтидоии муассисаҳ**ои таҳсилоти умум**ӣ. Душанбе: Маориф, 2016.-112 с.

7.Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Замима **ба китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи 4-ум” Душанбе: Маориф, 2016.**-40 с.

8.Исломов С., Обидова К.. Рӯ**зиева М. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарс**ӣ **барои синфи 6. Душанбе, 2004.-1**28 с.

9.Исломов С. Обидова К., Рӯ**зива М.Д., Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарс**ӣ **барои синфи 7. Нашри 2. Душанбе, 2015.-15**2 с.

10.Исломов С. Рӯ**зиева М.Д., Обидова К., Техно**логия (таълими меҳ**нат барои духтарон), китоби дарс**ӣ **барои синфи 8. Душанбе, 2007.-19**2 с.

11.Исломов С., Раҳ**имов С., Азизов А. Касбу** ҳ**унар (технология барои писарон) китоби дарс**ӣ **барои синфи 6. Душанбе: Фарас, 2005.**-141 с.

12.Ниёзов Ф., Олимова Ф., Зиёев М. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. – 78 с

13.Низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ барои татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 36 саҳ.

14.Рӯ**зиева М.Д., Обидова К., Исломов С. Технология (таълими меҳнат** барои дхтарон), китоби дарсӣ **барои синфи 5. Нашри 2. Душанбе, 2016.**-192 с.

15.Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. -Душанбе, 2007.- 376 с.

16.Сокол А.Б., Маҳорати педагогӣ. Маводи курси таълимӣ бо фармоиши ЮНИСЕФ Тоҷикистон, Душанбе -2014. - 117 с.

**Бо забони русӣ**

1.Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная моделҳ: от идеи к образователҳной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.

2.Зимняя И.А. Ключевқе компетентности как резулҳтативно-йелевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследователҳский йентр проблем качества подготовки спейиалистов, 2004

3.С.Л. Троянская. Основқ компетентностного подхода в вқсшем образовании, Учебное пособие для студентов магистратурқ психолого-педагогических направлений подготовки, издателҳский йентр «Удмуртский университет». – 2016, 176 стр.

4.Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формқ и методқ развития критического мқшления обучаюғихся. -КазАЧ, 2011

5.Мединйева И. П. Компетентностнқй подход в образовании / И. П. Мединйева // Педагогическое мастерство: материалқ II меҷдунар. науч. конф. (г. Москва, декабрҳ 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.

**Сарчашмаҳои Интернет**

1) http://www.ido.қғdn.қғ/psychology/pӯdagogical_psychology/8.html
2) http://www.molғch.қғ/conf/pӯd/ақchivӯ/65/3148/
3) http://pӯdliй.қғ/Йooks/5/0306/5_0306-1.shtml
4) http://makaқӯnkomғsӯғm.naқod.қғ/Classics/Komӯnsky/Komӯnsky_Yan_Amos_Vӯlikaya_didakt_izйқ.htm
5) http://www.litӯқacy-йғildӯқs.com/fқӯӯ-қӯsoғқcӯs/156-convӯntions-of-pқint-litӯқacy-a-z
6) http://www.қӯadingқockӯts.oқg/aқticlӯ/pқint-awaқӯnӯss-gғidӯlinӯs-instқғction
7) http://www.қӯadingқockӯts.oқg/aқticlӯ/sӯvӯn-stқatӯgiӯs-tӯach-stғdӯnts-tӯxt-compқӯhӯnsion йy C.Қ. Adlӯқ

Азизов Абдулатиф, Рӯзиева Мавлюда,
Азизов Шерзод, Насимӣ Мунзифахон.

# Барнома ва модули таълимии омӯзишӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни технологияи меҳнат (оид ба муносибати босалоҳият дар таълим)

**Муҳаррир** **Юлдош Шерматов**
**Муҳаррири техники** **Зафар Саъдуллоев**
**Тарроҳ** **Иқбол Сатторов**

**Ба чоп 06.07.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 18.0
Адади нашр 00 000.
Супориши № 12/2017.**

**Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024 ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.**